ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 891.550 (091) (83.3)

**САЪДУЛЛОЗОДА ИСМАТУЛЛО САЪДУЛЛО**

# ХУСУСИЯТҲОИ МАВЗУӢ ВА ЖАНРИИ АШЪОРИ АЛИМУҲАММАД МУРОДӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

**Роҳбари илмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор Кӯчарзода Аламхон

ДУШАНБЕ – 2025

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА..........................................................................................3-11**

**БОБИ I. РӮЗГОР ВА ОСОРИ АЛИМУҲАММАД МУРОДӢ...............12-37**

1.1. Зиндагиномаи Алимуҳаммад Муродӣ…...............................................12-15

1.2. Осори бадеии шоир.....................................................................................16-37

**БОБИ II. ҶАНБАҲОИ МАВЗУИИ АШЪОРИ АДИБ.............................38-75**

2.1. Мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ.......................................................................38-44

2.2. Баррасии мавзуи бачагӣ..............................................................................44-49

2.3. Ситоиши модар............................................................................................49-59

2.4. Тараннуми ишқу муҳаббат.........................................................................60-75

**БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ ЖАНРИИ АШЪОР ВА ҲУНАРИ НИГОРАНДАГИИ ШОИР.....................................................76-163**

3.1. Ашъори дар жанрҳои суннатӣ эҷодкардаи шоир.................................76-111

3.1.1. Мавқеи ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ.........................................................................................................76-92

3.1.2. Навъҳои дигари шеърҳои суннатӣ дар ашъори адиб.........................92-102

3.1.3. Тарҷеот....................................................................................................102-106

3.1.4. Манзума ва достонҳои Алимуҳаммад Муродӣ...............................106-111

3.2. Шеъри нав....................................................................................................111-129

3.2.1. Чаҳорпора..............................................................................................113-116

3.2.2. Шеъри нимоӣ ё арузи нав.......................................................................116-124

3.2.3. Шеърҳои хурди тасвирӣ.........................................................................124-129

3.3. Вазни ашъори Алимуҳаммад Муродӣ..................................................129-141

3.4. Ҳунари нигорандагии шоир...................................................................141-163

**ХУЛОСА**......................................................................................................164-166

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ**...............................................................................................................167

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**..................................................................................168-179

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар оғози солҳои шастуми асри XX дар адабиёти тоҷик иқдомҳои навҷӯӣ ва эҷоди қолабҳои озоди шеърӣ ба ҳукми анъана даромаданд. Дар ин ҷараёни навгароиву навҷӯӣ таъсири адабиёти Эрону Афғонистон ва нақши он дар рушду таҳаввули адабиёти солҳои 60-70-уми тоҷик хеле назаррас аст. Шоирони тоҷик аз ин иқдому майлҳои тозаи адабӣ истиқбол намуда, дар такя бар муҳити созгори эҷодӣ ба дастовардҳои зиёди адабӣ ноил гардиданд. Агар дар саргаҳи чунин майлу иқдомҳои навҷӯӣ Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат қарор дошта бошанд, дар солҳои бъдӣ Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, Гулназар Келдӣ, Гулрухсор, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло ва дигарон ин равияи эҷодиро хуш пазируфта, онро идома ва вусъати бештар бахшидаанд.

Яке аз адибоне, ки майлҳои зиёди худшиносӣ ва тозаҷӯию навгароӣ дорад, Алимуҳаммад Муродӣ мебошад. Ин адиби маъруф дар давоми фаъолияти эҷодии худ дар адабиёти тоҷик эҷодкориҳои назаррас карда, дар ашъори ӯ тасвир ва тавсифи Ватан, арзишҳои миллию таърихии фарҳанги ниёгон, шинохти муқаддасоти он, инчунин тараннуми ғояҳои олии инсонӣ мавқеи муҳимро касб намудаанд. Ашъори ӯ ба ҳам дар анвои суннатӣ – ғазалу достон, маснавӣ, рубоию дубайтӣ, мусаммат ва ҳам шаклҳои нави шеърӣ – чаҳорпора ва арузи нав рӯйи чоп омада, аз нигоҳи мавзую мундариҷа ва сабки баёну ифода диққати хонандаро ба худ ҷалб менамояд. Аз ин ҷост, ки дар шакли рисолаи илмӣ-пажӯҳишӣ ба таҳқиқ фаро гирифтани он на танҳо мавқеъ ва нақши шоирро дар назми муосири тоҷик муайян менамояд, балки он дар ҳалли масъалаҳои анъанаву навоварӣ дар жанру вазни шеър ва дигар паҳлуҳои назарии адабиёти тоҷик заминаи мусоид фароҳам меоварад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ**. Ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ҳанӯз аз нимаи дуюми солҳои 70-уми садаи XX таваҷҷуҳи адабиётшиносони ватанӣ ва муҳаққиқони хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Аввалин шеърҳои А. Муродӣ

бо таҳриру муаррифии кӯтоҳе аз ҷониби мунаққиди барҷаста Соҳиб Табаров дар нашриёҳои даврии замон ба табъ расидаанд [Табаров, 1978].

Ба маҷмуаи нахустини А. Муродӣ бо номи «Дастниҳол» (1983) шоир Убайд Раҷаб пешгуфтор навишта, аз мушоҳидаҳои борики шоирона, ташбеҳҳои тозаву обдор ва лавҳаҳои нафису дилчаспи ашъораш ҷавҳари истеъдоди ӯро ошкор намудааст [Раҷаб, 1983, с. 3].

Чоп гардидани «Дастниҳол»-ро адабиётшиносон ва мунаққидон бо шавқу завқ пешвоз гирифта, аввалин тақризро ба ин маҷмуа М. Имомов ва Ш. Раҳмонов [Имомов, Раҳмонов, 2009] таълиф намуда, «... аз парвози эҷодии мурғи илҳоми боз як адиби дигари умедбахш муждагонӣ медиҳанд» [Имомов, Раҳмонов, 2009, с. 126].

Муҳаққиқи дигаре, ки ба ашъори А. Муродӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, ашъори шоирро аз маҷмуаи нахустин мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст, Аламхон Кӯчаров мебошад. Номбурда бори нахуст соли 1984 бо номи «Нахли умед» ба маҷмуаи «Дастниҳол» тақриз навишта, ояндаи бобарори муаллифро чунин ёдовар мешавад: «Аминем, ки шоири ҷавон душвориҳои роҳи шеърро бурдборона паси сар карда, оқибат лоиқи эътирофу эҳтироми халқи азаизаш мегардад. Зеро, ба гуфти худи ӯ:

Ҳар кас, ки ба сайди орзу рафт,
З-он райъ ба ҳеҷ рӯ нагардад» [Кӯчаров, 1984, с. 4].

Баъд мунаққид ба маҷмуаҳои «Нози наврӯз» ва «Роҳи руҳ» низ тақризҳо навишта, торафт ташаккул ва такомул ёфтани ҳунари қаламкашии шоирро таъкид мекунад. Бояд гуфт, ки чанд мақолаи адабиётшинос А. Кӯчаров оид ба ашъори А. Муродӣ ҳамроҳи шоир ва адабиётшинос Нурмуҳаммад Сироҷӣ таълиф шудааст. Муаллифон, аз ҷумла дар мақолаҳои «Самараи умри шоир» ва «Фаввораи ҳунари шоир» ашъори дар замони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон навиштаи адибро баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадаанд: «Шеъри Алимуҳаммад Муродӣ дар замони Истиқлол вобаста бо фароҳам омадани имкониятҳои бештари эҷодӣ боз ҳам рушд карда, бо мазмуну

мухтаво, вусъати андеша ва услуби марғуби баён дар назми давраи нави тоҷик мавқеи сазовор касб намуд» [Кӯчаров, Сироҷӣ, 2016, с. 5].

Ҳамчунин, оид ба мазмуну муҳтавои ашъори А. Муродӣ муҳаққиқону адибоне чун Муҳаммадалии Аҷамӣ [2016], Маҷид Салим [2020], Ҳафиз Раҳмон [2018], О. Нуриддинов [1988] , Ф. Меликиён [2020] дар мақолаҳои алоҳидаи худ изҳори андеша кардаанд.

Шоир ва адабиётшинос Муҳаммадалии Аҷамӣ дар бораи ашъори суннатӣ ва нимоии Муродӣ сухан карда, ба чунин хулоса омадааст: «Муродӣ ба нигоҳи дигар ва бояд арз дошт, ки тоҷикона ба шеъри нимоӣ таровати махсус овард, ки саршор аз атри гул, гиёҳ ва манзараҳои кишт аст, ки шоир бо он ҳама ҳамканор будааст:

Замини умрро шудгор кардам,
Ҷавониро дар он киштам, Нарӯид» [Аҷамӣ, 2016, с. 11].

Дар китоби «Адабиёти тоҷик дар замони Истиқлол» [Имомзода, Кӯчарзода, Абдуллозода, Табарӣ, 2020], вақте ки сухан дар бораи замони истиқлол маравад, ашъори А. Муродӣ ҳам ба таҳқиқ гирифта мешавад.

Аз муҳаққиқони хориҷӣ адабиётшиноси эронӣ Алиасғари Шеърдӯст дар асараш «Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик» [Шеърдӯст, 1997] перомуни ҷанбаъҳои гуногуни эҷодиёти А. Муродӣ назари худро ироа кардааст.

Дар охири китоби «Шафақи шом» (2020) гузориши номзади илмҳои сиёсӣ Муҳаммадризо Халифазода бо номи «Ҷойгоҳи Алимуҳаммад Муродӣ дар адабиёти муосири форсу тоҷик» ҷойгир шудааст, ки дар он намунаҳои афкори хонандагони ватаниву хориҷӣ дар саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии маҷозӣ перомуни эҷодиёт ва шахсияти Алимуҳаммад Муродӣ оварда шудааст: «Акси садои хонандагон, – менависад М. Халифазода, – ба шеърҳои устод Муродӣ дар саҳифаҳои адабии шабакаҳои иҷтимоӣ, ба мисли Фейсбук гувоҳи ба ҳадаф расдани шоир ва маҳбубияти хосса пайдо намудани ӯ дар байни мардум мебошад» [Халифазода, 2020, с. 399].

Мураттиб мисли Зафар Суфӣ, Сироҷиддин Икромӣ, Шарифмурод Исрофилниё, Ҳафиз Раҳмон, Шариф Раҳмон, Озар Салим, Сафар Айюбзодаи Маҳзун, Сафар Давлат андешаҳои зиёда аз 50 хонандаи тоҷикистонӣ ва чун Ҳорни Роун, Масъуди Атрофӣ, Замон Станизай, Фаттона Рамазонӣ, Сулаймон Дидор Шафеӣ, Ҳумо Муслим мулоҳизаҳои зиёда аз 30 хонандаро аз минтақаҳои гуногуни мамлакатҳои Амрико, Британияи Кабир, Эрон, Афғонистон, Канада, Олмон, Русия ҷамъоварӣ кардааст. Рӯзноманигор Зафар Суфӣ чунин нигоштааст: «Зиҳӣ Муродии бузургвор! Шоири озода, ки ҳама шеърҳояш забони дардҳои озодагон аст. Марде сарбаланд қонеъ ва вораста, ки рисолати худро дар хиёнат накардан ва асолати худ ва ойини ҷавонмардӣ донисту дар он пойдор монд» [Халифазода, 2020, с. 422].

Ё худ шоири маъруфи Афғонистон Партав Нодирӣ, вақте ки ба шеърҳои А. Муродӣ шинос мешавад, чунин изҳори андеша мекунад: «Дар анҷуманҳои шеърӣ дар Афғонистон, Эрон, Урупо, Конодо, Амрико ва дигар нукоти олам пайваста иштирок мекунам ва аз вазъи имрӯзаи шеъри форсӣ хуб огаҳӣ дорам. Шоиреро дар пояи Алимуҳаммад Муродӣ ёфтан душвор аст. Ӯ барҳақ аз саромадони шеъри муосири форсӣ дар ҷаҳон аст» [Халифазода, 2020, с. 417].

Ҳамон тавре ки мушоҳида гардид, ҳаёту эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ ва муҳтавои осори ӯ ба таври умумӣ дар тақриз ва мақолаҳои болозикр ва шабакаҳои иҷтимоӣ таъкид шудаанд, вале ба таври мукаммал рӯзгор ва осори ин шоири маҳбуб мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, месазад, ки ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Алимуҳаммад Муродӣ ба таври муфассал таҳлилу таҳқиқ гардад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқи мазкур бо барнома ва мавзуъҳои илмии кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат менамояд. Хулосабарориву натиҷагириҳо аз он дар такмили барномаҳои таълимӣ ва илмӣ мусоидат карда метавонад.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади таҳқиқро таҳқиқу баррасии амиқу мукаммали ҳаёту фаъолияти А. Муродӣ ва хусусиятҳои бадеии ашъори ӯ ташкил медиҳад. Бо дарназардошти он ки эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ вобаста ба мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои бадеӣ ба нимаи дуюми садаи бист ва адабиёти даврони Истиқлол тааллуқ дорад, таҳқиқи мавзуъ ва масъалаҳои марбут ба ашъори шоир ба таври дақиқ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқ**. Кори диссертатсионии мо тақозо дорад, ки дар ҷараёни таҳлилу таҳқиқ вазифаҳои зерин ба миён гузошта шаванд ва ҳаллу фасл гарданд:

- баррасии мухтасари зиндагиномаи Алимуҳаммад Муродӣ дар асоси ёддошти худи адиб ва таълифоти ҳамқаламону муҳаққиқони осори шоир;
- омӯзиши омории осори бадеии адиб;
- муайян намудани ҷанбаи мавзуии ашъор вобаста ба шароитҳои таърихии давр;
- шарҳи мухтасар доир ба мавзуъҳои Ватан, бачагӣ, ситоиши модар, тараннуми ишқу муҳаббати инсонӣ;
- таҳлилу таҳқиқи ашъори шоир аз нигоҳи жанр, ашъори суннатии адиб;
- муайян намудани мавқеи шеъри нав ва чаҳорпора дар эҷодиёти шоир;
- муайян намудани шеъри озод ва ашъори хурди тасвирӣ ва мавзуи онҳо;
- баррасии истифодаи баҳрҳои аруз дар шеъри шоир.

**Объекти таҳқиқ.** Объекти таҳқиқро дар рисола хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқ.** Предмети пажӯҳишро зиндагинома ва хусусиятҳои мавзуию жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ дар бар мегирад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Муаллиф зимни омӯзиш ва баррасии мавзуъ аз дастовардҳои илмии донишмандон ва муҳаққиқони номвари хориҷию ватанӣ, бахусус, асару мақолаҳои Сируси Шамисо [109], Алиасғари Шеърдӯст [134], Муаззама Иқболӣ [71], Абдулҳусайни Зарринкӯб [66], Г.Н. Поспелов [98], М.Р. Рейснер [103], Соҳиб Табаров [110], Муҳаммадҷони Шакурӣ [125], Худоӣ Шарифов [130; 131; 133], Раҳими Мусулмониён [90; 91; 92], Маҳмадюсуф Имомзода [69, 70], Аламхон Кӯчарзода [70; 75; 76; 78; 79], Абдулҳай Маҳмадаминов [83], Матлубаи Мирзоюнус [88; 89], Мисбоҳиддин Нарзиқул [95] ва дигарон истифода кардааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ**. Дисертатссия дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, оморӣ, омӯзиши типологии жанрҳо ва консепсияи таҳлилу таҳқиқи асари бадеӣ таълиф ёфтааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ**. Дар диссертатсия дар баробари маҷмуаҳои Алимуҳаммад Муродӣ бо роҳи муқоиса аз ашъори дигар адибони тоҷик истифода шудааст. Рисола дар заминаи ашъори дар маҷмуаҳои Алимуҳаммад Муродӣ – «Дастниҳол», «Нози Наврӯз», «Роҳи руҳ», «Чароғи рӯзадор», «Хайрбоди баҳор», «Моҳи хасрав», «Боғи мурод», «Шафақи субҳ» ва хусусан, китоби «Сунбулкон», ки соли 2018 ба чоп расидааст, фароҳам омадааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Диссертатсия дар илми адабиётшиносӣ нахустин кори таҳқиқии фарогир оид ба рӯзгору осор, мазмуну муҳтаво ва сабки баёни ашъори Алимуҳаммад Муродӣ мебошад. Аз таҳқиқи рӯзгору осори Алимуҳаммад Муродӣ маълум мегардад, ки мавсуф дар тасвири ҳаёти иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас дошта, дар ташаккули назми нимаи дуюми садаи XX ва адабиёти даврони Истиқлоли тоҷик нақши босазо гузоштааст. Тасвироти бадеӣ дар арузи нав ва эҷоди силсилаи шеърҳо аз ҷониби ӯ диққатҷалбкунанда мебошад. Корбурди шаклҳои суннатии шеър низ аз вижагиҳои ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ба ҳисоб рафта, шоир намунаҳои барҷастаи чунин шеърҳоро офарида, бо диду ҳунари фарққунандааш дар адабиёти давраи навин ҷойгоҳи муносиб дорад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Сарфи назар аз он ки А. Муродӣ аз солҳои 80-асри ХХ ба майдони адабиёт ворид шуд, бешубҳа, бо истифодаи шаклҳои гуногун ва тасвири бадеии манзараҳои воқеӣ дар ҷараёни ташаккул ва рушду инкишофи адабиёти замони шуравӣ ва даврони Истиқлол фаъолона иштирок намудааст.

2. А. Муродӣ яке аз шоирони сермаҳсули замони худ маҳсуб дониста шуда, моро водор менамояд, ки ба таҳқиқи осори бадеии ӯ таваҷҷуҳ зоҳир намоем. А. Муродӣ, ки дар таърихи адабиёти муосири тоҷик ҳамчун шоири болаёқат маъруфият пайдо намудааст, дар баробари ин, ӯ ҳамчун нависанда ва публитсисти болаёқат этироф гардидааст.

3. Дар доираи як рисолаи номзадӣ фаро гирифтани ҳамаи паҳлуҳои эҷодиёти шоир, нависанда ва ё публитсист ғайриимкон аст, дар робита ба ин, масъалаи асосӣ ва меҳварии диссертатсия дақиқу равшан намудани осори манзуми А. Муродӣ ва ба ин нақшу мақоми шоир дар назми солҳои 80- 90 – ум ва адабиёти давраи Истиқлол ба ҳисоб меравад.

4. Дар ҷараёни таҳқиқ муайян гардид, ки ашъори А. Муродӣ доираи васеи мавзуӣ дошта, мавзуҳое чун Ватан ва ватандӯстӣ, ситоиши модар, тараннуми ишқу муҳаббат, васфи айёми бачагӣ ва инъикоси манзараҳои табиатро дар худ фаро гирифтаанд.

5. Ашъори А. Муродӣ, ки дар шаклҳои суннатӣ шеърӣ ( ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, мусаммат, тарҷеъбанд, манзума, достон) суруда шудааст, дар эҷодиёти ӯ мақоми хоссаро касб намудаанд. Дар эҷодиёти шоир ҷустуҷӯйи навовариҳои ин қолабҳои шеърӣ ба мушоҳида мерасад.

6. А. Муроди ҳангоми эҷоди сурудаҳои хеш ба назми классики ва муосири форсии тоҷикӣ, адабиёти халқҳои дигар, эҷодиёти шифоҳии мардумӣ такя намуда, аз нуқтаи назари навоварӣ дар мавзуъҳо, роҳҳои ифодаи ҳиссёт ва фикрҳо, низоми тасвирҳои шоирона, инъикоси тасвири қаҳрамонони ғиноӣ ва дигар унсурҳои ташкилкунандаи назм сазовори таваҷҷуҳи хосса мебошад.

7. Шоир қудрати таъсирбахшии шеъри худро бо забони тоҷикӣ ва мусиқии ба он хос тавассути воқеияти бадеӣ дар асарҳои худ таҳким бахшидааст.

8. Дар эҷодиёти А. Муродӣ шаклҳои нави шеърӣ, чун чаҳорпора, шеъри нимоӣ ё арузи нав, шеърҳои кутоҳи тасвирӣ мавҷуданд, ки аз навҷӯию навпардозии шоир гувоҳӣ медиҳанд.

9. Маҳорати эҷодии шоир, пеш аз ҳама, дар истедоди ҳасатбарангези ӯ таҷассуми ҷаҳони атрофи ҳиссу афкори қаҳрамонони ғиноӣ, тарзи ҷолиби суханронии шоирона, таровати тасвирҳо ва истифодаи роҳу воситаҳои мухталифи тасвири бадеӣ зоҳир мегардад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ**. Диссертатсия ба сифати нахустин пажӯҳиш ва баррасии муфассали илмӣ дар омӯзиши назми муосири тоҷик, истифодаи фаровони арузи нав дар шеър ва хусусан, осори гуногунсамту фарогири Алимуҳаммад Муродӣ мусоидат менамояд. Мавод ва хулосаҳои диссертатсияро ҳангоми таълифи китобҳои дарсии макотиби миёна ва олӣ, асарҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ метавон истифода кард. Дар баробари ин, диссертатсия дар таълими фанҳои таърихи адабиёти тоҷик, назария ва амалияи назм, курс ва семинарҳои тахассусӣ, таълифи корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатму магистрӣ ба устодону донишҷӯён ва магистрантон, аспирантони факултетҳои филологию рӯзноманигорӣ ёрӣ расонда метавонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зуҳур меёбад, ки ба дақиқу равшан намудани хусусиятҳои назми муосири тоҷик, муқаррар намудани имконоти арузи нав дар назм, ки тамоми паҳлуҳои ашъори Алиаҳмад Муродиро фаро гирифтаанд, мусоидат менамояд. Ҳамчунин, диссертатсияро ҳангоми омӯзиши курси таърихи адабиёти тоҷик, гузаронидани дарсҳои омӯзиши курсҳои махсус дар факултетҳои филологии макотиби олии кишвар мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ – «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори

Алимуҳаммад Муродӣ» бо масоили таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Масъалаҳои асосии дар диссертатсия таҳқиқшаванда аз ҷониби роҳбари илмӣ тарҳрезӣ шудаанд. Муаллифи диссертатсия дар асоси маводди фаровони илмӣ ва бадеӣ хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродиро арзёбӣ намуда, ҷойгоҳ ва мақоми ашъори ӯро дар осори манзуми муосири тоҷик нишон медиҳад. Натиҷаи асосии таҳқиқ дар диссертатсия ва инчунин мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Қисмати асосии таҳқиқ дар конференсияҳои илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2017-2024), конференсияҳои ҷумҳуриявии «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии адабиёти аҳди ҷадидия ва даврони шуравии тоҷик» (Душанбе, 2017) ва «Масъалаҳои мундариҷа дар адабиёти тоҷики даврони Истиқлол» (Душанбе, 2018) баён шудаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратҷаласаи № 12 аз 11.06.2024) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии пажӯҳиш дар 4 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷаллаҳои дигари илмӣ ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 10 фасл, 7 зерфасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он аз 179 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

# БОБИ I

# РӮЗГОР ВА ОСОРИ АЛИМУҲАММАД МУРОДӢ

## 1.1. Зиндагиномаи Алимуҳаммад Муродӣ

Алимуҳаммад Муродӣ сеюми августи соли 1945 дар деҳаи Қавоқи ноҳияи Шурообод (Шамсиддин Шоҳин)-и вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Бобои падарии шоир – Сафар ва бибиаш – Собира аз деҳаи Ҷӯлӣ, ки дар наздикии деҳаи Қавоқ воқеъ гаштааст, будаанд. Бобои Сафар дар хонадони яке аз фарзандони Шайх Мадамони Валӣ, ки марди валӣ ва соҳибкаромот буду пири мардуми кӯҳистон ба ҳисоб мерафт, хидматгор буд. Мазори Шайх Мадамони Валӣ дар деҳаи Порвори ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ҷойгир аст ва имрӯз ҳам зиёратгоҳи хоссу ом мебошад. Бобои Сафар соҳиби панҷ писар: Мурод (падари шоир), Машариф, Абдуқодир, Баротмад ва Хусрамад буд. Аз онҳо ду нафарашон – Абдулқодир ва Баротмад соҳибмаълумоту қории Қуръон буда, солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ ба Афғонистон (1979-1986) рафта, дигар барнагаштаанд. Аз рӯйи нақли шоир, амаки мулло Баротмад барвақт фавтида, амаки мулло Абдуқодир то солҳои ҷанги Шуравӣ дар Афғонистон (Инқилоби Савр) дар қайди ҳаёт будааст. Дар яке аз ҳамлаҳои қӯшунҳои Шуравӣ мушак ба дуконаш афтида, ба ҳалокат мерасад.

Падари шоир фарзанди калони хонадон буд, аз сабаби ёрӣ расонидан ба аҳли оила ӯ имкони таҳсилро пайдо накардааст. Бо вуҷуди ин, марди соҳибистеъдоду кордон будааст. Дар ҷӯйкобию оббарорӣ маҳорати зиёд дошта, то ҳол тарҳи ҷӯйҳои сохтааш дар байни деҳаи Хуҷаи Ҷомарду канори дарёи Панҷ боқӣ мондаанд. Баъдтар ба кори санговгарӣ (тилокорӣ) машғул гардида, як муддат сардории ин гурӯҳро ба уҳда дошт. Назар ба нақли худи шоир, табақу тарозуҳои тилокашии падараш то соли дар қайди ҳаёт будани модарашон маҳфуз буданд. Ин нуктаро Муродӣ дар шеъри «Ҷӯйи мурод» хеле барҷаста ба қалам додааст:

Гӯянд солҳо,

Санговгар будаст.

Дасташ дар оби зар,

Гӯянд тар будаст.

Аз зиндагӣ вале,

Дар сина доғ дошт.

Дасти пуробила,

Ҷайби сурох дошт.

Буд ошиқи замин,

Дилбастаи ҳаёт.

Як марди покдил,

Як марди бомурод.

Моле аз ӯ намонд,

Номе ба ёд монд.

Дар роҳи Сурхалам,

Ҷӯйи мурод монд [18, с. 49-50].

Баъдтар, падари шоир – бобои Мурод аз тилокорӣ даст кашида, то замони ба таҳдашт муҳоҷир шудани мардуми кӯҳистон ҳамчун подабони колхоз шуда кор кардааст. Пас аз ба Метантуғай (ҳозира ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) кӯчиданд, то охири умр дар колхози ба номи Киров фаъолият кардааст. Падари шоир соли 1953 аз олам мегузарад. Аз падару модар онҳо се нафар буданд: Алимуҳаммад, Валимуҳаммад (додараш), Хубон (хоҳараш). Хоҳари шоир – Хубон соли аввали ба ноҳияи Ҳамадонӣ омадан мисли садҳо кӯдакони ба гармии ин минтақа тоб наоварда, мефавтад. Бародари шоир – Валимуҳаммад ба тиҷорат машғул буда, дар шаҳри Душанбе кору зиндагӣ менамояд. Меҳру муҳаббати худро шоир ба ягона фарзанди падараш дар шеъри «Бародари ман» (барои бародарам Валимуҳаммад) хеле барҷаста ва самимӣ ифода кардааст:

Эй сояи давлати сари ман,

Маҳбуби ба ҷон баробари ман,

Шаҳболам агар, ту шаҳпари ман,
Пушту қанатам, бародари ман.

Дидори ту чашми рӯшани ман,
Меҳри ту баҳору гулшани ман,
Эй маънии зинда будани ман,
Пушту қанатам, бародари ман [18, с. 34].

Модари шоир – Ойҷонбӣ зодаи деҳаи Навободи ноҳияи Шамсиддин Шоҳин буд. Бобои модариаш Оқсақол Эмоммад шахси боэҳтироми деҳаи номбурда ва дигар деҳаҳои гирду атрофи деҳаашон буд. Солҳои аввали Ҳукумати Шуравӣ тарки ватан карда, ба Афғонистон меравад ва дигар барнамегардад. Баъд аз фавти падар тарбияи шоир ва бародараш ба зиммаи модараш меафтад. Баъдан хонаводаи Муродӣ ба деҳаи Саркокул, ки қариб 20 километр аз маркази ноҳия дур воқеъ буд, кӯч мебанданд ва Алимуҳаммад то синфи 7-ум дар он ҷо таҳсил мекунад. Сипас, ба мактаб-интернати овозадори «Коммунизм»-и деҳаи Саричашма рафта, мактаби миёнаро он ҷо хатм менамояд. Бояд қайд намуд, ки сабақ дар ин даргоҳ ба шахсияти адабии Муродӣ таъсири амиқ гузоштааст. Худи адиб дар суҳбате қайд намуд, ки аксари китобҳои бадеии дар китобхонаи мактаб ҷойдоштаро ҳамроҳи ҳамсинфонашон хонда будаанд.

Пас аз хатми мактаб-интернат ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи забону адабиёти тоҷики Университети давлатии ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) супорида, сазовори номи пуршарафи донишҷӯй мегардад ва онро соли 1969 бо баҳои хубу аъло хатм менамояд. Баъди хатми донишгоҳ, ба саффи Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шуравӣ ба сифати афсари қӯшунҳои пиёдагард дар Шарқи Дур ва баъдтар, ҷонишини сардори рота адои хизмат менамояд. Ҳангоми хизмат ӯ худро ҳамчун афсари шуҷоъю ҷасур нишон дода, бо медали «Барои шуҷоати ҳарбӣ» бахшида ба 100-солагии В. И. Ленин мукофотонида мешавад. Пас аз адои хизмати ҳарбӣ ба Тоҷикистон баргашта, се сол дар мактаби миёнаи №1-и ноҳияи Ёвон ҳамчун

муаллими фанни тайёрии ҳарбӣ ва забони тоҷикӣ дар синфҳои русӣ ва баъдан мушовири шуъбаи маорифи ноҳияи Ёвон шуда фаъолият менамояд. Сипас, бо хоҳиш ва ташвиқи сармуҳаррири рӯзномаи «Коммунисти Ёвон», рӯзноманигори шинохтаи ҷумҳурӣ Ғуломҳайдар Миралиев ба кори рӯзноманигорӣ гузашта, аввал ходим, баъдан мудири шуъба ва сипас сармуҳаррири рӯзномаи зикргардида то соли 1981 фаъолият менамояд. Соли 1981 ба рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қурғонтеппа» ба кор меояд ва ӯро мудири шуъбаи маориф ва маданият таъин мекунанд. Ҳамроҳи шоири шинохтаи тоҷик – Пиримқул Сатторӣ маҳфили шоирони ҷавонро бо номи «Гулбарг» таъсис медиҳанд. Аъзои ин маҳфил – Нуқраи Суннатниё, Рафоат, Чӯпон Бадали Ванҷӣ, Усмон Билолӣ, Сиёвуш, Сайидҷамол Зиёӣ, Зайниддини Ҷомӣ, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Сайдаҳмади Зардон, Сайдаҳмади Ҳасан, Мирзо Восеъ, Ғафур Мулло, Баёзӣ дар пешравии адабиёти давраи нави тоҷик саҳмгузор мебошанд.

Соли 1986 ба телевизиони ҷумҳурӣ ба кор даъват мешавад. Муродиро ба сифати иҷрокунандаи мудири шуъбаи кинои телевизиони мазкур ба кор мегиранд. Дертар, ба редаксияи мусиқӣ гузашта, аввал ба ҳайси муҳаррир, баъдан сармуҳаррир шуда кор мекунад. Бо саъйу кӯшиши ӯ якчанд барномаҳои нав дар шуъбаи мусиқӣ ба майдон омаданд. Барномаи пагоҳирӯзии «Сапеда», ки имрӯз номи «Субҳ»-ро гирифтааст, «Ширу шакар» (барномаи якҷояи шоиру ҳунарпеша), «Чойхонаи дилкушо» ва дигарон аз зумраи онҳоянд. Сипас, ҳамчун мудири шуъбаи назм ва танқиди адабии Иттифоқи нависандагон кор кардааст. Соли 1993 бо тақозои ҳаёти оилавӣ ба назди модараш ба ноҳияи Ҳамадонӣ меравад. Айни замон дар он ҷо ба деҳқонӣ ва кори эҷодӣ машғул мебошад.

Октябри соли 2020 бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Алимуҳаммад Муродӣ унвони Шоири халқии Тоҷикистон дода шуд.

## 1.2. Осори бадеии шоир

Мувофиқи гуфтаи худи адиб, ӯ шеъргӯиро аз овони таҳсил дар мактаби миёна оғоз кардааст. Мутаассифона, то дер боз аз шеъргӯии худ ба касе хабар надодааст. Ҳатто Гулрухсор Сафиева, ки дар замони донишҷӯйӣ роҳбарии маҳфили «Адибони ҷавон»-ро ба дӯш дошт, аз шеъргӯии Муродӣ тавассути дигарон огоҳ мешавад. Алимуҳаммадро чандин маротиба даъват мекунад, ки ба маҳфил биояд ва навиштаҳояшро оварда, муҳокима намоянд, лекин ӯ бо ҳар баҳона рад мекунад.

Завқи шеър гуфтан Алимуҳаммадро ҳеҷ вақт ором намегузорад. Ҳамон солҳо дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» зери лавҳаи «Аз эҷодиёти муаллимон» шеъру ҳикояҳо чоп мешуд. Ӯ шеъре таҳти унвони «Суруди вафодорӣ» [8, с.6] ба рӯзнома мефиристад ва ин шеър дар ҳафтанома шашуми сентябри соли 1975 бе ягон таҳрир чоп мешавад. Шеър дар қолаби мусаммати муррабаъ аз се банд иборат эҷод шуда, мавзуи ишқиро дар бар гирифтааст. Таъбирҳои шоирона – чодари шаб, арӯси рӯз, сақфи гардун, суруди шаб, боди шабрав, насими роҳгузар ва монанди инҳо самимияти шеърро хеле барҷаста нишон додаанд:

Ба пушти чодари шаб чун арӯси рӯз пинҳон шуд,  
Чароғи ахтарон бар сақфи гардон чун фурӯзон шуд.  
Суруди шаб танинандоз дар кӯҳу биёбон шуд,  
Биё, бар ваъдагоҳи мо, азизам, интизорат ман...

Даме дар гулшани фасли ҷавони мо хазон ояд,  
Сафедиҳо ба тори мӯйҳомон ноаён ояд.  
Туро ёди ҷавонӣ, ёди ёри меҳрубон ояд,  
Биё, бар ваъдагоҳи мо, азизам интизорат ман [8, с. 6].

Чоп шудани шеъри нахустин руҳу илҳоми шоири ҷавонро хеле баланд мебардорад. Аз ин ҷост, ки дар рӯзномаҳои «Маориф ва маданият» (ҳоло «Омӯзгор») ва «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон»)

шеърҳои адиб пайваста чоп мешаванд. Дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» дуюми октябри соли 1976 ду шеъри Муродӣ бо номҳои «Қафас бишкан» ва «Оянда дар пеш» [9, с. 5] чоп мешаванд. Шеъри «Қафас бишкан» дар қолаби мусамматии мухаммас иншо шуда, аз чор банд иборат аст. Ду банди аввал қолаби мухаммас ва ду банди охир қолаби шашмисраъгӣ (мусаддас) суруда шудаанд. Шеър тамсилӣ буда, дар он ақидаҳои озодихоҳӣ ва озодандешии адиб таҷассум ёфтааст:

Саҳар вақте ки андар маҳфили мурғон
Ҳадис аз рӯзи нав оғоз мегӯянд.
Зи ҳусну марғзору хандаи гулҳо
Ба шавқу лаззати парвоз мегӯянд,
Ба гӯшам мерасад овози фарёдат...
Қафас гар аз зари холис бувад, марг аст,
Мадоро нест, медонам, бад-ин пастӣ.
Ҳаловат мебарад хоҷа зи фарёдат,
Макун афғон дигар, эй мурғ, исён кун.
Қафас ё пора бинмо, болу пар бикшо,
Ва ё ҷон дар сари ин кор қурбон кун [9, с. 5].

Дар «Хотираҳо» [20, с. 40] атрофи ин шеър суҳбати адабиётшинос – Соҳиб Табаровро ба ёд оварда, Муродӣ менависад: «Шеър каме ба замона мувофиқат намекунад. Ту киро роҳ нишон медиҳӣ, ки қафасро пора кунад, ё дар ин роҳ худро қурбон» [20, с. 4].

Шеъри «Оянда дар пеш», дар қолаби чаҳорпора эҷод шуда, аз се банд иборат аст. Ба мавзуи ҷавонӣ бахшида шуда, ҷавононро ҳушдор месозад, ки ин давраи зиндагониро самараноку боманфиат бояд истифода кард:

Гузашта рафт, лек оянда дар пеш,
Умеди олами оянда дар пеш.
Агар маҳ рафт, навмед аз чӣ гардӣ,
Чу хуршеди ҷаҳон тобанда дар пеш... [9, с. 5].

21-уми марти соли 1976 дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») шеъри «Шаби Ёвон»-и шоир чоп мешавад [10, с. 4]. Мавзуи шеър аз муҳаббат ба ватан ва ғояҳои ватандорӣ иборат буда, дар қолаби чаҳорпора эҷод гардидааст. Адиб дар шеър аз санъати бадеии талмеҳ устодона истифода намуда, дарёи Ёвонро аз Рукнободи Шероз кам намедонад:

Зи Ёвонсу вазида боди гулбоз,
Маро хонад ба сӯйи хеш ҳар дам.
На кам бошад зи Рукнободи Шероз,
Канори он, муҳоботе накардам.

Мисоли тоқии гулдӯзии туст,
Фазои Хоҷаабдолону Мастон.
Биё, ҷоно, аҷоиб беғубор аст,
Ба фасли навбаҳорон шоми Ёвон [10, с. 4].

23-юми марти соли 1978 бо пешгуфтори адабиётшинос Соҳиб Табаров ду шеъри адиб дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба чоп мерасад. Соҳиб Табаров дар пешгуфтори рӯзнома чунин гуфтааст: «Пас аз қабули қарори КМ КПСС «Дар бораи кор бо ҷавонони эҷодкор» фаъолияти эҷодии як зумраи адибони ҷавони тоҷик инкишоф ёфта истодааст. Аз ҷумла, чанд вақт боз шеърҳои Алимуҳаммад Муродӣ дар саҳифаи матбуоти даврӣ чоп шуда истодаанд. Ҳоло шоири ҷавон ба пешвози даҳсолагии аз худ кардани заминҳои бекорхобидаи Ёвон дар болои силсилаи шеърҳои «Афсонае, ки ба ҳақиқат бадал шудааст» кор мекунад. Аз байни ашъори бисёри Алимуҳаммад Муродӣ ба хонандагони киромӣ боз ду шеърро ҳамчун намуна пешниҳод карда, ба муаллифи онҳо комёбиҳо ва роҳи сафед орзу менамоем» [110, с. 4].

Шеъри аввал «Ману зиндагӣ» ном дошта, дар шакли чаҳорпора эҷод шуда, аз 4 банди чаҳормисрагӣ иборат аст:

Ҷаҳон дар ман ниҳон, ман дар ҷаҳонам,
Ҷаҳон аз ман ҷавон, ман з-ӯ ҷавонам.
Намонам, гар намонад зиндагонӣ,

Бимонад зиндагӣ, гар ман намонам [11, с. 4].

Дар ин порчаи шеърӣ тамоми унсурҳои адабӣ риоя гардидааст. Шеъри дуюм «Деҳқондухтар» ном дошта, дар шакли шеъри нимоӣ эҷод шудааст ва бо мисраъҳои зерин оғоз меёбад:

Баҳоре рӯ.

Баҳоре мӯ,

Баҳори дигар андомат.

Пироҳан чун гулистоне

Шукуфта андар он қомат [11,  с. 4].

Дар шеър адиб аз санъати ташбеҳ хеле устодона кор гирифтааст. Баҳорро ба рӯю мӯю андоми деҳқондухтар монанд карда, пероҳанашро ба гулистон монанд кардааст.

Маҷмуаи аввалини Алимуҳаммад Муродӣ соли 1983 бо пешгуфтори Шоири халқии Тоҷикистон Убайд Раҷаб бо номи «Дастниҳол» аз чоп мебарояд [102, с. 3]. Ба ин маҷмуа адабиётшиносон М. Имомов ва Ш. Раҳмонов таҳти унвони «Бо азми парвоз» тақриз менависанд ва перомуни ҳунари шоир Муродӣ чунин мегӯянд: «А. Муродӣ ҳаётро фаррох ба тасвир гирифтан мехоҳад, кулли мавҷудот ва воқеаҳои олам зери назар ва дар лавҳи хотираш мебошанд. Мо аминем, ки фардо ба сӯйи мақсад андешаҳои тулониаш озод ва сабук ба парвоз меоянд, соҳиби муваффақиятҳои наву писандидае мегардад» [69, с. 126]. Дар маҷмуа 22 шеър  оварда шуда, манзумаи «Парвоз» ва достони «Давлат»-ро низ дар бар мегирад. Ин маҷмуа бо шеъри «Орзу дорам» оғоз меёбад, ки он аз як тараф, монеаҳои муҳимму вазифаҳои рӯзмарраи адабиёт, дахолати фаъолонаи адибро ба ҳаёти ҷамъиятӣ таъкид менамояд, аз тарафи дигар, хонандаро ба мавзуъҳои маҷмуа ошно месозад:

Орзу дорам на меҳмон,

Балки соҳибхона бошад бахт дар ҳар хонадон,

Гашта аз ҳар хона берун аллаҳои модарон

Ҳамчу кафтарҳои симинбол болу пар зананд.

Орзу дорам

Намонад кинае

Дар синае,

Туҳмату таҳқиру макру даллабозӣ дар касе,

Тинати одам шавад бе занг чун оинае.

Орзу дорам, ки ҷуз испори деҳқон баъд аз ин,

Ҳеҷ кас дигар насозад чок домони замин [12, с. 5-6].

Адабиётшинос А. Кӯчаров перомуни матншиносии шеъри мазкур дар мақолаи «Нахли умед» ба мисраъҳои

Намонад кинае

Дар синае

ки бо айби коркунони матбаа, пасу пеш омада, сабаби костагии вазн гардидаанд, эрод гирифтааст [76, с. 3].

Орзу дорам

Дар синае

Намонад кинае

Мутаассифона, шеър дар маҷмуаҳои баъдинаи шоир ҷой дода нашудааст.

Дар шеърҳои «Андешаҳои шаб», «Мо – хокиён ҳамхонаем» ақидаҳои инсондӯстӣ, башардӯстӣ ва сулҳпарваронаи қаҳрамони ғиноӣ ба воситаи санъатҳои гуногуни бадеӣ ва ифодаҳои халқӣ хеле мувофиқ садо додаанд. Калима ва ибораҳои «қатл, виззоси тир, хавф, паридани чашми чап, занҷир, туҳмат, дасти ба пуштбаста» ба тору пуди шеъри «Андешаҳои шаб» дохил гардида, дар ифодаи руҳияи одами Шуравӣ, ҳамдилии ӯ ба меҳнаткашони дунё ва муносибаташ ба ҷангу ҷидол кумак расонидаанд:

Имрӯз даҳр чун шабу рӯзи гузашта нест,

Тақдири мову қисмати олам дигар якест.

Ҳамсоя шуд ду гӯшаи дунё дар ин замон,

Аз хонае ба хонае оташ гузаштанист [12, с. 7].

Дар шеърҳои «Пайраҳа», Гуфтугӯ бо дил», «Гуфтам ба зиндагӣ», «Зиндагӣ» ва «Исён кунам» шоир мавзуи ҷанги ҳозиразамонро, ки ба нест

кардани тухми инсон дар рӯйи замин нигаронида шудааст, маҳкум карда, ба он зиндагии хушбахтонаро муқобил мегузорад. Дар шеъри «Гуфтам ба зиндагӣ» аз санъатҳои саволу ҷавоб ва тазод хеле хуб истифода кардааст. Дар ин шеър калимаҳои ширину талх, ҳаёту марг, гулу хор, покизаю ғубор, васлу фироқ, аз як тараф санъати тазоду муқобала бошанд, аз ҷониби дигар, таносуби суханро таъмин намудаанд.

Дар умум, дар ин маҷмуа 22 шеър, 1 манзума ва 1достон гирд омадааст.

Маҷмуаи «Дастниҳол» Алимуҳаммад Муродиро дар миёни адабиётшиносон ва хонандагон чун шоири навҷӯю собитқадам муаррифӣ намуд. Алимуҳаммад Муродӣ пешгуфтори шоир Убайд Раҷабро дар роҳи эҷоди шеър ҳамчун фотиҳа қабул намуда, сармашқи кори худ қарор медиҳад.

Маҷмуаи дуюми А. Муродӣ таҳти унвони «Нози Наврӯз» тариқи нашрияи «Адиб» соли 1988 нашр гардид. Дар он: 165 чаҳорпора, 11 шеъри нимоӣ, 10 ғазал, 7 рубоӣ, 7 мусаммат ва хелҳои он ҷой дода шудааст.

Ашъори ин маҷмуа аз омӯзиши ҷиддӣ, пешравӣ, навҷӯйӣ ва камолоти минбаъдаи эҷодии шоир дарак медиҳад. Дар маҷмуа интихоби шаклу қолаб, мавзуъҳои шеърӣ гуногун ва мутанаввеъ буда, тарзи тасвир ҷолибу хонданӣ мебошад. Баёни пурраю фасеҳ, навҷӯиҳои тозаю хотирмон асоси шеърҳои маҷмуаро ташкил додаанд. Тасвири амиқу дақиқ, услуби нигориш ба шоир имкон фароҳам овардааст, ки дар шеър аз сабку услуби махсуси эҷоди худ кор гирад. Ҳамон тавре ки адабиётшинос Аламхон Кӯчаров қайд менамояд, «Алимуҳаммад Муродӣ шоири андешапарвар ва рангинхаёл аст. Ҳар як мисраъ аз қаъри дилаш бархоста, бори нозуки маънӣ мекашад. Шоир месӯзаду месозад» [76, с. 4].

Маҷмуа бо шеъри «Фарзанди дил», ки дар шакли чаҳорпора эҷод гардидааст, оғоз меёбад.:

Гоҳе агар зи шеърам,
Овози гиря ояд.
Фарёди ноумедӣ,
Аз мисрае бароядь.

Ёрон, маро бубахшед,

Ин ҷо гуноҳи ман нест [13, с. 7].

Аз мухтассоти мунҳасир ба фарди маҷмуа истифодаи зиёди калимаи «дил»-ро метавон зикр намуд. Ҳатто чандин шеърҳо бо ин калима номгузорӣ шудаанд: «Дили пурасрор» [с. 19], «Гуфтугӯ бо дил» [с. 54], «Дили якрав» [с. 61], «Хез, дил» [с. 63], «Роҳи дил» [с. 74], «Дил, ханда кун» [с. 101], «Дил, дигар бо ман бисоз» [с. 97], «Рози дил» [с. 97] , «Гилае бо дил» [с. 77].

Маҷмуаи сеюми Алимуҳаммад Муродӣ соли 1993 бо унвони «Роҳи руҳ» тавассути нашриёти «Адиб» рӯйи чоп омад. Дар он як достон, 29 чаҳорпора, 4 шеъри нимоӣ, як дубайтӣ, як мусаммати мураббаъ ҷой дода шудааст.

Маҷмуаи «Роҳи руҳ» бо достони «Эътиқод» оғоз меёбад, ки перомуни он дар боби «Манзума ва достонҳои шоир» баҳс ба миён хоҳем овард.

Баъди достони «Эътиқод» чаҳорпораи «Гиреҳ» оғоз меёбад. Шеър ба мавзуъҳои иҷтимоӣ бахшида шуда, шоир барои таъсирнокии суханаш аз санъати бадеии ташбеҳ хеле устодона кор гирифтааст:

... Таънаи бебаргии дасти қаламгирам назан,

Дасти холиву дили пур аз муҳаббат давлат аст.

Ҷони ман, дар зиндагонӣ, ҳамчу дар бозори шаҳр,

Ҳарчиро ғайри муҳаббат байъ кардам, қимат аст [14, с. 155].

Ибораҳои маҷозии дасти холӣ, дили пур, ҷони ман, бозори шаҳр ҳусну таровати шеърро хеле ҷозибанок гардонидааст. Дар чаҳорпораи «Арзи кул ба дарё» бошад, шоир аз санъатҳои бадеии тазод ва ташхис хеле хубу моҳирона истифода кардааст. Таркибҳои муқобилмаънои дар ҷӯш будану аз ҷӯш мондан, аз чирку чакан парво надоштану ман аз он хомӯш мондан, ки ба санъати тазод дохиланд, сухани шоирро таъсирнок кардаанд:

Ману ту зодаи кӯҳи баландем,

Ту дар ҷӯшиву ман аз ҷӯш монда.

Ту аз чирку чакан парво надорӣ,

Ман аз чирку чакан хомӯш монда [14, с.157].

Шеъри «Ба ҳамсоли дилшикастаам», ки дар шакли арузи нав эҷод шудааст, низ ба мавзуи иҷтимоӣ бахшида шудааст:

Ҳамболи ман будӣ,
Парвози орзуи мо бисёр буд баланд.
Ҳамсоли ман будӣ,
Хунгарму худписанд.
Боли туро чӣ шуд,
Не бар Худот бовару не бар вуҷуди худ [14, с. 156-157].

Шеъри «Занги охир» дар шакли мусаммати мураббаъ эҷод шуда, ба даврони хатми мактаби миёна бахшида шудааст:

Офтобу резаборон,
Гиряи дар ханда пинҳон.
Дар забони кӯдаку пир
Занги охир,
Занги охир,
Занги охир!

Байни ин ғавғои табрик,
Мерасад аз дуру наздик.
Бонги огаҳбоши тақдир:
Занги охир,
Занги охир,
Занги охир! [14, с. 163].

Ҳамон тавре ки дидем, шеърҳои маҷмуа мавзуъҳои гуногуни ҳаёти халқамонро фаро гирифтаанд.

Маҷмуаи чоруми Алимуҳаммад Муродӣ бо номи «Чароғи рӯзадор» соли 1998 тариқи интишороти «Салим» аз чоп баромад. Маҷмуа шомили 41 шеъри нимоӣ, 56 чаҳорпора, 24 рубоӣ, 4 мусаммат ва хелҳои он, 2 дубайтӣ, 10 қитъа мебошад.

Ин маҷмуа дар эҷодиёти шоир таҳаввулоти ҷиддие ба вуҷуд овардааст. Маҷмуа бо шеърҳои кӯтоҳ ва пурмазмун, ки дар адабиётшиносӣ онҳоро шеърҳои тасвирӣ, хусравонӣ ва менётурӣ ном мебаранд, оғоз меёбад. Ин аз ҷустуҷӯҳои бардавом ва меҳнати бурдборона ва ҳамчунин, камоли ҳунари шоир гувоҳӣ медиҳад. Ин шакли шеърӣ минбаъд дар эҷодиёти шоир ҷойи махсусро касб намудааст. Дар шеъри «Хандаҳои ашколуд» тору пуди сухан хеле нозук ва муносиб ба ҳам омада, пеши назари ҳаводорони каломи бадеъ ҷаҳони бекарони розу ниёзро боз намудааст:

Шукуфтааст умедам ба шохи навмедӣ,
Таронаҳои хушамро навои ранҷурист.
Ба офтобниҳоли баҳор мемонам,
Кашида муҳраи ашкам ба риштаи нурест [15, с. 3].

Дар ин шеър ба ҳолати руҳии қаҳрамони лирикӣ, ки аз нобасомониҳои зиндагӣ озурда гаштааст, офтобниҳоли баҳор – Камони Рустам ва ҷилваву рангомезиҳои он (кашида мухраи ашкам ба риштаи нуре) созгор афтодааст, ки ин таносуб дилҳои нозуки ғампарварро об мекунад.

Чунин тарзи фишурдаи тасвир, ки ба он Алимуҳаммад Муродӣ муваффақ гаштааст, аз хонанда завқи баланди бадеӣ ва қобилияти комили маънирасиро тақозо дорад, то ӯ муносибати нозуки рамзҳои бадеиро ба ҳаёти пуршӯру шари воқеӣ муайян карда, ба умқи маънигириҳои мусаввир расида тавонад. Чунончи, маънии зоҳирии шеъри «Қатли чароғ» сода ва одӣ менамояд. Шаб, вақте ки хонадоронро хоб мегирад, чароғро хомӯш мекунанд ва бо ҳамин ҳама ҷо торик ва сокит мегардад:

Шаби фурсатшумор дар берун,
Хонабон буд чароғи зулматсӯз.

Хоб омад, ба дидаҳо ҷо шуд,
Хонадорон чароғро куштанд [15, с. 5].

Дар ботин ин шеър мафҳуми амиқи ватанхоҳиро ғунҷоиш додааст: барои он ки қувваҳои моҷароҷӯ (шаби фурсатшумор), ки камин гирифтаанд, ба Ватан

роҳ наёбанд, бедорӣ ва ҳушёрии ватандорон (хонадорон) лозим аст, то зери ҳимояву дастгирии онҳо намояндагони ғамхори миллат (чароғи зулматсӯз) Меҳанро аз қувваҳои бадӣ эмин нигаҳ доранд.

Торафт майл намудан ба кӯтоҳбаёнӣ Алимуҳаммад Муродиро водор намудааст, ки бештар ба маъниву муҳтавои сухан такя намояд ва аз имкониятҳои тафаккури бадеӣ ҳарчи моҳиронатар истифода карда, маънии матлубро дар ниҳояти мухтасарӣ ба хонанда пешкаш намояд. Шоир дар эҷоди чунин порчаҳои шеърӣ мувофиқи мақоли арабии «аҳсанул калами мо қалла ва далла» (беҳтарини сухан он аст, ки мухтасар ва маъниаш равшан бошад) амал мекунад:

Сиришкатро,
Даруни ҳавзи чашмонат бикун пинҳон,
Ки дарёдамкаш аст ин зиндагӣ, серӣ надорад ҳеҷ [15, с. 30].

Ё ки:

Ҳар чароғе гирди худро гар кунад равшан,
Кӯчаи торик нуристон шавад [16, с. 30].

Хулоса, маҷмуаи «Чароғи рӯзадор» на танҳо дар эҷодиёти адиб, балки дар назми замони Истиқлол, таҳаввулоти наву ҷадид ба вуҷуд овард.

Маҷмуаи панҷуми адиб «Хайрбоди баҳор» ном дошта, соли 2004 дар матбааи Иттифоқи рӯзноманигорони Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидааст. Дар он 99 рубоӣ, 14 ғазал, 21 дубайтӣ, 12 чаҳорпора, 11 шеъри нимоӣ, 8 мусаммат ва хелҳои он, 113 шеъри хусравонӣ (тасвирӣ) (аз «Чароғи рӯзадор») 170 хусравонии нав ҷой дода шудааст.

Маҷмуа бо суханони зерини шоир оғоз меёбад «Ба руҳи бародарзодаи лолакафанам Фирӯзи Муродӣ мебахшам»:

Маро аз хоки гӯри ту хӯрондан,
Шавад канда умедам, кам бисӯзам.
Мани аз оташи ғам дар гирифта
Ба зери хок ҳам аз ғам бисӯзад [16, с. 4].

«Хайрбоди баҳор» бо ду пешгуфтори Алимуҳаммад Муродӣ оғоз меёбад, пешгуфтори аввал «Арзи ҳоле ба хонанда» ном дошта, пешгуфтори дуюм «Хайрбодӣ» дар шакли шеър оварда шудааст:

Вараќи «Дастниҳол»-ам зард аст,
Ҳосили «Боғи мурод»-ам дард аст.
Нафаси сӯзи «Чароғ»-ам дуде,
Бар сарам аз «Раҳи руҳ»-ам гард аст.
«Нози Наврӯз» гузашт,
«Хайрбодии баҳорам» сард аст.
Бо ману хомаи аз пой зада,
Зиндагӣ кард, ҳар он чӣ кардаст... [16, с. 4].

Маҷмуаи «Хайрбоди баҳор»-и А. Муродӣ соли 2005 ба дарёфти Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода ноил шудааст. Ин китоб нисбат ба маҷмуаҳои пешини шоир ҳаҷман бузург буда, ба қисматҳои «Аз Ватан, аз зиндагӣ, аз дард», «Боғбони пир мегӯяд», «Аз китоби «Чароғи рӯзадор», «Сӯгвораҳо» ҷудо мешавад. Дар қисмати аввал рубоӣ, ғазал, дубайтӣ ва дар қисматҳои минбаъда жанрҳои нави шеърӣ – чаҳорпора, арузи нав ва шеърҳои навъи нимоӣ ҷойгир шудаанд. Ҳамон тавре ки қайд кардем, дар маҷмуа 99 рубоӣ ҷой дода шудааст ва он бо рубоии зерин оғоз меёбад:

Мон чун лаби чашма чашми дил нам бошад,
Камбахт диле бувад, ки камғам бошад.
Бе сарвати дард, мурдаву зиндаи мо,
Чун мурдаи камбағал камодам бошад [16, с.12].

Дар рубоӣ мавзуи иҷтимоӣ ҷой дода шуда, барои муассирии фикраш адиб аз санъатҳои бадеии ташбеҳу тазод истифода бурдааст.

Қисмати ғазалҳои маҷмуа бо ғазали «Буд, набуд, он чи буд, афсона гузашт» оғоз ёфтааст.

Буд, набуд, он чӣ буд афсона гузашт,
Бехудии дили девона гузашт.
Зиндагӣ бурд кашон ҳар тарафам,

Ҷабри мӯрест, ки бар дона гузашт.
Ҳавас аз хонаи дил пой кашид,
Чуғзаке аз сари вайрона гузашт.
Кишти ман дар ҳаваси борон сухт,
Абр бар қитъаи бегона гузашт [16, с. 45].

Ғазали зикргардида низ ба мавзуъҳои иҷтимоӣ бахшида шудааст. Истифодаи ибораҳои маҷозии «бехудии дили девона, ҷабри мӯр, хонаи дил, сари вайрона, қитъаи бегона» ва радифи «гузашт» бадеияти ғазалро баланд бардоштаанд.

Қисмати дубайтиҳо бо дубайтии зерин оғоз меёбад:

Чӣ бинам, беғараз кас ёри кас нест,
Маро беҳтар зи ман соҳибварас нест.
Хӯрад моро замине, ки хӯронад,
Чӣ гӯям, чун замин ҳам бе ғараз нест [16, с. 59].

Дубайтии мазкур ба мавзуи рӯз бахшида шудааст. Ба андешаи шоир, дар ин дунё каси беғараз (дӯст) пайдо кардан хеле душвор аст. Аз ин дубайтӣ хонандаи закӣ мазмуни баланди фалсафӣ пайдо карда метавонад. Яъне замине, ки як умр моро мехӯронад, ӯ низ ба мо ғараз дорад. Оқибат одамро замин фурӯ мебарад.

Аз мутолиаи ашъори «Хайрбоди баҳор» бармеояд, ки ҳунари нигорандагии Муродӣ ба дараҷаи сабки фардии шоир такмил ёфтааст.

Дар муқаддимаи дуюм ба саволи «барои чӣ дар шеърҳоям дард зиёд аст?» чунин посух додааст: «Дарди ман ҷуз дарди миллат, дарди Ватан, дарди ҳар як тоҷик, дарди андешаи дирӯзу имрӯзу фардои ин қавму диёр чизи дигаре нест» [16, с.3]. Дар ҳақиқат, дардҳои шоир танҳо махсуси як фард набуда, заминаи амиқи иҷтимоӣ доранд ва яке аз дастовардҳои шоир дар эътибори ҷиддӣ додан ба муносибати тавъами ҷузъу кулл мебошад:

Кишти ман дар роҳи дуздон аст,
Чашмҳои гушнаи носерами дуздон,
Мунтазири хоби ман ҳар гӯша бедоранд,

Хоби ман хоби палакбон аст [16, с. 88].

Ибораи «хоби палакбон»-ро метавон аз таъбирҳои сохтаи шоир донист ва он маъниву муҳтавои шеърро хеле ҷолиб ҷамъбаст намудааст. Мисли ҳамин калима ва таркибҳои «алов, харпанҷа, аловистон, пайхум, даравӣ, бунга кашидан, малолӣ, дар каш гирифтан, каловида рафтан, дам ғанимат», ки дар ашъори шоир бамаврид ва бамавқеъ истифода шудаанд, суханҳои ӯро хотирмон ва дилчасп гардондаанд. Ин мафҳумҳо дар таъмини фардияти сабки эҷодии шоир низ саҳми муносиб доранд:

Аз алови дили алавбозам,

Мушти хокистари алам монда.

Ғамбаророни ман ҳама рафтанд,

Ғамшарикам ҳамин қалам монда [16, с. 73].

Баёни муъҷазу рехта ва забони дилнишину образнок, ки хосси ашъори Алимуҳаммад Муродӣ мебошад, ба завқу салиқа ва руҳи хонандаи имрӯз басо мувофиқ аст. Ташвишу тараддуди рӯзгор инсони айёми моро ба дараҷае расондааст, ки баъзан фурсати ба дидори ёру дӯст ва аҳлу ақрабо расиданро надорад. Ин ҳолат суннати волои мардуми моро, ки дар ғаму шодии якдигар шарик будан мебошад, коста мегардонад. Алимуҳаммад Муродӣ ба воситаи чанд мисраи кӯтоҳ хонандаи тоҷикро водор намудааст, ки дар сари ин масъалаи муҳим ҷиддан андеша намояд:

Дурият

Кӯрии қисмат бошад.

Э, биё,

Фурсате чанд бидуздем аз ин раҳзани умр,

Дам ғанимат бошад [16, с. 103].

Маҷмуаи шашуми адиб бо унвони «Моҳи хасрав» соли 2012 тавассути нашриёти «Адиб» рӯйи чоп омад. Дар он: 60 ғазал, 205 рубоӣ, 67 дубайтӣ, 9 қитъа, 406 хусравонӣ, 40 шеъри нимоӣ, 50 чаҳорпора ва 8 мусаммату тарҷеъбанд ҷой додашудаанд.

Ҳамон тавре ки қайд шуд, дар ин асар 60 адад ғазали шоир ҷой дода шудааст. Миқдори байтҳои ғазалиёти шоир ба анъанаи ғазалсароии адабиёти тоҷик мувофиқат карда, ба тариқи зайл мебошанд:

Ғазалҳое, ки аз чаҳор байт иборатанд, 25 адад. Ғазалҳое, ки аз панҷ байт иборатанд, 25 адад. Ғазалҳое, ки аз шаш байт иборатанд, 8 адад. Ғазале, ки аз ҳафт байт иборат аст, 1 адад. Ғазале, ки аз ҳашт байт иборат аст, 1 адад.

Басомади ғазалҳое, ки аз 4 ва 5 байт иборатанд, нисбатан зиёд мебошанд.

Ғазали аввалини ин маҷмуа «Турнақатор» бозгӯи тозапардозиҳо ва ҷустуҷӯҳои эҷодии шоир буда, дар он як силсила ташбеҳоту тасвирҳои тоза ва тазодҳои назаррас диққати хонандаро ба худ ҷалб месозад.

Турна хатти шикастае дар осмон навишт,
Байти равон ба дафтари зарди хазон навишт.
Рафту чӣ гуфту рафт, надонам чу тарҷумон,
Килки алам ба сафҳаи хотир фиғон навишт [17, с. 4].

Шоир хатти парвози турнаҳоро сараввал ба хатти шикастаи арабӣ, баъдан ба байти равон ташбеҳ дода, аз мадди назар ва дидаҳо бо фиғон дур шудани онҳоро ба талотум, ташвиш ва тараддудиҳои рӯзгор шабеҳ донистааст. Ин нукта мусаллам аст, ки Ватан биҳишти худодод, оғӯши гарми модар ва осудагию фароғати ҳар як фард аст. Турна паррандаи муҳоҷир аст ва ҳамеша диёри муътадилиқлимро таманно мекунад, вале адиб аз рафтани он маънии барҷастаи ватанхоҳӣ мебардорад:

Ҳушам ба бонги турнаву гӯшам ба ҳарфи дил,
Гуфтам, ки чист тарки Ватан, тарки ҷон навишт [17, с. 4].

Суханшиноси эронӣ Ризо Бароҳанӣ дар мавриди моҳияти шеър ва шеърият барҳақ нигоштааст: «Шоир хун ва шӯр металабад аз ишқ, аз пастӣ ва хорӣ нафрат мекунад. Агар намояндаи ҷилваҳои замони худ бошад, пас аз он ки аз байн рафт, ашъораш ӯро зинда нигоҳ медорад, зеро шеър беш аз навиштаҳои ҳар файласуф ва олими иҷтимоӣ ва мунтақид санаде таърихӣ аст дар бораи асри вижа… Агар ӯ замони худро набинад, ба таърих хиёнат кардааст ва агар маҳалу макон ва муҳити худро набинад ва қозии гузашта ва

бинандаи ҳолу пешгӯйии ояндааш набошад, хиёнат кардааст. Зеро шоири асил бо асри худ зиндагӣ мекунад, вале олими иҷтимоӣ ва мунтақид фақат бад-он меандешанд ва фарқи ин ду аз фарқи шунидан ва дидан ҳам тафовут мекунад» [59, с. 33]. Мо ҳамин гуфтаҳои муҳаққиқи эрониро дар шеъри Муродӣ баръало эҳсос мекунем.

Ҳамон тавре ки А. Кӯчаров қайд менамояд, «Шоире нест, ки дар айёми мо ба мавзуи Ватану ватандорӣ даст назада бошад, вале чунин тасвири муассир, дардолуд ва воқеъбинона, ки хонандаро ба андешаи амиқ раҳнамун созад, хоси шоирони тавоное чун Алимуҳаммад Муродӣ мебошад» [76, с. 6].

Ғазали «Намеғунҷад»-и адиб либоси ошиқона дар бар дорад. Муҳаббати маъшуқ, шаҳомату бузургӣ ва парастиши он дар ин ғазал қатра-қатра, зарра-зарра оғоз ёфта, минбаъд тамоми дунё ва фазоро дар бар мегирад:

... Ту дарёиву ман қатра, ту дунёиву ман зарра,
Дар ин гулдони дил паҳноии гулшан намеғунҷад.
Чунон гум мешавам дар ту, ки ман худро намеёбам,
Чунон пур мешавам аз ту, ки ман дар ман намеғунҷад[17, с. 4].

Алимуҳаммад Муродӣ дар қолаби ғазал низ аз худ маҳорати суханварӣ зоҳир намудааст.

Маҷмуаи шоирро бо номи «Боғи мурод» соли 2015 нашриёти «Адиб» чоп намуд. Дар он: 30 ғазал, 327 рубоӣ, 103 дубайтӣ, 1 маснавӣ, 13 мусаммат ва хелҳои он, 336 хусравонӣ ва 24 қитъа ҷой дода шудааст.

Алимуҳаммад Муродӣ маҷмуаро ба чор қисмат ҷудо намуда, ба ҳар яки он номҳои алоҳида гузоштааст. Қисмати аввали он «Аз шукуфтан то хазон» номгузорӣ шуда, аз 30 ғазал иборат аст. Ин қисмат бо ғазали «Қадами баҳор» оғоз гардида, шоир зуҳури баҳорро ба табиат хеле устодона тасвир намудааст:

Хандон лаби субҳи наву шаб дар ғами ҷон аст,
Ахтар ба кафи дасти фалак санги парон аст.
Оинаи хуршед шикасту ба замин рехт,
Ҳар қатраи шабнам ба замин резаи он аст.
Афтобзамин гашт куҷо барфзамин буд,

Саҳрост чунин сабз ва ё мавҷи равон аст.

Эй зоғ, сари шох занӣ қоғ дигар чанд?

Бигзашт замони ту замони дигарон аст [18, с. 4].

Дар ин ғазал, ки аз чор байт иборат аст, шоир аз санъати бадеии маҷоз хеле устодона истифода кардааст. Истифодаи калимаҳои «афтобзамин» ва «барфзамин», ки хосси коргоҳи эҷодии Алимуҳаммад Муродианд, ҳусни ғазалро хело табиӣ ва ҷозиб гардонидаанд.

Қисмати дуюми маҷмуа «Хандаи баҳори биёбон» номгузорӣ шуда, аз шеърҳои гуногун (чаҳорпора, шеъри нимоӣ, маснавӣ, мусаммат, тарҷеъбанд) иборат аст. Ин қисмат ба шеъри «Бародари ман» оғоз меёбад. Шоир дар ин шеър, ки дар қолаби мусаммати мухаммас суруда шудааст, садоқату муҳаббати худро ба бародари ягонааш – Валимуҳаммад баён намуда, хоҳони он аст, ки то ҷаҳон аст, бародараш ҳамрозу пушту қанаташ бошад:

То ҳаст ҷаҳон, Худо, ту бошӣ,

Бо бахти ҷавон, Худо, ту бошӣ.

Доим дар амон, Худо, ту бошӣ,

Эй сояи давлати сари ман!

Пушту қанатам, бародари ман [18, с. 34].

Қисмати сеюми маҷмуа «Офтоби дили шабнам» номгузорӣ гардида, шеърҳои хусравонии адибро дар бар мегирад. Ин қисмат бо шеъри зер:

Якситора,

Як ишора,

Як нигоҳи хираи нуре,

Сард ҳам бошад,

Фанд ҳам бошад,

Кош, ки дар осмони умр метобид,

То барои зиндагӣ кардан сабаб мешуд [18, с. 86].

оғоз гардида, шоир хеле хуб ҷилои ситораи на он қадар ҷилодорро, ки нишонаи ҳаёт аст, ба риштаи назм кашидааст.

Қисмати човруми маҷмуа «Чорбарги хаёл» ном дошта, дар он рубоӣ, дубайтӣ ва қитъаҳо ҷой дода шудаанд. Ин бахш аз маҷмуа бо рубоии:

Ҳушёр манам ва ё ки девона манам,
Бегонаи хешу хеши бегона манам.
Мардум задаанд хайма дар Зуҳраву Моҳ,
Побанди ҳамон қиссаву афсона манам [18, с. 140]

оғоз меёбад. Аз рубоӣ хонандаи ҳушманд бояд ба худ хулоса кунад, ки побанди қиссаву афсонаҳои бобоӣ нагардида, бояд аз пайи омӯхтани илмҳои замонавӣ гарданд.

Доир ба хусусиятҳои сабкиву забонии маҷмуаи мазкур адабиётшинос Ҳафиз Раҳмон (Раҳмонов Ҳафиз) дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» таҳти унвони «Пироҳани сабзи шеър» мақолаи ҷолибе нашр намудааст. Мунаққид махсус ба шеъри тасвирии адиб баҳои баланд дода, Муродиро дар қатори беҳтарин шоирони тасвирсарои адабиёти ҷаҳон гузоштааст [122, с. 8].

Маҷмуаи ҳаштуми шоир таҳти унвони «Сунбулкон» соли 2018 аз тарафи нашриёти «Адиб» чоп гардид. Дар он 38 мусаммат ва хелҳои он, 112 чаҳорпора, 71 нимоӣ, 1 маснавӣ, 143 ғазал, 400 рубоӣ, 82 дубайтӣ, 702 хусравонӣ ва 6 қитъа, ҷой дода шудааст.

«Сунбулкон»-ро шоир ба чор қисмат ҷудо намудааст. Қисмати аввал бо эпиграфи:

Дар дафтари хотироти умрам
Ҳар сафҳаи пуршуда дареғ аст [19, с. 3]

ва шеъри «Тоҷикистон – тахти ман», ки дар қолаби тарҷеъбанд навишта шудааст, оғоз меёбад. Дар шеър садоқату муҳаббати қаҳрамони ғиноӣ нисбат ба Ватан хеле мӯшикофона ва нозук таҷассум ёфтааст.

Кӯҳу саҳро, хоку обат бебаҳост,
Хандаҳои Офтобат бебаҳост,
Чаҳ-чаҳи мурғони озоди ту хуш,
Нағмаи чангу рубобат бебаҳост,
Тоҷикистон,

Тоҷикистон, бахти ман,

Кишвари ман,

Минбари ман, тахти ман [19, с. 4].

Қисмати дуюми маҷмуа бо эпиграфи:

Ин қадар меҷӯшад ин дил, метапад

Оқибат ин чашма дарё мешавад [19, с. 163]

оғоз гардида, 140 миқдор ғазали шоирро дар бар мегирад. Ин қисмат бо ғазали «Нигаронам» оғоз меёбад. Ғазал ба мавзуи иҷтимоӣ бахшида шуда, санъатҳои бадеии маҷоз ва ташбеҳ ҳусну таровати онро хеле баланд таҷассум намудааст:

Бар зарвараќи зарди хазон чашм давонам,

Бисёр қадимист хаташ, хонда натонам...

Чун аз пайи тобути азизе, ки барандаш,

Думболи баҳоре, ки гузаштаст, равонам [19, с.164].

Қисмати сеюми маҷмуа бо эпиграфи:

Зиндагӣ фалсафаи тадбир аст,

Нобарор аз ҳама домангир аст [19, с. 234]

оғоз шуда, рубоӣ ва дубайтиҳои шоирро дар бар мегирад. Ин қисмат бо рубоии:

Дил чилланишин шуда, парешонҳол аст,

Хотир ба мисоли сабзаи помол аст.

Осуда чӣ гуна метавонад хуфтан,

Дар хонаи ҳамсояи ман ҷанҷол аст [19, с.233]

оғоз гардида, ба мавзуи иҷтимоӣ бахшида шудааст.

Қисмати чорум бо эпиграфи:

Чашма як мисраи равон гӯяд,

Бол бахшад суруди дарёро [19, с.227].

номгузорӣ гардида, шеърҳои хусравонии шоирро дар бар мегирад. Ин қисмат бо шеъри «Дузд» оғоз меёбад:

Нигаҳ, аз боғи ҳуснат мева медуздад

Ва пушти шиғи мижгон мешавад пинҳон,

Ба як тири нигоҳ аз пой андозаш [19, с.328]

Иборaҳои «дуздидани мева аз боғи ҳусн», «пинҳон шудан пушти шиғи мижгон», «ба як тири нигоҳ аз пой андохтан» ҳусну таровати шеърро хеле барҷаста ба хонанда пешкаш менамояд.

Маҷмуаи нуҳуми шоир «Шафақи шом» ном дошта, соли 2020 тариқи нашрияи «Абдураҳмон – Р» аз чоп баромад. Онро муаллиф ба чор қисмат ҷудо намудааст. Қисмати аввал бо эпиграфи «Зиндагонист чу афтобниҳол, офтобисту борон дорад» оғоз гардида, 141 ғазал ва 22 қитъаи шоирро фаро гирифтааст. Миқдори байтҳо дар ғазалҳои шоир дар чунин шакл қарор доранд: се байт – 24 адад; чаҳор байт – 58 адад; панҷ байт – 36 адад; 6 байт – 15 адад; 7 байт – 7 адад. Зимни таҳқиқ муайян карда шуд, ки як ғазали шоир аз 13 байт таркиб ёфтааст.

Ғазали аввалини маҷмуа «Субҳи Ватан» ном дошта, аз 6 байт иборат аст ва чунин оғоз меёбад:

Субҳи сафедсар бубин, тифлии Золи Зар бубин,

Ханда ба лаб чу Зардуҳишт субҳи паёмбар бубин.

Қавми азобдидаам, бардами хуш расидаам,

Субҳи диёри бахтро дида будӣ, зи сар бубин [21, с. 6].

Шоир барои тақвияти фикри худ аз санъати талмеҳ хеле устокорона истифода намудааст.

Қисмати дуюми маҷмуа бо эпиграфи «Шикасти шишаи ҳар дилсадои дигаре дорад» оғоз гардида, шеърҳои нимоӣ чаҳорпора, мусаммат ва хелҳои он, қитъаҳои шоирро фаро гирифтааст. Ин қисмат бо шеъри «Шоирон даркоранд» оғоз гардида дар бораи қадру манзалати шоир дар ҷомеа сухан мекунад:

То даме дарду алам мемонад,

Дар диле зарраи ғам мемонад,

Эҳтиёҷе ба қалам мемонад,

«Шоиронро нагузоред набӯсида ба хок»

Шоирон даркоранд [21, с. 174].

Қисмати сеюми маҷмуа бо эпиграфи «Дар фаҳми ту ҷо намешавад олами мо, дар коса макун талоши ғунҷондани баҳр» оғоз гардида шеърҳои тасвирии адибро фаро гирифтаанд. Қисмат бо байти «Аҷаб» оғоз меёбад:

Ман тарки бода кардам,

Ҳамсоғарон маро тарк [21, с. 248].

Қисмати чоруми маҷмуа бо эпиграфи «Дар пайгаҳи зиндагӣ чунон бояд буд, марг аз паси ту давад на ту аз паси марг» шуруъ гардида, рубоӣ ва дубайтиҳои шоирро дар бар мегирад. Қисмат бо дубайтии:

Алав мерезад аз чашми ситора,

Ситорарез шаб мисли шарора,

Диламро мекашад ҳарсӯ ғаму дард,

Дилам ҳамчун Хуросон пора-пора [21, с. 340]

оғоз гардида шоир шаби пурситораро ба Хуросони пора-пора монанд кардааст.

«Шафақи шом»-и А. Муродӣ бо мақолаи номзади илмҳои сиёсатшиносӣ Муҳаммадризо Халифазода – «Ҷойгоҳи Алимуҳаммад Муродӣ дар адабиёти форсу тоҷик» анҷом меёбад. Муаллиф дар ин мақола фикру андешаҳои олимон, шоирон, нависандагон ва рӯзноманигорони хориҷию ватаниро, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ гуфта шудаанд, ҷамъоварӣ намудааст [117, с. 399-422].

Ба андешаи мо, «Гулчини ашъор»-и шоир таҷдиди назарро мехоҳад. Бояд мураттибон ва муҳаррирон анъанаи гузаштагонамонро дар тартиб додани маҷмуаҳои ашъор ва куллиёти шоирон аз назар дур насозанд. Чунки маҷмуаҳо ва куллиёт барои умум таҳия ва нашр мешаванд. Соли панҷум аст, ки дар кишварамон озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бо сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор мегардад. Агар маҷмуаҳои шоир ба мисли маҷмуаҳои ашъори адибони классикамон, яъне бо тартиби жанрӣ (ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ, манзума, достон...) ҷо ба ҷо мешуданд, хонанда ба сарсонию саргардонӣ рӯ ба рӯ намешуд.

Барои таъини масъалаи дараҷаи майли шоир ба шаклҳои шеърӣ ҷадвали зерро пешкаш менамоем:

Ҷадвали №1

| Номгӯйи маҷмуа | «Дастниҳол» | Нози Наврӯз» | «Роҳи руҳ» | «Чароғи рӯзадор» | «Хайрбоди баҳор» | Моҳи хасрав» | Боғи му-род» | «Сунбулкон» | «Шафақи шом» |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Соли чоп | 1983 | 1988 | 1993 | 1998 | 2005 | 2012 | 2015 | 2018 | 2020 |
| Шаклҳои шеърӣ | | | | | | | | | |
| Чаҳорпора | 13 | 165 | 29 | 56 | 12 | 50 | - | 112 | 28 |
| Нимоӣ | 7 | 11 | 4 | 41 | 11 | 40 | - | 71 | 50 |
| Ғазал | 1 | 10 | - | | 14 | 60 | 30 | 142 | 141 |
| Маснавӣ | - | | - | | - | | | | 1 |
| Мустазод | - | | - | | - | | | - | 1 |
| Мусаммат | 1 | 15 | | | | | | 9 | 13 |
| Рубоиҳо | | 7 | - | 4 | 9 | 5 | 27 | 400 | 205 |
| Дубайтиҳо | | - | 1 | 2 | 21 | 67 | 103 | 82 | 21 |
| Достонҳо | 1 | | 1 | | | | | - | - |
| Манзумаҳо | 1 | | - | | | | | - | - |
| Шеъри тасвирӣ | | | - | - | 170 | 406 | 336 | 702 | 381 |
| Тарҷеъбанд | | 7 | - | 2 | 6 | 7 | 12 | 35 | - |
| Қитъа | | - | - | 10 | - | 9 | 24 | 6 | 41 |

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз ин ҷадвал бармеояд, ки дар маҷмуаҳои аввал чаҳорпора мавқеъ дошта, баъдҳо шоир ба шаклҳои суннатии шеъри тоҷикӣ чун ғазал, рубоӣ,

дубайтӣ ва шеърҳои хурди тасвирӣ рӯ меорад. Шеъри нимоӣ қариб дар ҳамаи маҷмуаҳои шоир, ба миқдори кам ҳам бошад, мушоҳида мешавад. Асари манзуми калонҳаҷм чун маснавӣ, достон, манзума дар эҷоди шоир мавқеи кам дорад. Адиб баъди андухтани таҷрибаи зиёди эҷодӣ ба навиштани шеърҳои кӯтоҳи тасвирӣ, ки онро дар адабиёти Эрон бо номҳои хусравонӣ ва навхусравонӣ ном мебаранд, таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

# БОБИ II

# ҶАНБАҲОИ МАВЗУИИ АШЪОРИ АДИБ

Ҳангоми таваҷҷуҳ ба масоили марбут ба ҷанбаҳои мавзуии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ маълум мешавад, ки шоир ба мавзуъҳои Ватану ватандӯстӣ, ишқу муҳаббати пок, муҳаббати модар ба фарзанд, инсондӯстӣ, сулҳу ваҳдату амнияти башар, тарғиби ахлоқи ҳамида, инкори ахлоқӣ разила ва ғайра таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд. Хусусан, мавзуъ ва масъалаҳои марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ қисми муҳим ва азими ашъори шоирро фаро гирифтааст. Шоир ҳамрадифи халқи азизаш қадам гузошта, ба зиндагию кору пайкори ҷомеаи даврон мӯшикофона дида дӯхта, натиҷагирӣ мекунад. Ин аст, ки шеъри ӯ фарогири паҳлуҳои гуногуни ҳаёти мардум буда, набзи айёмро дар худ таҷассум месозад. Бо дарназардошти муҳтаво ва маҷмуии мавзуъҳои ашъори А. Муродӣ метавон ба Ватан ва ватандӯстӣ, баррасии мавзуи бачагӣ ва тараннуми ишқу муҳаббат ҷудо кард.

## 2.1. Мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ

Яке аз мавзуъҳои марказӣ дар адабиёти зиёда аз ҳазорсолаамон мавзуи ватан ва ватандорӣ ба ҳисоб меравад. Он аз адабиёти шифоҳӣ сарчашма гирифтааст, чунки умри хат нисбати умри забони гуфторӣ ҷавонтар аст. Гузаштагонамон дар байт, рубоӣ, дубайтӣ ва қиссаву афсонаҳо афкори худро нисбат ба Ватан, ки яке аз муқаддасоти динию инсонист, ифода кардаанд. Рубоии зерин нишонаи ин гуфтаҳост:

Хоки ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори ватан аз лолаву райҳон хуштар.
Юсуф , ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Сад кош гадо мебуд, ба Қанъон хуштар [37, с. 41].

Дар адабиёти хаттӣ бошад, намунаҳои ҷолибу рангинро оид ба ин мавзуъ дар эҷодиёти устод Рӯдакӣ дида метавонем. Ба ақидаи адабиётшинос Холиқ Мирзозода: «Дар қасидаи нопурраи «Мадҳи Бухоро», ки дар айни замон ба мадҳи амир Насри II бахшида шудааст, ҳисси ватандӯстӣ дар назари аввал меистад» [86, с. 271].

... Эй Бухоро, шод бошу шод зӣ,
Шоҳ наздат меҳмон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.
Мир саврасту Бухоро бӯстон,
Савр сӯйи бӯстон ояд ҳаме [24, с. 271].

Дар ғазали «Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд», ҳиссиёти ватандӯстонаи шоир дар нақши ишқу муҳаббат хеле шоирона ифода ёфтааст:

Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯи гулу мушку насими суман ояд.
Бар ҳар зану ҳар мард куҷо барвазад он бод,
Гӯӣ магар он бод ҳаме аз Хутан ояд.
Не, не, зи Хутан бод чунин хуш навазад ҳеч,
К-он бод ҳаме аз бари маъшуқи ман ояд [24, с. 108].

Барҷастатарин асар дар таърихи адабиётамон оид ба ин мавзуъ бевосита «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ аст. Асоси ин асарро мавзуи ватан ва ватандорӣ ташкил медиҳад. Мисраъҳои ҷовидонаи ӯ:

Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем [36, с. 130].

зиёда аз ҳазор сол вирди забонҳост ва итминон аст, ки то дунёст арзишашонро аз даст намедиҳанд.

Мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ дар адабиёти давраи нави тоҷик низ нақшу мавқеи назаррас дошта, дар нимаи дуюми асри XX бо рангу ҷилои тоза баён ёфта, шарҳи мафҳуми Ватан ва садоқату муҳаббат бар он вусъати зиёдтар пайдо кардааст. Чунин омил ва майлҳо бар он вобастагӣ дорад, ки ҳар як

суханвар аз гузаштаи пурифтихори Ватан, фарҳангу тамаддуни қадима ва таърихи дурахшони миллати худ ёдовар шуда, дар тавсифу ситоиши он бо муҳаббати бузургу хосса сухан ба миён меоварад. «Муҳаққиқон муътақиданд, ки як хусусияти фавқуллодаи шеъри тоҷик дар садаи бист фаровонии ашъор дар мавзуи Ватан аст. Ҷои шак нест, ки дар қарнҳои мозӣ низ шуаро манзилу макони худро сутуда буданд, чунонки Ҳофиз Шерозрову Камол Хуҷанду Табрезро. Шуаро аз Ватану ғурбат низ зиёд ёд кардаанд, аммо дар шарҳи мафҳуми Ватан дар ягон давру замон шеъри мо ин қадар гироиш ва кӯшиш надошт» [88, с. 116].

Ситоиши Ватан ва ашъори ватандӯстонаи Алимуҳаммад Муродӣ дар заминаи ҳунари эҷодии шоир падид омада, ӯ бисёр самимӣ ва бо садоқати баланд манзараҳои назаррабои диёрро тасвир намудааст. Дар тасвири шоир Ватан бо он ҳама шукуҳу шаҳоматаш, дарёву кӯҳсор, мазрааву саҳроҳо, беканориҳояш ва бо бузургону қаҳрамонони сарбаландаш дар қалби шоир маъво гирифтаанд:

Дар тираҳоҳи зиндагӣ,
Равшан чароғи бахти ман
Бо ёди ту гул мекунад,
Гулзори боғи бахти ман,
Эй ҷону тан, эй ҷону тан,
Модар Ватан, Модар Ватан [19, с. 6].

Шуруъ аз солҳои 70-уми садаи XX мавзуи Ватан дар эҷодиёти шоирони навқаламу ҷавон, аз ҷумла Алимуҳаммад Муродӣ, хусусияти миллӣ касб карда, ба зодгоҳу диёри мушаххас иртибот пайдо менамояд. Дар ашъори Алимуҳаммад Муродӣ тасвиру тавсифи муҳити деҳоту манзараҳои он, чашмаю кӯҳ ва марғзору лолазор тавъам бо масоили иҷтимоию таърихӣ тасвир ёфта, мафҳуми Ватан хеле назаррас ва мушаххас тавзеҳ ва ташреҳ ёфтааст:

Эй Ватан, эй баҳонаи зистан,
Дар дилам меҳри поки ту сабз аст,
Мурданам дар канори ту фахр аст,

Решаи зери хоки ту сабз аст [19, с. 10].

«Бо вуҷуди гуногунии мавзуъ, идроки воқеият ва ҳодисоти зиндагӣ, бо вуҷуди рангинии эҳсоси шоиронаи онҳо, эҷодиёти шоирони ҷавон хусусияти муштараке низ дорад ва ин хусусият ба мо имконият медиҳад, ки онҳоро ба як силсила марбут донем. Онҳо, пеш аз ҳама, кӯшиш доранд, ки ҷаҳони ботинӣ ва руҳии инсонро бо амиқӣ ва пургунҷоишиаш тасвир карда, ба умқи андеша ва тафаккуроти инсон фуру рафта, моҳияти ҷамъиятӣ, саҳму мавқеи ҳамзамони худро дар пешравии ҷамъияти имрӯза нишон диҳанд» [119, с. 149-150].

Ин андеша ва нигоштаҳои шоир ва адабиётшинос Аскар Ҳакимов ба ашъори шоирони ҷавони солҳои 60 ва 70-уми асри XX, аз ҷумла Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Ғоиб Сафарзода, Гулрухсор, Гулназар Келдӣ, Ҳабибулло Файзулло ва дигарон иртибот дошта, онро метавон ба ашъори Алимуҳаммад Муродӣ низ мутааллиқ донист.

Алимуҳаммад Муродӣ дар ашъори ватандӯстонаи худ бо ифтихор аз таъриху адабиёту фарҳанги халқи тоҷик ва бузургии миллат андешаҳои ҷолиб баён намудааст:

Бикшой бағал, ки субҳ хандон омад,
Абрӯт гираҳ макун, ки меҳмон омад.
Имрӯзи ҷаҳон шаб асту тангу тор аст,
Хуш бош, ки субҳи Тоҷикистон омад [19, с. 239].

Ҳамчунин, дар шеъри «Ман аҳли Хуросонам» ба тараннуми табиати диёр, заминҳои пурфайзу серҳосил, рӯдҳои пуртуғён, мавҷи майдони гандумзор, боғҳои пурмеваю ғарқи гулу гиёҳҳо пардохтааст:

Шохобаму дарёям,
Ман кӯҳаму саҳроям,
Ман зодаи ин ҷоям,
То авҷи фалакҳоям,
Бо мост Ватан дилшод,
Аз мост Ватан обод! [19, с. 42].

Шеърҳои зиёди Алимуҳаммад Муродӣ аз эҳсосоту бардошт ва ақидаҳои ватандӯстонаи шоир гувоҳӣ дода, бо вижагиҳои ҳунарӣ ва сабкиашон аз ашъори дигар шоирон фарқ менамоянд:

Баҳор омад, диёрам гулбасар шуд,
Ватан зеботару ободтар шуд.
Бидеҳам ҷоми шоирона, соқӣ,
Ки сози нӯшбодам шеъри тар шуд [19, с. 318].

Дар баробари ёдоварӣ аз гузаштаи боифтихори халқи тоҷик ваосори мондагори ниёгон дар эҷодиёти шоир тасвири ҷузъи диёр ва паҳнои бекаронаи Ватан ба назар мерасад:

Ман Соми Наримонам,
Ман Рустами Дастонам,
Суҳроби пурармонам,
Таҳминаи бирёнам,
Ман аҳли Хуросонам [19, с. 42].

Алимуҳаммад Муродӣ тарғибгари таърихи боғановати фарҳанги халқи тоҷик буда, дар шеърҳояш бештар ба таъриху сарнавишти ин халқи куҳанбунёд рӯй оварда, аз кору пайкори ниёгон сухан ба миён меоварад:

Хории Ватан бикаш, ки роҳат он аст,
Баҳроми ғариб чокари Хоқон аст.
Ҳар сахтии умр дар Ватан осон аст,
Гул дар сари санг рӯяду хандон аст [19, с. 301].

Воқеан, мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ дар ашъори шоирони солҳои 60-80-уми садаи XX-и тоҷик хеле густариш ёфта, ҷанбаъҳои амиқи иҷтимоиву фалсафӣ низ пайдо намудааст. Аз баррасиҳои анҷомёфта маълум мешавад, ки шоирони тоҷик дар масъалаи Ватану ватандӯстӣ гоҳо аз ҷузъ ба кулл мераванд, дар ин сурат низ шеъри шоир аҳаммияти иҷтимоӣ пайдо намудааст.

Алимуҳаммад Муродӣ чун дигар адибони тоҷик бо бардошту андешаҳои амиқу дақиқ дар шеърҳои ватанпарваронаи худ бо нияти ҳақиқати ҳаётро инъикос намудан тамоми ҳунару маҳорати шоирии худро нишон медиҳад.

Адабиётшиноси марҳум Худоӣ Шарифзода омилҳои асосии тамоюли миллатгароӣ касб кардани шеъри тоҷикро дар ин давра чунин матраҳ кардааст: «Мавзуи миллӣ дар охирҳои аҳди шуравӣ дар эҷодиёти адибони ҷавонтар, махсусан шоирон, қувват гирифт ва он ду сабаб ва муттакои сабзиш дошт: якум, эътироз аз маҳдудиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва дуюм, эҳсоси аз байн рафтани суннатҳои миллӣ, бахусус фарҳангу забон ва урфу одатҳо. Чунин хавф воқеан вуҷуд дошт» [130, с. 145].

Алимуҳаммад Муродӣ низ ҳамин гуна эҳсосу андеша ва саъю талоши хешро бахри ҳифзи суннатҳои миллӣ ва фарҳангу забону анъанаҳо сарф намудаю ин амалро идома медиҳад. Масалан, Шеъри «Хушпову қадам Наврӯз» бозтобдиҳандаи урфу одат ва расму русуми миллии мо буда, дар он шоир бо тасвирҳои бикру тоза дасти муъҷизаофари зани тоҷикро ситоиш кардааст:

Зад ҳамчу қаламзанҳо, бар пираҳани саҳро,
Нақше, ки кунад сеҳрат бо сеҳри қалам Наврӯз.
Зебо чу зани тоҷик, атласбадани тоҷик,
Дар тан чакани тоҷик зебои ҳарам Наврӯз [19, с. 230].

Адабиётшинос М. Аҷамӣ дар мавриди иртиботи қавию мустақими суханвар ба ҳастӣ ва фалсафаи зиндагӣ чунин назар дорад: «Шоир бояст, ки огоҳии фаровоне дошта бошад аз инсон, ҳастии инсон, хилқати инсон ва ҷаҳоне, ки инсонро оғӯш дорад. Шоири оянданигор ва камоландеш танҳо дар тасвир ва нигориш маҳдуд намемонад, балки руҳи эътиқод ва боварро дар шеър медамонад. Бо дамидани ин руҳ тасвир, нигориш, ифода, зебоӣ, шевоӣ, иртиботи мантиқии калимот дар шеър ҷон мегирад» [58, с. 136-137].

Алимуҳаммад Муродӣ дар шеърҳои худ ҳамин гуна эътиқоду бовар ва моҳияти кулли ҳақиқатро дар пероҳани бадеият баён намуда, ба тараннуми Ватан мепардозаж. Огоҳии фаровон аз таъриху тамаддун ба Алимуҳаммад Муродӣ имкон додааст, ки дар шеърҳои пурмуҳтавои худ оламиёнро бо сарнавишти сангину гузаштаи пурпечутоби онҳо ошно созад:

З-Эрони бузург ном мондасту халос,

З-Оринасабон паём мондасту халос.
Аз ҳикмати Рӯдакию Синову Хайём,
Меросбарони ном мондасту халос [19, с. 238].

Мафҳуми Ватан дар тасаввуру тасвири Алимуҳаммад Муродӣ мафҳуми васеъро фаро гирифта, бо забону таърих, рӯду кӯҳистони диёр ва ёлаву талҳои он тавъам маънидод мешавад.

Ҳамин тариқ, ашъори ба мавзуи Ватан бахшидаи Алимуҳаммад Муродӣ баёнгари меҳру садоқати шоир ба марзу буми ниёгон буда, ҳар як зарраи хоку қатраи обаш ва мавҷудоту махлуқоташ барои ӯ азизу муқаддасанд.

## 2.2. Баррасии мавзуи бачагӣ

Давраи беғубори бачагию наврасӣ манбаи илҳому эҷоди аксари адибони нимаи дуюми ХХ буда, оид ба ин давраи наҷибу хотирмони ҳаёти инсон шеърҳои зиёде офаридаанд. Дар адабиётшиносии тоҷик баррасии ин мавзуъ дар заминаи эҷодиёти як қатор шоирони нимаи дуюми қарни ХХ ба мушоҳида мерасад.

Мавзуи мазкур дар адабиёти навини тоҷик бештар аз ҳам дар осори Б. Собир ҷилваҳои рангин дорад. Тасвири мавзуи мазкур дар ашъори Б. Собир нисбатан мутафовит аст. Ин мавзуъ дар эҷодиёти Бозор Собир бо дардҳову ғуссаҳои айёми кӯдакӣ, мушкилиҳову қаҳтиҳои солҳои ҷанг ва баъд аз он вобастагӣ дошта, дар чунин шеърҳо шоир ҳаёти кӯдакону наврасони он айёми бисёр душвори таърихи мамлакатро бо бадеияти баланд ва воқеъбинона ба қалам додааст:

Кӯдакӣ, кӯдакии дарбадарам,
Сахт буд, сахт маҳди бистари ӯ.
Гӯиё қаҳтиҳои ҷанги ҷаҳон,
Дӯш танҳо гузашт аз сари ӯ [28, с. 52].

Аз ҷумла, тасвири бадеии ин мавзуъ дар ашъори пурҷилои Лоиқ Шералӣ бештар мушоҳида расида, ӯ дар чунин шеърҳояш «азобу дарди гузаштаи айёми

бачагиро бо як самимияти хос, бо дарду алами бепоёни синасӯз ва басо ширину гуворо ва гӯшнавозу дилхарош ба қалам овардааст» [47, с. 98]:

Замони беғубори бачагиям
Аҷаб ғамхорҳое доштам ман.
Ба тоқӣ, дар гиребон, ҷилди болишт
Аҷаб тӯморҳое доштам ман [38, с. 17].

Лоиқ Шералӣ дар тасвири айёми бачагӣ маҳорати хосса нишон дода, ҷолибтарину гӯётарин лаҳзаҳои ин давраи рангину хотирмонро бо диду назари амиқ тасвир намудааст. Қаҳрамони лирикии чунин шеърҳои Лоиқ писари ҷасуру нотарс ва кунҷкобу зиракест, ки аз ҳамсолони худ закитару донотар аст:

Боз бо ҳамсолҳоям ҷангбозиҳо кунам,
«Қаҳрамони» ҷанг бошам, сарфарозиҳо кунам.
Ошиқе зорӣ кунад бар ман чу ояд бовараш,
Хат барам аз ӯву хат орам – ҷавоб аз дилбараш [38, с. 256].

Муъмин Қаноат низ дар тасвири айёми бачагӣ ибтикор карда, дар шеъри «Обшор» гулхандаҳои айёми бачагӣ, қимату ноёб будани он давра, бебозгашт будани оғози навбаҳори умри инсон ва розу ниёзи хуррамонаи онро басо моҳиронаву фаромӯшнопазир тасвир кардааст:

Он лаҳзаҳои бебадал гӯё ба хоб рафт,
Умри азизи бачагӣ монанди об рафт,
Чун кабки рав фаромаду лекин шитоб рафт [3, с. 55].

Дар баробари дигар шоирони ҷавони солҳои 70-80-уми қарни XX Алимуҳаммад Муродӣ низ ба мавзуи бачагӣ рӯй оварда, оид ба ин айёми хотирмони умри инсонӣ шеърҳои зиёде офаридааст. Дар ашъори шоир беш аз бист шеър ба мавзуи бачагӣ бахшида шуда, шеърҳои «Садои пои баҳор», «Истиқлолият», «Бачагӣ», «Шаби ошуфта», «Баҳори бачагӣ», «Санҷиш», «Истиқболи бачагӣ», «Дидори тифлӣ», «Такрори афсона», «Орзуи бачагӣ», «Дарёи умр» ва ғайра аз ҳамин қабиланд. Дар онҳо шоир гоҳо бо ҳасрату таассуф ва навмедӣ, гоҳи дигар бо шодию сурур ва ифтихор аз айёми бачагии

худ ёд меорад. Дар чунин шеърҳо калимаю таркиб, образҳои хотирнишин ва ибораҳои тоза ба тозаро мавриди истифода қарор медиҳад. Дар онҳо кашфи маъно, тасвир, лаҳза, ҳолат, ҳис, таркиб ва баён дар паҳнои андешаву тафаккури адиб бо шеваю услуб ва равиши хоси эҷодӣ тарҳрезӣ шудаанд. Ӯ рангҳои гуногуни овони бачагиро бо рангҳои фаромӯшнопазири чаҳор фасли табиат омезиш дода, бо зебоии андеша ва тароватҳои нафис хаёлу хотири ҳар як хонандаро беихтиёр ба ин овони бебозгашти умр раҳнамун месозад.

Чуноне ки пажӯҳишгари эронӣ А. Шеърдӯст қайд намудааст, «…мафҳуми «кӯдакӣ» муждаи мутаҳаррики аслӣ аст, бо ин ҳама дар хотироте, ки баён мешавад, табиат фақат воситаи баёнӣ нест. Балки пас аз хондани шеър он чи дар зеҳн мемонад, ҷуз тасвири зебое аз табиат нест. Дар воқеъ, он чи шоир аз он бо ҳасрат ёд мекунад, танҳо кӯдакӣ нест, балки табиате ҳам, ки дигар аз он ҷудо шуда ва ба фазои шаҳр (ва дарвоқеъ фазои табиат) партоб шудааст, бо кӯдакии ӯ сахт пайваста аст» [134, с. 71].

Шеъри «Баҳори ноошно» овони тифлию кӯдакии А. Муродиро ба таври умумӣ дар бар гирифта, қаҳрамони ғинои ба пуштаҳои сабзпӯш рӯй оварда, худро ҳамчун решапайванди ин обу хок, дашту кӯҳсори диёр ҳисобида, аз оби чашмасорону гулу гиёҳи домани Ватан қуввату неруи тоза гирифтааст:

Дигар ин пуштаҳо он пуштаҳо нест,
Ки рӯйи сабзаҳояш мезадам ғел.
Набошад тифлиам дар мавҷи сабза,
Дигар чун санги ғелони дами сел [19, с. 23].

Шоир аз зуду бебозгашт рафтани айёми биҳиштосои бачагӣ дар шигифт буда, дар шеъри «Бачагӣ» дар бари талу теппа ва кӯҳсор, аз роҳи чашмаи деҳа, аз селобҳову сангобҳои диёраш бачагиашро ҷӯё мешавад:

Намеёбам гули хушкардаамро,
Миёни ин ҳама гулҳои худрӯ.
Дигар он гул, ки бӯйи кӯдакӣ дошт,
Набошад байни ин гулҳои хушбӯ [19, с. 23].

Шеърҳои зиёди ба ин мавзуъ бахшидаи шоир ҷаҳони орзуҳои ӯро нисбати сафар ба деҳа ва дидори зодгоҳ фаро гирифта, дар тахайюли ӯ бачагӣ хандакунон бо гулу гулдастаҳо ба пешвозаш мебарояд. Ӯ бо тасвирҳои воқеӣ ва аз дидгоҳи реалистӣ як давраи азизи умри инсонро равшану возеҳ таҷассум месозад. Чу сӯзан дар миёни хок ҷӯстани ҷавонӣ тасвирест, ки чӣ қадар азизу камёфтбудани айёми бачагӣ барои ҳар инсонро бозгӯ менамояд:

Чу чанги роҳҳои деҳа мерахшад,
Ба тори сар хаёлоти парешонам.
Зи роҳу рӯ нишони кӯдакиямро
Чу сӯзан дар миёни хок ҷӯёнам [19, с. 25].

Дар шеъри «Сафаре ба кӯдакӣ» бошад, ки қаҳрамони лирикии шоир ба деҳа по гузошта, ба гӯшаш навои тифлона, вале бегона мерасад. Баъдан манзараи кӯдаке ба тасвир омадааст, ки бо нияти гулчинӣ ба дасту пояш неши хоре расида, ӯ бо дандон азми кашидани хор мекунад. Тасвири бикри шоир «аз донаи ашкаш» раҳораҳ рӯйидани нола аст:

Ҳанӯзам аз лаби дарёчаи деҳа
Навои шӯхии тифлона меояд,
Вале бегона меояд ба гӯши дил,
Дили бо сози оҳу нола хӯ карда.
Ҳанӯзам кӯдаке гулчин
Ба дандон мекашад аз дасту пояш неши хореро.
Ва тифле ланг-лангон меравад аз донаи ашкаш
Раҳораҳ нола мерӯяд [19, с. 31].

Алимуҳаммад Муродӣ дар шеърҳои ба мавзуи бачагӣ бахшидаи хеш аз ғановати арзишҳои маънавию ахлоқии ин давраи хотирмони ҳаёт дар деҳа ёдовар шуда, ҳамчун барқи чашмони сабзу шодобу беғубори бачагон олами пуртаззоду серкина и калонсолонро низ поку беолоиш тасаввур кардан мехоҳад. Дар шеъри «Бозгашти ёд» ҷаҳидану ғелидан ва гулчиниҳои бачагонро дар кӯҳу пушта, хор халидан ба пои онон ва бо дандон кашида гирифтани хорро хеле барҷаста тасвир намудааст:

Намедонад,

Ки рӯзе аз даруни синаи ӯ кунда хоҳад зад,

Тамоми хадраҳояш хадраи дарданд,

Тамоми баргҳояш чеҳраи зарданд...

Ҳанӯз ин ҷо,

Тамоми кӯдакиҳо мешавад такрор.

Баҳори рафта меояд,

Диле пурнакҳату анвор,

Вале дигар намеояд,

Намеояд ҳамон як кӯдакии масту бепарво

Баҳори рафта меояд,

Вале чун ман ба чашми тар,

Ба мисли ман мусофирвор [19, с. 32].

Ғамзадагии шоир аз умри пасисаргашта ва ноошно гардидани деҳа дар шеъри «Сафаре ба кӯдакӣ» ба назар мерасад:

Чу чанги роҳҳои деҳа мечархад

Ба тори сар хаёлоти парешонам.

Зи роҳу рӯ нишони кӯдакиямро

Чу сӯзан дар миёни хок ҷӯёнам.

Вале ин деҳа дигар деҳаи ман нест,

Агарчи пуштаҳояш беқасабпӯшанд.

Кушодачеҳраанду гармоғӯшанд,

Вале дигар маро дар бар намегиранд,

Хомӯшанд.

Маро ин ҷо ҳама бегона медонанд,

Агар хонанд, чу меҳмони шабмонда

Ба сӯи хона мехонанд [19, с. 25].

Мавзуи бачагӣ дар шеърҳои «Ашки кӯдак», «Кӯдакиам ба ёд меорад», «Тифл», «Пайраҳа», «Исён кунам» ва дигарон хеле барҷаста ва самимӣ тасвир шудааст.

Ҳунари нигорандагии Алимуҳаммад Муродӣ дар корбурди моҳиронаи забони осораш хеле хуб ба мушоҳида мерасад. Шоир арзиши сухан, вожаю калимотро дар ашъораш басо баланд шумурда, пайванди инсону замин, пайванди инсону табиат ва пайванди инсону Ватанро бо дилбастагии хосса тасвир намудааст. Шоир дар шеъри «Бачагии ҷовидон» иброз медорад, ки ниҳоди шоиронаи ӯ обшори аёну ошкорест, ки барои дӯстон ягон ганҷу лаъли ноаён, яъне, рози пӯшида надорад ва поку бекина мебошад. Қаҳрамони ғиноии шоир таҷассумгари ниҳоди беолоиши худи Алимуҳаммад Муродӣ буда, тамоми умри худ ӯ кӯдакввор одиву сода ва дилсофу накӯкор зистааст. Аз тадқиқи шеърҳои дар мавзуи бачагӣ иншонамудаи Алимуҳаммад Муродӣ бармеояд, ки ӯ бо диди тоза, таркибҳои зебову дилнишини ибораоройӣ, эҳсосоти барҷастаи нигорандагӣ, бо баёни латифи маъно, ҳолат ва лаҳзаҳои ҷолибу рангоранг дар ин маром сухансаройӣ намудааст. Ӯ лаҳзаҳои ошнову фаромӯшношуданиии овони бачагиро бо ҷилваҳои равшан, дар ҳавои суннату оинҳои мардумӣ, дар авҷи зебоӣ, шевоӣ, балоғат, назофат ва рангорангии шеър тасвир намуда, андеша ва тахайюли зебои шоиронаи худро бо дарунмояи пурғановати фалсафӣ такмил додааст.

Ҳамон тавре ки дидем, шоир давраи кӯдакиро дар ашъораш хеле барҷастаю самимӣ, ба қалам додааст.

## 2.3. Ситоиши модар

Барҷастатарин мавзуъ дар адабиёти ҷаҳон дар ситоиши модар, бешубҳа, романи «Модар»-и А.М. Горкий мебошад, ки ба аксарияти забонҳои ҷаҳон тарҷума ва нашр гардидааст. Он аввалин асаре мебошад, ки бо равияи реализми сотсиалистӣ навишта шудааст ва яке аз равияҳои асосӣ ва муҳим дар адабиёти рус ва ҷаҳон боқӣ мемонад. Барои таълифи асар нависанда маҷбур мешавад, ки ба Амрико ҳиҷрат кунад ва онро соли 1906 чоп намояд. Баъди ғалабаи Инқилоби Октябр (1917) Горкий ба Россия баргашта, асарро бе ягон таҳрир чоп менамояд. Романи «Модар» аз ду қисм иборат буда, қаҳрамони

маркази̅ модари Павел Власов – Пелагея Ниловна мебошад. Накши Ниловна дар асар барҷастаю боварибахш ва эътимоднок тасвир ёфтааст. Нависанда дар нақши Ниловна мубориза баҳри ободиро хеле барҷаста тасвир намудааст. Ҳамчунин, асар аз тарафи адабиётшинос ва тарҷумони барҷастаи адабиёти тоҷик – Раҳим Ҳошим тарҷума шуда, аз тарафи нашриёти «Маориф» аз чоп баромадааст. Романи «Модар» асари рӯйимизии ҳар як хонандаи ҷаҳон ба ҳисоб меравад [2].

Тавсифи зан-модар дар адабиёти хаттӣ низ аз адабиёти шифоҳӣ сарчашма гирифтааст. Симои зан-модар дар жанри рубоӣ, дубайтӣ ва қиссаву афсонаҳо хеле воло ифода ёфтааст. Чунончи дар рубоии зерин мебинем:

Э зоғи сиёҳ, куҷо мерай, гӯшот кар,
Хабари мара ба пеши очама бубар.
Аввал рафтӣ гиряву зорима бигӯ,
Бовар, ки накард зиндаҷудоима бигӯ [37, с. 42].

Ё худ дар бораи қаҳрамонию ҷасурии зан-модар дар байни бошандагони ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон оид ба кӯҳи «Чилдухтарон» қиссаву ривоятҳо ҷой дорад, ки ба ҳамагон маълум аст.

Ба ақидаи профессор Холиқ Мирзозода, «Ҳарчанд ки дар адабиёти давраи исломии шарқ образи занон бештар манфӣ эҷод шудааст, вале Фирдавсӣ ба хислатҳои занони давраи пешазисломӣ ва образҳои фолклорӣ такя намуда, силсилаи образҳои мусбатро ба вуҷуд овардааст, ки ҳусну таваҷҷуҳи хонандаро ба худ ҷалб менамояд [86, с. 413].

Дар адабиёти муосири форсизабонон аввалин шоире, ки ба мавзуи модар рӯ овардааст, Эраҷ Мирзо мебошад. Шеърҳои «Дили модар», «Муҳаббати модар» ва «Модар» имрӯз низ вирди забони форсизабонони олам гардидааст:

Гӯянд маро чу зод модар,
Пистон ба даҳон гирифтан омӯхт.
Шабҳо сари гаҳвораи ман,
Бедор нишасту хуфтан омӯхт [6, с. 8].

Мавзуи модар дар эҷодиёти адибони муосири тоҷик аз мавзуъҳои фароху пурвусъат ва доманадор буда, бо руҳи зебову дилпазир ва садоқати бепоён тараннум гардидааст. Тасвири бузургию саховатмандӣ, меҳрпарварию раҳмдилӣ, ҷилои ҷавҳари поку тинати оинасон софи модар тавъам бо симои азизу муқаддас ва нотакрори ӯ диққати аксари адибонро ба худ кашида, ҳар яке аз онон бо эҳсоси масъулияти баланду садоқати беҳамтои фарзандӣ дар ин мавзуъ асарҳо офаридаанд. Ҳанӯз устод Мирзо Турсунзода дар давраи аввали эҷодиёти худ шеърҳои «Ба модарам» [1933], «Хайр, модари азиз» [1941] ва «Ризои модар» [1941]-ро ба ин мавзуи муқаддас бахшида, дар давраҳои минбаъдаи фаъолияти эҷодии хеш дар ситоиши модар шеърҳои «Модарам», «Дасти модар», «Дили модар», «Зан агар оташ намешуд» ва амсоли инҳоро иншо намудааст, ки то имрӯзҳо дар миёни хонандагони тоҷик маҳбубияти хосеро доро мебошанд [75, с. 22].

Дар ин шеърҳо модари тоҷик бо тамоми бузургиву шаҳомат, бурдбориву таҳаммул ва ҳусни табииву боигарии маънавӣ тасвир ёфтааст. Тавре ки профессор Аламхон Кӯчаров таъкид месозад, «мавзуи модар дар назми муосири тоҷик мавқеи марказӣ дорад. Шоире нест, ки ба ин вуҷуди муқаддас шеър набахшида ва сарчашмаи ҳаёти музаффарро васф нанамуда бошад. Ин мавзуъ, махсусан дар эҷодиёти устод Мирзо Турсунзода ва зиндаёд Лоиқ Шералӣ, ба пояҳои баланди ғоявию бадеӣ расидааст» [75, с. 46].

Дар шеъри «Модарам» устод Мирзо Турсунзода бо муҳаббати беканор аз модар – ин олиҳаи садоқату назокат ва покиву муқаддасот ёдоварӣ намуда, муҷассамаи ёдгории ӯро дар тасвироти рангину мондагор ҷовидонӣ гардонидааст:

Шеър гӯям, ояд аз шеърам садои модарам,
Деҳа гӯям, бар сарам ояд ҳавои модарам.
Солхӯрда гар зане рӯзе дучор ояд ба ман,
Гӯямаш, ки бош, то ҳастам, ба ҷойи модарам [32, с. 277].

Дар ашъори устод Муъмин Қаноат шеърҳои зиёде, аз қабили «Ба модари Либия», «Модар дод болаш», «Меҳри модар», «Зани тоҷик», «Хоби модари

Олмон», «Лафзи модар» ба модар бахшида шудаанд. Дар онҳо адиб бо камоли ҳунармандӣ сабку услуби мушаххаси нигориш ва навовариҳои муваффақона дар шаклу мундариҷаи ашъор симои бузургу нотакрор ва чун хуршед нурбору ҳароратбахши зиндагии одамӣ – модарро ситоиш намудааст.

Дар достони «Сурӯши Сталинград» нақши модар пуртаъсиру ҳаяҷонбахш, ҳамчун рамзи офаридгори ҳаёт ва насли одамӣ, сарчашмаву ҳомии банӣ башар ва ғамхору ғамгусори фарзандон тасвир гардида, ҳақиқати бузурги ҳаёт дар рафтору гуфтори модарон инъикос ёфтааст:

Аё модар,
Адои мӯйи ҳамчун ширу рӯймоли сиёҳат ман,
Фидои ашкҳои ҳамчу тифли бегуноҳат ман.
Ба зери лаб чӣ мегӯӣ, чӣ меҷӯӣ?
Гули худро намеёбӣ, миёни буттаю гулҳои худрӯӣ? [3, с. 41].

«Дар шеъри «Тоҷикистон», – гуфтааст Алиасғари Шеърдӯст, – зан бештар дар ҳайати як модар чеҳра менамояд. Камтар маҷмуаи шеъре метавон ёфт, ки дар он шеър ё шеърҳои ба модар ихтисос наёфта бошад. Бозор Собир низ вақте дар сӯги модар забон ба марсия мекушояд, шеъре бо тасвирҳои кӯдакӣ шакл мегирад. Дар воқеъ, шоир барои ду азизи аздастрафта – модар ва кӯдакӣ сурудмӯя сар медиҳад:

Ҳамон як тарҳи сездаҳсолаи ман
Ба ранги соя мегардад ба ҳар дар,
Ба лаб табхолаву хасмола дар даст,
Ба гардан риштаи тӯмори модар…» [134, с. 93].

Лоиқ Шералӣ низ аз қадамҳои аввалини эҷодии худ ба мавзуи модар таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, махсусан, тавассути шеъри «Ба модарам» шуҳрати аввалини шоириро ба даст овардааст. Баъдан, ин мавзуъ дар тамоми эҷодиёти шоир мавқеи меҳварӣ пайдо мекунад. Шеърҳои ба ин мавзуи муқаддас бахшидаи ӯ – «Модар», «Суруди модар», «Қарз», «Қасидаи модар», «Ҷомаи гадоӣ», «Чордард», «Ту монанди замин танҳоӣ, модар», «Дар сари гӯр», «Ҳасрат», «Муноҷот ба модар» ва чандин рубоиву дубайтиҳояш ба

тасвири хусусиятҳои миллии модари тоҷик, ботини поку беолоиш ва ҷаҳони орзуву ҳавасҳои модари рустоӣ пардохтааст. Дар «Модарнома»-и Лоиқ ҳатто устод, пир, қиблагоҳ барин тавсифҳо ва унвонҳои ба падар ва мард тааллуқдор ба модар нисбат дода мешавад:

Қиблагоҳам!
Модари олампаноҳам!
Рафтаӣ гарчи зи дунёи дудар
Дар сарат қарси сафед,
Дар рухат нури умед,
Дастҳо дар пеши бар
Дар пеши дар истодаӣ [39, с. 324].

Дар тасвири симои муқаддаси модари Шарқ устод Лоиқ, шояд бори нахуст дар адабиёти даврони шуравии тоҷик аз калимаҳои Худо, Қуръон, оят, пайғамбар, Ҳафтяк истифода кардааст, ки ин аз ҷасорати адабии шоир гувоҳӣ медиҳад. «Суханшиносон «Модарнома»-и Лоиқ Шералиро дар радифи модарномаҳои Мирзо Турсунзода, шоирони эронӣ Эраҷ Мирзо, Раҳийи Муайирӣ, «Эй, вой, модарам» ном шеъри машҳури Шаҳриёр, «Мактуб ба модар» ва «Мактуби модар» ном шеърҳои шоири рус Сергей Есенин гузошта, услуби нигориши онҳоро саҳли мумтанеъ гуфтаанд» [73, с. 306].

Ҳамзамон, анъанаи модарноманависӣ дар адабиёти замони Истиқлол идома ёфт. Шоирон Меҳринисо ва Саидқул Мирализода таҳти унвонҳои «Меҳроби розам, модарам» ва «Модарнома» солҳои 2019 ва 2020 асар эҷод намудаанд. Дар маҷмуаи «Меҳроби розам, модарам», Меҳринисо муҳаббатномаи худро ба зиндагӣ, ба латифтарин ва бузургтарин отифаи башар – Модар, ки саропо лутф асту сафо ва таҳаммули бедареғаш пайваста хотираи зиндагисози инсоният мебошад, бахшида шудааст. Дар шеъри «Ман тоқа мондам оча» Меҳринисо аз даст додани модарро хеле табиӣ тасвир намудааст:

Бе ту ба зери гардун,
Бечораву ҷигархун,
Бо ғуссаҳои афсун

Ман тоқа мондам оча [1, с. 6].

Маҷмуаи «Модарнома»-и Саидқул Мирализода бошад, аз бузургию бурдборӣ, шаъну шуҳрат, матонат ва муқаддасию покии зан – модар васф менамояд. Маҷмуа бо шеъри «Ибтидо» оғоз меёбад:

Ибтидои зиндагонӣ модар аст,

Сархати фазлу маонӣ модар аст.

Ҳомии сулҳу амонӣ модар аст,

Ҳайкале дар ҷовидонӣ модар аст [5, с. 3].

Мавзуи зан-модар дар эҷодиёти Гулрухсор бо ҷилою тобиш ва рангомезии нав ба ҷилва омада, ин илоҳаи зиндагиофар бо ҳама розу ниёз, сӯзу гудоз ва зебоиҳову ҷаҳони пурасрораш ситоиш карда шудааст. Нерумандӣ, тавоноӣ ва қудрати зан-модарро шоир дар руҳи баланду муқтадир, сеҳри сухан, шодии зистан, зебоиофарию зебоипарастии ӯ дида, сари баланду ғурури ботафохур ва ҷасорати занонро таранннум ва васф менамояд. Ба ҳамин паҳлуи мавзуии ашъори Гулрухсор адабиётшинос Матлубаи Мирзоюнус чунин баҳогузорӣ намудааст: «Гулрухсор, чунонки аз ашъораш пайдост, дар ин ҷода ибтикороте ба зуҳур овардааст ва дар ситоишу накӯҳиш ва дифову мазаммати ҳамҷинсон бо чашмандозе густурдатар, хаёлоте бориктар ва вуруде жарфтару огоҳие комилтар хома рондааст. Ба шахсият, руҳу равон ва кайфияти зан андешидан, кайҳони руҳу ормонҳои ӯро шинохтан аз вижагиҳои сабки Гулрухсор аст, ки на танҳо дар ашъор, балки дар насраш низ падид омадааст» [88, с. 125]. Шоир бар он ақида муътақид аст, ки Худованд баъд аз худ дар олам ба Зан-Модар боварию эътимоди бештар дошта, аъмоли нигоҳдошту афзун намудани насли одамиро дар рӯйи Замин ба дӯши ӯ вогузор намудааст:

Модаре сафархоҳ аст, раҳкушои ду роҳ аст,

Дар талоши ду ҷон аст, ҳарду ҷон сари оҳ аст.

Наъра мекашад аждар, сӯи кӯдаку модар

Марди мардро бингар, музтару тамошогар [27, с. 135].

Ин шеър, ки «Зодани инсон» ном дорад, лаҳзаи ба дунё омадани тифл, рӯ ба рӯйии зан бо марг, дифоъ аз ҷони худу ҷони тифл, «тамошогари нотавон»

будани мард дар чунин ҳолати ҳассос ва дар паноҳи зан қарор доштани мардонро тасвиргар мебошад. Дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ низ тараннум ва ситоиши модар ҳанӯз аз давраҳои аввали қалам ба каф гирифтани адиб оғоз ёфта, шоир то ба имрӯз ба ин мавзуи ҷовидонӣ шеърҳои зиёде бахшидааст. Аввалин шеъре, ки Алимуҳаммад Муродӣ дар ин мавзуъ навиштааст, «Шеъре зи панҷ ҳарф» унвон дорад, ки дар оғози фаъолияти эҷодии шоир таълиф гардидааст. Ин шеър бо тасвироти рангин ва ташбеҳҳои дилнишини шоирона ороиш ёфтааст. Дар маркази тасвир қарор гирифтани он лаҳзае, ки тифли навзод аз лаззати шири модар завқу ҳаловат бурда, бо дидагони шуълабор ва чеҳраи чун ғунча шукуфон ба модар арзи миннатдорӣ менамояд, ҷолибияти шеърро афзун менамояд. Мушоҳидаи борикбинонаи адиб шеърро басо табию воқеӣ ва муассир гардонидааст. Илова бар фасоҳату балоғат, дар шеър камбуд низ дида мешавад. Ба андешаи мо, мисраъҳои ишорашуда бе зарурат истифода шуда, таровати шеърро кам гардонидааст:

Як умр ҷӯстам,
Ҳарфи мувофиқе,
То ин ки офарам,
Як байти лоиқе,
Дар васфи модарам.
**Ҳар он чӣ кофтам,**
**Ҳар он чӣ ёфтам**
**Бо тору пуди шеър**
**Онро бубофтам.**
**Охир падид шуд**
**Дар лавҳи дафтарам.**
**Шеъре зи панҷ ҳарф,**
**Яъне ки «модар»-ам.**
**Модар, ба васфи ту**
**Ҳарчанд кофтам**
Беҳтар зи номи ту
Шеъре наёфтам [12, с. 25].

Аз зиндагиномаи шоир бармеояд, ки ӯ аз падар барвақт ятим монда, таҳти тарбияву сарпарастӣ ва ғамхориҳои модари танҳояш ба воя расидааст. Модар бо мақсади тарбияи дурусти фарзандон ва солеҳу соҳибмаълумот гардидани онҳо умри ҷавони худро дареғ надошта, тамоми мушкилиҳои зиндагиро мардонавор ба дӯш мегирад ва ононро ба сӯйи манзили мақсуд раҳнамоӣ месозад. Шоир дар шеъри «Модар, баҳор шуд» ҳамин маъниро бо таассуф ва ҳасрати бепоён тасвир намуда, иброз медорад, ки аз даст додани модар чи дарди мушиле барои фарзанд мебошад:

Модар,
Баҳор шуд,
Аммо дарахти хушки танам гулбасар нагашт.
Бас рӯзҳо гузашту басе буданӣ бишуд,
Аммо баҳори рафта дигар аз сафар нагашт [19, с. 121].

Таъкидҳои зерини муҳаққиқ А. Давронов нисбат ба ашъори Бозор Собир ба эҷодиёти ҳамқаламони ӯ, аз ҷумла ба Алимуҳаммад Муродӣ низ тааллуқ дорад: «Образи модар ва образи зан шеъри шоирро он қадар ҳусн, тароват ва шукуҳ бахшидаанд, ки шоир дигар натавонистааст аз чунин олам ва ҳалқаи таассурот берун равад ва шеъре бигӯяд, ки мавҳум бошад. Ин муддао бархоста аз муҳтавои тасвир ва ифода дар ашё ва дар шеъри худи шоир мебошад» [64, с.220]. Воқеан ҳам, дар тасвироти Алимуҳаммад Муродӣ зан-модар ҳамчун намунаи барҷастаи некройиву олиҳимматӣ, нерӯйи бешикаст, махзани ҷуръату шуҷоат ва вафову садоқат ба назар расида, шаъну шукуҳ ва бузургии худро модар дар номуси баланду ифтихори боғурураш намоиш медиҳад.

Як сари қоқи ману ин ҳама дард,
Ту будӣ, дард набуд танҳоӣ.
Ту будӣ, аз алами дунёӣ,
Ин қадар ман набудам савдоӣ,
Зиндагӣ бе ту набудаст осон,
Давлати рафта зи сар, модари ҷон [19, с. 75].

Шоир дар шеъри «Ба ёди модарам» аз овони кӯдакиву ятимиҳо, мушкилию ранҷҳои он айём ёд намуда, ранҷу заҳматҳои мардонавори модари танҳояшро бо пуртоқатию сабру таҳаммул ва баландии руҳаш тасвир мекунад. Дар ин шеър бунёди мушоҳида ва нияту армонҳои шоир аз поя ва пораҳои хотира вусъат гирифта, ба шоир илҳоми баланди қадршиносиву эҳтиромро талқин намудаанд, ки аз шири модару обу ғизои модар сарманшаъ гирифта ба онҳо саҳеҳан тавъам будаанд:

Дур аз рӯйи чу шират чашмам
Тифли аз сина ҷудокарда шудаст,
Ашки рӯпӯш – ҳиҷоби миҷгон,
Дур афкандаву бепарда шудаст,
Ғуссаҳои хӯрдаам,
Дар дилам зарда шудаст,
Ин қадар дер чаро фаҳмидам:
Зиндагӣ бе ту набудаст осон,
Давлати рафта зи сар, модари ҷон [19, с. 75].

Дар китоби «Сунбулкон»-и Алимуҳаммад Муродӣ ва умуман, тамоми ашъори шоир модар ҳамчун рамзи ҷовидонаи некӣ ва накӯкорӣ, меҳру шафқат ва бузургӣ тасвир гардида, абадияти қувваҳои нек ва ростию покӣ маҳз тавассути қалби поки Модар дар ҳаёт тантана ва музаффарият доранд. Чунин ба назар мерасад, ки тавассути олами пандомӯзу пурҳикмати модар шоир ба хонанда фурӯ рафтан ба ҷаҳони ботинии ӯ, варо самимона дарк намудан ва муқаддас шумурданро таъкид месозад. Дар чунин шеърҳо андеша ва муҳокимаҳои қаҳрамони ғиноӣ бештар бо зиндагии одию воқеии модар, тасвири муҳимтарин ҷузъиёти ҳаёти ӯ тавъам бо ҳиссиёту идроки баланд дар омезиш бо урфу одатҳои миллӣ, расму оинҳои равшанибахши ҳаёти мардум баён гардида, хонандаро ба роҳи накӯкорӣ ва бахтофаринӣ ҳидоят месозанд:

Модарам соябони сари ман буд,
Беҳтарин модар – модари ман буд [19, с. 335].

Як хусусияти муҳимми ин шеърҳо тавассути монолог-мухотаб иброз намудани андеша ва эҳсосоти қаҳрамони ғиноӣ мебошад. Дар ин бора адабиётшинос Ю. Акбаров чунин андеша дорад: «Дигар навъи тозаи назми мо шеъри монолог мебошад, ки намунаҳои онро бештар дар эҷодиёти М. Қаноат, Л. Шералӣ, Б. Собир, Ш. Ёдгорӣ, Ҳ. Файзулло, С. Маъмур мебинем. Дар онҳо модар дар фироқи фарзандони шаҳид, ҷигаргӯшаҳои худ нолаи ҷонсӯзе мекунад, дар вуҷуди ӯ як олам хашму ғазаб ва нафрат зидди ҷангҷӯёни ҷаҳон ва душманони инсоният нуҳуфтааст. Ин услуби адабӣ барои ҳаматарафа кушодани асрори дили инсон ва умуман хислати қаҳрамонон имконияти тоза фароҳам овард» [46, с. 43]. Шеъри «Модар, баҳор шуд»-и Алимуҳаммад Муродӣ аз ҳамин гуна хусусият бархурдор мебошад. Шоир бо як ҳиссиёти баланду наҷиб, эҳтирому самимияти беандоза ба модари хеш муроҷиат намуда, таъкид месозад, ки дар подоши ин қадар бузургии беандозаи модарон таърих дар пеши пойи онҳо сари таъзим фуруд меоварад. Мазмуни баланди шеър, ки ифодакунандаи меҳру муҳаббати хоси модарон, бедорхобию ранҷ, шафқату меҳрубонӣ, қалби нарму ботараҳҳум, некхӯйиву некройӣ, ҳолату авзоъ ва табиати модарон дар лаҳзаҳои гуногуни умр мебошад, хонандаро ба ҳаяҷон меорад:

Модар, баҳор шуд,
Барфи сар аз чӣ об чу дар сояхам нашуд?
Бе ту баҳор зеби баҳорӣ надоштаст,
Кам шуд ҳисоби умр, вале ғусса кам нашуд [19, с. 121].

Шоир кӯшидааст, ки бо мушоҳидаҳои амиқ ва таъбирҳои образноку таъсирбахш умри пурбаракати модарони тоҷикро нишон диҳад. Ҳаёти онҳо дар пайроҳаҳои дарози рӯзгорон бо гуселу пешвози зиндагӣ, ноободиҳоро обод сохтан, дудаи ҷанги хонумонсӯзро «ба мӯҳои худ интиқол доданҳо», қалбҳои худро дар оташи ғам гудохтанҳо, ба ёди шаҳидони хуфта дуои нек хонданҳо, кадбонуву саркори маъракаи шодмониҳову саровози фиғони мотам буданҳо сипарӣ шуда истодааст:

Модар, баҳор шуд,

Аммо аз ин баҳор

Бӯйи хуше зи долу дарахте намерасад.

Рӯзе, ки гашт дасти ман аз доманат ҷудо,

Дастам дигар ба домани бахте намерасад [19, с. 122].

Дар шеърҳои навхусравонии шоир низ мавзуи модар хеле барҷастаю самимӣ баромадааст.

То имрӯз симои модар чун фаришта [23, с. 1], Худои дуюм [1, с. 29] дар адабиёт тасвир шуда бошад ҳам, дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ модар ҳамчун Худо таҷассум ёфтааст. Аз ин тасвирот чунин метавон хулоса кард, ки шоир модарро ба Худо, ҳамчун офаридгор, ташбеҳ медиҳад. Дар ин шеър як навъ ҷасорати шоир дида мешавад, ки модарро аз Худо кам намедонад:

Бузургие чунону хоксорие чунин, модар,

Бузурги хоксоре ҳамчу ту дигар намедонам.

Худоҷӯям,

Худотарсам,

Мусулмонам,

Баимонам,

Туро лек аз Худои тори сар камтар намедонам [19, с. 162].

Ҳамин тариқ, шеърҳои дар васфи модар эҷоднамудаи Алимуҳаммад Муродӣ чун дигар шоирони шинохтаи тоҷик аз меҳру муҳаббати беолоиш ва беканори ӯ нисбат ба ин симои муқаддас ва ҷовидонӣ ибтидо гирифтааст. Шоир дар шеъри ба ин мавзуъ бахшидаи хеш таъкид месозад, ки тавассути мавҷудияти муборакy қудсии зан-модар покию сафо, некию накӯкорӣ, бузургиву ҳашамат, бурдбориву таҳаммул ва ҳусни табииву боигарии пурғановати маънавии инсонӣ ҷовидонӣ мебошад. Ҳамин хислатҳои воло ва муқаддаси модар дар ашъори шоир бо сидқу ихлоси бепоён таранnум гардидааст.

## 2.4. Тараннуми ишқу муҳаббат

Мавзуи ишқ аз мавзуъҳои ҷовидонии адабиёти ҷаҳон ба шумор рафта, ҳузури он ба адабиёт, рангу бӯ, оҳангу таровишҳои тоза, атру накҳати ҷонфизо ва ғановати бемисл бахшидааст. Ба ибораи дигар метавон гуфт, ки ишқ дар адабиёт аз мавзуоти меҳварӣ ва баробар ба хидмати таърихи адабиёт аст. Ишқ зимнан ҳампову ҳамқадам ва ҳамнафаси инсонҳо мебошад, ки тасвиру ситоиши он дар таърихи ғанӣ ва пурсарвати адабиёти куҳанбунёди форсу тоҷик ин гуфтаҳоро собит месозад. Дар адабиёти классикии форсу тоҷик тараннуми ишқ бо ду роҳ – ишқи ирфонӣ ва ишқи инсонӣ ҷараён гирифта, бо ифодаҳои муҳокимавӣ ва бадеии ошиқона нигориш ёфтаанд. Дар тавсифи ишқи ирфонӣ намояндагони аҳли тасаввуф аз худ берун рафтан ва ба ваҳдат расиданро таъкид намуда, сидқу вафо ба Худовандро дар мадди аввал гузоштаанд. Намунаи барҷастаи ишқи ирфонӣ «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ мебошад. Барҳақ Мавлоно Ҷомӣ дар ин маврид хеле муносиб гуфтааст:

Ман чӣ гӯям васфи он олиҷаноб,
Нест пайғамбар вале дорад китоб:
«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ,
Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ [73, с. 203].

Найи тасвирнамудаи Мавлоно муҳаббати ҳазрати Одам ба Офардигорро таҷассум менамояд:

Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,
Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад,
К-аз найистон то маро бубридаанд,
Аз нафирам марду зан нолидаанд.
Сина хоҳам шарҳа-шарҳа аз фироқ,
То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ.
Ҳар касе, к-ӯ дур монд аз асли хеш,
Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш [50, с. 197-202].

Маънии ирфонии порчаи шеърӣ орзуи дубораи дарёфти рӯзгори васл ба Худованд мебошад. Ин анъана дар эҷодиёти шоирони ирфонисаро ба монанди Абусаиди Абулхайр, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Аттор, Соиб, Ҷомию Навоӣ, Ҳофизу Саъдӣ ва дигарон хеле барҷаста таҷассум ёфтааст.

Дар тараннуми ишқи инсонӣ намояндагони зиёдеро номбар кардан мумкин аст, ки ба ин мавзуъ дахл намудаанд. Ҳанӯз аз давраи аввали шаклгирии адабиёти хаттии тоҷикӣ-форсӣ (асрҳои VIII-X) шоироне чун Ҳанзалаи Бодғизӣ, Абусолики Гургонӣ, Маҳмуди Варроқ ва дигарон ба ин мавзуи ҳаётан муҳим рӯ овардаанд. Аз ҷумла, Маҳмуди Варроқ мегӯяд:

Нигорино, ба накди ҷон-т надҳам,
Гаронӣ дар баҳо, арзон-т надҳам.
Гирифтастам ба ҷон домони васлат,
Ниҳам ҷон аз кафу домон-т надҳам [105, с. 32].

Маҳмуди Варроқ ба нигори хеш гуфтааст, ки ту гаронбаҳоӣ ва ман туро арзон намедиҳам, ҳатто ба накди ҷони хеш. Чун домани васлатро ба даст гирифтам, ҷон медиҳам, вале домони туро раҳо нахоҳам кард.

Ин анъана баъдтар дар шакли асарҳои калонҳаҷм низ ба вуҷуд омад. Ба гунаи намуна метавон «Хамса»-и Низомиро мисол овард. Ба андешаи адабиётшинос Абдунабӣ Сатторзода «Пас аз ӯ танҳо ба забони форсии тоҷикӣ ба «Махзан-ул-асрор» 80, «Хусрав ва Ширин» 50, «Лайлӣ ва Маҷнун» 120, «Ҳафт пайкар» 50, «Искандарнома» 25-то назира навишта шудаанд [105, с. 294].

Яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти классикии форсу тоҷик шоир Бадриддин Ҳилолӣ (асрҳои XV-XVI) мавзуи ишқро дар достонҳои «Сифот-ул-ошиқин», «Шоҳу Дарвеш», «Лайлӣ ва Маҷнун» ва махсусан дар ғазалиёти худ, басо дилписанду муассир сурудааст.

Ба таъбири адабиётшинос К. Айнӣ, «дар шеърҳои ишқӣ-ғиноии худ Ҳилолӣ, пеш аз ҳама, мавзуи анъанавии «дарди ишқ»-ро инъикос намуда, ғазалҳои аввалини давраи ҷавониашро ба ин мавзуи ҷовидона бахшидааст, ки аз ҷониби Алишер Навоӣ боиси таҳсин гаштаанд. Дар хусуси ба ин мавзуи

ҷолиб аҳаммияти ҷудогона ва ҷиддӣ додани шоир сатрҳои зерин гувоҳ мебошанд:

Кори ман аз ҷумлаи олам ҳамин ишқ асту бас,
Оламе дорам, ки дар олам надорад ҳеҷ кас.
Подшоҳи аҳли дардам бар сари майдони ишқ,
Ман миёни фитнаю хайли бало аз пешу пас» [45, с. 148-149].

Кулли намояндагони адабиёти классикии форсу тоҷик дар мавзуи ишқ дар жанру шаклҳои гуногуни адабӣ асарҳои бешуморе офаридаанд ва умуман мавзуи ишқу муҳаббат дар адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик аз мавзуъҳои меҳварие буд, ки бисёр масъалаҳои ҳаёти инсонӣ тавассути он мавриди баррасӣ ва гуфтугӯ қарор мегирифт. Аммо аз охирҳои садаи XIX ва ибтидои садаи XX вобаста ба тағйироти шароитҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ адабиёти бадеӣ рӯ ба зиндагии оммаи мардум овард ва масъалаҳои доғи рӯзро ба тасвир гирифта, чун адабиёти маорифпарварӣ шинохта шуд. Ин падида муҳтавои адабиёти тоҷикро низ дигаргун сохт ва дар шеър «дарди миллат» ҷои «дарди ишқ»-ро гирифт. Акнун адибон вазифаи худро аз ифодаи дарди миллат ва ба ин восита саҳм гирифтан дар беҳбудии зиндагии аҳолии меҳнаткаш медонистанд.

Бо вуҷуди ин, мавзуи ишқ дар шеъри давраи нав аз байн нарафт, зеро ишқу муҳаббат рукни асосии зиндагӣ ва муносибатҳои инсонӣ ба шумор меравад. Вақте ки Ҳабиб Юсуфӣ ба шеърҳои ба мавзуи ишқ бахшидаи устод Лоҳутӣ, аз ҷумла, ба мисраъҳои:

Хуршеди ман, куҷоӣ?
Сард аст хонаи ман!
Дур аз рухат сарои
Дард аст хонаи ман! [4, с. 179].

эрод мегирад, шоири рӯзгордида дар мактубаш ба устод Айнӣ дар ин хусус чунин изҳори ақида мекунад: «Нависанда ва шоири ҷавони мо Юсуфӣ дар мақолаи худаш (дар «Тоҷикистони сурх»; 19 уктабр) лирикаи маро мухолифи ахлоқи ҷавонони советӣ муаррифӣ кардааст. Чаро ки дар он аз ишқ сухан

меравад… Дар он на самолют, на туп, на танк, ҳатто як чоқу ҳам нест. Аммо дар он дил ҳаст, ишқ ҳаст, ки барои тайёрачиёни советӣ, тупчиён, тонкистҳо ва ҳама мудофиони уктабри кабир доштанашон воҷиб аст ва онҳоро доранд ҳам» [7, с. 104].

Умуман, дар давраи нави ташаккули адабиёти тоҷик ҳам ишқномаҳои зиёде эҷод гардидаанд. Ин мавзуъ, чи гунае ки ишора шуд, дар эҷодиёти яке аз саромадани адабиёти нави тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ мавқеи арзанда дорад ва тамоми давраҳои эҷодиёти шоирро бо ҳам мепайвандад. Ишқу муҳаббати инсонӣ дар тамоми ашъори гуногунжанру гуногунҳаҷми шоир мушоҳида шавад ҳам, бештар дар жанрҳои ғазал, рубоӣ ва дубайтҳои ӯ инъикос гардидааст. Ашъори ғиноии шоир самимӣ, пуробуранг буда, хонандаро муассир мекунад, ӯро ба покиву садоқат, боварию устуворӣ ва лаззату ҳаловат бурдан аз зебоиҳои зиндагӣ ҳидоят менамояд. Мисли ғазали зерин ғазалҳое, ки саросар аз сӯзу гудоз ва арзу ниёзи ошиқ иборат буда, завқи эстетикии хонандаро афзун гардонанд, дар эҷодиёти шоир кам нестанд:

Имшаб андар хонаам шамъи қади ҷонона нест,
Сад чароғ ин ҷост, аммо равшанӣ дар хона нест.
Ҷонфишониҳою кӯшишҳои ман дар роҳи ёр
Достони ишқи таърихӣ бувад, афсона нест [4, с.151].

Устод Мирзо Турсунзода низ дар баробари тарғибгари ғояҳои сиёсию иҷтимоӣ ва вассофи сулҳу дӯстӣ будан, дар шеърҳои ошиқонаи худ ҳамчун маҳбуби ҳамдарду бомурувват, ошиқпешаву меҳрубон ва дилбохтаву бовафо зуҳур намуда, дар олами муҳаббати поку пурҷилои худ масъалаҳои муҳимми ҳаёти инсонро низ ғунҷоиш медиҳад.

Дар эҷодиёти М. Турсунзода шеърҳои зиёде, аз қабили «Ба дилбар», «Хандида меояд», «Дар сари тасвир», «Ба гули боғи тоҷик», «Ба раққоса», «Ҳамин кофист» ва ғайра, дар мавзуи ишқу муҳаббати поки инсонӣ суруда шуда, дар онҳо навҷӯию тозапардозиҳои адиб ба мушоҳида мерасанд. Оид ба шеърҳои ошиқонаи устод М. Турсунзода адабиётшинос А. Сайфуллоев нигоштааст, ки «қаҳрамони ғиноии шоир танҳо маҳсули тахайюли бадеӣ

нестанд, балки ба ашъори ӯ аз ҳаёт ворид шудаанд. Меҳру муҳаббати қаҳрамони ғиноиро на танҳо ҳусну ҷамоли маъшуқа, балки олами ғании маънавӣ ва ахлоқу одоби ҳамидаи ӯ низ ба ҷӯшу хурӯш меоваранд. Ошиқ ҳам хислату сифати нав дорад. Вай аз «дарди ишқ», чунонки дар назми ниёгон дида мешавад, лаб ба шиква намекушояд, балки аз мавқеи баланду эътибори шоистаи ёри худ ифтихор мекунад» [104, с. 80-81]:

Туро сад бор гуфтам, ки ғуломат ман, ҳамин кофист,
Фидои як саломат, як каломат ман, ҳамин кофист.
Навиштам, пахш кардам муҳр, мондам даст бегуфтор,
Ҳаётамро, мамотамро ба номат ман, ҳамин кофист [32, с. 61].

Бархӯрд ба маъшуқа дар адабиёти классикӣ ду навъ аст: шоирони сабки хуросонӣ ё давраи аввал аз дастнорас будани маъшуқа камтар шикоят мекунанд, балки барои онҳо ком ситондан осон аст, дастнорас шудани маъшуқа аз ворид гардидани тасаввуф ба адабиёт шуруъ шуд. Яъне маъшуқа дар ин давра ғаммозу ишвагар ва ба ошиқон каме номеҳрубону ситамгар шуд.

Шоир Муъмин Қаноат низ дар мавзуи ишқу муҳаббат ҳамчун покию сафои рӯзгор шеърҳои дилпазиру хотирнишини зиёде дорад. Дар чунин шеърҳо, аз ҷумла «Кафшери муҳаббат», «Об мехӯрад», «Ҳусн», «Обшор», «Расми нотамом», «Ману шабҳои бехобӣ», «Хуш омадӣ» ва ғайра ишқ чунон нарму латиф, ҳароратбахшу муқтадир аст, ки бо нуру зиёи худ ҳастӣ, зиндагӣ, табиат ва қалбҳоро бо нафаси оташини худ гарму пурҷӯш нигоҳ медорад:

Рӯй аз болои нахли қоматаш,
Ҳар пагоҳӣ меҳри ховар мекашад.
Шарм дар рухсораҳои нарми ӯ
Ҳар замон ранги гули тар мекашад [3, с. 42].

Дар хусуси эҳсоси тозаҷӯию зебоиофарӣ ва навпардозиҳои Бозор Собир дар шеърҳои ошиқона бисёрҳо гуфтаанду навиштаанд. Шеърҳое чун «Гург ва барф», «Ту ними манӣ», «Сарнома», «Дилам месӯзад», «Номаҳо», «Шири бурида», «Аз мӯйи то зонуи ту як мӯ набахшам бар касе», «Дилхунук», «Бӯса ба дунё задам», «Хобат барад ба ҷунбиши мавзуни набзи ман» ва амсоли инҳо

дар ғояти баланди таровиши эҳсос аз рангҳои ишқ, тобишҳо ва ҷилои назокату нафосати бемисли ёр ба тасвир омадаанд. Дар ин қабил шеърҳо ашёи тасвир тозаю муқоисанашаванда буда, истиқбол аз тантанаи покию иффат ва тараннуми зебошиносиву зебоҷӯӣ мебошанд. Дар мавриди чунин шеърҳои ҷолибу марғуби ошиқонаи Бозор Собир адабиётшинос А. Давронов менависад: «Яъне, эҳсоси зебо ва мушаххас гуфтани шеър шоирро ин қадар фаро мегирад, ки ӯ дигар наметавонад аз қайди чунин зебоӣ ба осонӣ халос хӯрад. Пайдост, ки шоир бо вуҷуди тозаҷӯӣ ва тозагӯӣ силсилаи эҳсосотро ба тариқи зина ё марҳала ҷудо карда, бо ин роҳ дар пайи таъмим нест. Ба камолоти образ вусъати тасвир ва ифодаи эҳсосоти тоза мерасад. Ашёҳои тасвир, ки дар маҷмуъ барои пурра шудани образ-узвҳо ва ҷузъиёти андоми зану ҳолатҳои эҳсосу ҳаяҷону ғалаёни равонии ӯ хизмат кардаанд, ҳама бори ифодаи зебоӣ мекашанд» [63, с. 228-229].

Дар чунин шеърҳо Бозор Собир аз хотираҳои зебою хуморгир ашёи тасвир меҷӯяд ва дар қаламрави зебоиҳо таассуроту эҳсосоти ҷолиби хешро ифшо месозад:

Мӯйи ту он шабест, ки шабгарди он манам,
Шабкӯракаш, ки мепарад – ин чашмҳои ман.
Рӯйи ту он маҳе, ки манам хобгарди он
Бедор нест чашму равон аст пои ман [29, с. 103].

Шеърҳои ишқии Лоиқ Шералӣ инсонро дар оташи ишқ гудохта, пурнуру шуълаафшон мекунанд, ӯро асилу комилтар, покизатар ва ҷасуртар месозанд. Дар баёни Лоиқ ишқ қудрати офаридгорӣ дошта, одамонро ба родмардию накӯкорӣ, бурдбориву матонат ва озодипарастиву ҳақиқатҷӯӣ раҳнамун месозад. Лоиқ ҳамчун шоири асили халқу миллат бо матонату пойдорӣ ва фидокорӣ дар роҳи ишқ қаҳрамони ғиноии худро тарбият намуда, бо муҳаббати хосса ӯро ба таассуроти амиқ ва пуртаҳаммул баривоҷу ташаккул ва авҷи комили ошиқиаш мерасонад. Дар шеърҳои ошиқонаи Лоиқ ҳиссиёт тару тоза ва нотакрор буда, эҳсосот воқеӣ, тасвирот дилпазир ва муҳаббат бекарона аст. Садоқат дар муҳаббат рукни асоситарин буда, ба

қаҳрамони ғиноии Лоиқ болу пар ва қувваи парвоз додааст. Муҳаббати ӯ ба вуҷуд ва ҷону дилаш омехта гардидааст:

Ишқи ту камтар зи дарёе набуд,
То замини хотирам гулзор шуд.
То зи фарёду ғиреви мавҷҳош
Бахти хоболуди ман бедор шуд [39, с. 349].

Кабӯтари ишқ дар фазои ашъори Гулрухсор болу пари дигар, парвози тозаеро соҳиб гардидааст. Дар тасвироти ҷолибу ҷозиб ва хотирмони ошиқонаи ӯ ишқ «муъҷиза андар муъҷиза», яъне, «бузургтарин ихтирои шоирон» номида шуда, он ба ҳеҷ гуна шарҳу эзоҳ ниёз надорад, зеро дар ҳаёти инсон ишқ маънии «офтоб»-ро доро мебошад. Шеърҳои «Боди саҳрои̅», «Ёдам кун», «Меравам, ҳаргиз намеоям дигар», «Маро зӯру тавоно кард ишқат», «Ту аз ман будиву ман аз ту будам», «Ман барои ту ба дунё омадам», «Дар паноҳи ишқ», «Маро мешиноси̅, ҳамонам, ҳамонам», «Ман охир, бе ту мемирам», «Номаи ҳиҷрон», «Лаҳзае туро дидам», «Гоҳе, ки ошиқ нестам», «Мабар хуршед», «Ишқи ман» ва амсоли инҳо беҳтарин намунаҳои ашъори ошиқонаи шоир мебошанд, ки дар миёни хонандагон то имрӯз шуҳрат ва маҳбубияти хоссаеро доро ҳастанд. Перомуни дарди ишқ, сӯзҳои ошиқона ва нерую тавони пурмуҳаббати ашъори Гулрухсор адабиётшинос М. Мирзоюнус чунин андеша дорад: «Шояд ба ҳамин сабаб аст, ки дар ашъори Гулрухсор мавзуи ишқ дар қиёс бо мавзуоти дигар афзалият дорад, зеро ҳамин ишқ аст, ки набзи хастаро ба рақс меорад, хуни сарди шарёнро гарм мекунад ва шарори ларзаро дар обу гили инсон меандозад. Дарунмояи шеъри ошиқонаи Гулрухсорро ғолибан интизории ишқ, лаҳзаи тавлиди он, ишқи бепосух, фироқ ва ситоишу орзуи ишқ, интизории ҷовидонаи бедории хун ташкил додаанд» [88, с. 67]. Шоира бо расидани ҳар баҳори шукуфаназар ишқро бо ҷилои тозатару шукуфоии бештар эҳсос намуда, ҳамеша талабгору хоҳишманди ишқу муҳаббати пок аст, зеро ишқ ба сони оби ҳаёт буда, ҳатто ҷисми беҷонро равони тоза мебахшад:

Гоҳе ки ошиқ нестам,
Дунёи ман ғамхона аст,

Ишқу умеди дигарон,
Аз баҳри ман афсона аст.

Гоҳе ки ошиқ нестам,
Ман кистам? Ман чистам?
Гоҳе ки ошиқ нестам,
Ман нестам, ман нестам! [27, с. 122].

Мавзуи ишқу муҳаббат ва тараннуми он дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ мавқеи назаррас дорад ва дар китоби «Сунбулкон» шеърҳои зиёде ба ин мавзуи муҳимми зиндагии одамизод бахш шудаанд. Ишқ аз нигоҳи Алимуҳаммад Муродӣ қувваи бузургу роҳнамо ва илҳомбахшу мушкилкушоест, ки ба ошиқ болу пар мебахшад, ӯро ба фатҳу кушоишҳо сафарбар намуда, ҷаҳони маънавиашро боз ҳам ғанитар ва фарохтар мегардонад. Қаҳрамони ғиноӣ дар шеърҳои ошиқонаи шоир ҳанӯз аз овони бачагию мактабхонӣ дар дил ишқи духтараки ҳамсабақашро бо эҳтиёт, чун навниҳоле пинҳонӣ парварида, бо хомиҳои бачагона ин эҳсосоти ширинро дар вуҷудаш нигоҳ доштааст. Сабақомӯзии якҷо аз як китоб, дар як миз нишастану аз ҳарорати нафаси ҳамдигар ба ваҷд омадан, мӯйи кокулбанди варо бо мӯйи дугонааш бастану таъну маломат шунидан, аз ҳам ранҷидану зуд оштӣ шудан, нигоҳҳо ба ҳам омезиш ёфтану ҷуръати асрори дилҳоро ифшо карда натавонистан, ҳама чун фасли нотакрори бачагӣ пушти сар шудаанду ишқи нопухтаи айёми бачагӣ бо ҳамон навниҳоли кӯчакаш нимароҳи умр ҳайрон мондааст:

Баъди ин бо гуноҳи ман, ҳайҳот,
Шири деги ту сар нахоҳад рафт,
Рӯйи ту меравад агар аз ёд,
Доғи ту аз ҷигар нахоҳад рафт [19, с. 72].

Дунёи ҷавонӣ олами розҳои ногуфта, сафои дидагони дӯстдорон ва шукуфтанҳои қалбу садбарги лабҳои хандони онҳоро дар худ ғунҷоиш додааст. Он бо оби зулоли чашмасорону дарёҳо омезиш ёфта, чун қадри

баланди дӯстдориҳову муҳаббати бекарон ҷаҳонро фарогир мешавад. Ошиқ ба чеҳраи чун гул шукуфони маъшуқа, ба расми ӯ менигараду аз нигоҳу ишваи ӯ дар тани «дили интизори худ» захмҳо мехӯрад, аз бохтану бурданҳо ва аз «кишту дарави дил», то ба «аз сина берун ҷастани дил» расида, рухи дилдорро сахт пазмон мегардад ва ба пешвози ӯ мебарояд:

Аз баҳорон хору хас монд,
Мурғи дил мурду қафас монд,

Лонаи хаспӯши қумрӣ
Дар сари шохи ҳавас монд,
Лек дар ёди ману дил
Гулфишон будиву мондӣ [19, с. 111].

Барои ошиқони ҳақиқию ҷонфидо ишқ ширинтар ва гуворотар аз ҳама неъмати маънавии дунёст. Қаҳрамони ғиноӣ дар олами хаёлоти рангини бо чашми ақлу дил, бо эҳсосоти баланду наҷиб дар сангҳои соҳил гул карда, шукуфтани мавҷҳои дарё, дар тангнои дарё шукуфоии гули маҳтобро дида, аз доманкушоии абр дар истиқболи нурҳои ишқрези маҳтоб, ба ваҷд меояд. Дар чунин лаҳзаҳои тақдимоти волои худовандӣ, ки сарзамини бӯсаҳои ошиқӣ қиматтару гаронбаҳотар аз ҳазорҳо ганҷу сарвати олам мебошад, ошиқ дар ҷаҳони орзуҳои малакутии худ бо маъшуқа сайру гашт намуда, ҷононаро чун ниҳоли ғарқи гулу меваҳои орзу пурбор мебинад:

Барои шаб,
Ҳамин як шаб, ки қисмат фурсати бо ҳам будан додаст,
Дар ин дунёи пурғам як шаби бедарду ғам додаст,
Ки ин хира
Дами хуш будану бо ҳам будан бисёр кам додаст [19, с. 129].

Агар қаҳрамони ғиноии шеъри «Номаҳо»-и Бозор Собир ошиқ бошаду номаҳои дилбари дерини аз дида дурро дар ҳаво чун абрҳои баҳорӣ сар диҳад, то номаҳо чун абрҳои серборони баҳорӣ ба ҳоли ошиқони нокoм бигирянд:

Номаҳоятро кушодам,

Бар ҳаво сар додам аз даст,
То шаванд абри баҳорӣ,
Номаҳои ёдгорӣ [29, с. 92].

Дар шеъри «Эй мурғи баҳоридӯст»-и Алимуҳаммад Муродӣ қаҳрамони ғиноӣ маъшуқаест, ки посухи мактуби дилдодаашро навишта, аз лаҳзаҳои рангину дилнишин ва фаромӯшнашудании висол бо ҳарорати баланду шодмонӣ ёд оварда, дар вафо устувор ва рӯзу шабон чашм ба роҳ будани худро изҳор месозад:

Қиммат чу нафас ишқат,
Ширин чу ҳавас ишқат,
Аз молу маноли даҳр,
Морост бас ишқат.

Эй рафта зи ман, боз ой,
Эй ҷон ба бадан, боз ой,
Эй мурғи баҳоридӯст,
Боз о, ба чаман, боз ой [19, с. 128].

Дар хусуси ғаму дард ва ранҷу андуҳи ишқ дар шеър суханшинос М. Аҷамӣ чунин ишора дорад: «Ранҷу андуҳи ишқро ҳам шоир бериё ва содиқона дӯст медорад ва мехоҳад ҷону дил ва рӯҳи худро саршор аз ишқ бубинад. Ғаму дард, ранҷу андуҳи ишқ дар шеърҳои шоир дурахшон ва зиё дорад бо рух, бо он ҳама шодӣ меоварад. Ва дил мехоҳад ғами ширини ишқро барои ҳамеша дар дил, дар худ бигирад. Ишқ дар шеърҳои шоир гоҳе чунон нарм ва латиф аст, чу бориши борон дар чаман ва гоҳе низ тунд, дар қаҳр чун фарёди барқ дар умқи сукути осмон» [56, с. 179]. Тафсири ин ишораро дар шеъри «Танҳоӣ» метавон мушоҳида намуд. Дар ин ҷо шоир бо танҳоию ёди ширини рухи дилбар ва бо шабу бо саҳар ҳамнишинӣ намуда, аз умри нотакрор, аз рӯзҳои рафтаи он сабақ меҷӯяд:

Садоҳо мурда дар оғӯши сарди шаб,
Ҳавасҳо хуфта дар тобути раҳпоӣ,

Дару девор менолад:

Чӣ танҳо!

Чӣ танҳоӣ! [18, с. 32].

Дар рубоии зер бошад, сӯзу фироқи ишқро бо ташбеҳҳои содаю оммафаҳм тасвир намудааст. Дар рубоӣ шоир аз санъати саволу ҷавоб хеле устокорона истифода кардааст.

Донӣ, ки зи ишқи ту чӣ сон месӯзам?
Монанди ситораи парон месӯзам.
Монанди дарахт захмҳои худро
Пӯшонда ба пӯст хунчакон месӯзам [19, с. 237].

Дар хусуси тафовути ашъори ғиноӣ аз асарҳои ҳамоса адабиётшиноси рус В. И. Тюпа чунин ақида иброз доштааст: «Дар асари лирикӣ нақши созандаи омили асосии таассуроти бадеӣ на ба ташаккули феномени менталии (ботинии) нуқтаи назар, тавре ки ин ҳолат дар жанрҳои эпикӣ ҷой дорад, балки ба ташаккули феноменҳои менталии (ботинии шунавоӣ) тааллуқ дорад» [111, с. 37].

Дарунмояи шеъри «Ишқи буридакунда»-и Муродӣ низ аз чунин таъкидҳои ҷиддии олимон сарчашма гирифтааст. Шоир ишқи аздастрафтаро ба кундаи буридашуда монанд карда, гӯёи он аст, ки ишқ ҳам мисли дарахти буридашуда бояд аз сар навда давонад:

Шаб...
Ин шабе, ки борон
Шӯяд рухи ҳаворо,
Гӯё ки нуқта монад
Девони ишқи моро  [19, с.32-33].

Шоир бо гармию ҳарорати беинтиҳо ва ҳидояти оқилонаи ишқ ба сӯйи шинохти ҳастӣ ва зебоии табиату сирати волои инсонро қавитар мегузарад ва дар шеърҳои ошиқонаи худ бо ишқ нафас мекашад ва зиндагӣ мекунад. Шеъри «Ташнаи дидор» ифшогари он маънист, ки ҳастию зиндагӣ, табиат ва вуҷуди сиришти инсонро гармию ҳарорати ишқ побарҷо нигоҳ медорад. Дар он шоир

аз вазиши боду парафшонии «пораабри чун дастрӯмол сафед», резаборону шохаҳои маҷнунбедҳо ва раъду барқи осмон дар баҳорон гармии ишқро нишон додан мехоҳад. Ӯ ривоят намуданист, ки тамоми ин иртибот ва пайванди ҳалқавии табиат, зиндагӣ ва хастии башар аз ишқ сарчашма мегирад:

Саҳро ҳама гулпӯш аст,
Дунё ҳама дар ҷӯш аст,
Хору гули боғ имрӯз
Оғӯш ба оғӯш аст,
Ман ташнаи дидорат,
Ман ошиқи гулзорат.

Дар ҳар гули бишкуфта,
Сад шавқу ҳавас хуфта,
Аз ман нагузар чун бод,
Дорам ғами ногуфта:
Ман ташнаи дидорат,
Ман ошиқи гулзорат [19, с.35].

Шеърҳои «Дилшикор», «Ташнаи дидор», «Суроғам кун», гӯёи онанд, ки ишқ бо ҳазорон дарду ранҷ ва мушкилиҳои худ боз ҳам он ҷоизаи нотакрори Илоҳист, ки бидуни он одамӣ тиҳӣ аз завқу сурур, холӣ аз меҳру шафқат ва нодортарини нодорҳо ба шумор рафта, ҳаёти ӯ бе ишқ – бе шуълаҳои хуршед аст. Зиндагӣ бо ишқ гул мекунад, сафо меёбад ва арзиш пайдо мекунад, зеро фитрату сиришт ва ҳастии инсон аз азал бо тору пуди ишқ танида шудааст. Забони ишқ забони ҷонҳост, забони розҳост ва онро бо сухан ифода кардан нашояд:

Вақте ки ёр рафт,
Вақте баҳор аз пайи ӯ рафту барнагашт,
Пажмурд завқи гул шудани ғунча дар лабаш,
Тобути барг дар бағали сарди боғ монд.
Тарконд раъд хонаи ободи хотирам

Сӯзонд барқ гӯшаи оромии дилам,

Дар осмони ёд, ки пур аз дуду гард шуд

Дуди димоғ монд [19, с. 20].

Шоир тавассути ишқ лаззату ҳаловати ҳастӣ, зистан, тапидан ва ишванамоиро дарк менамояд, аз саҳифаҳои китоби чашмони моилу чун сарчашмаи меҳр хурӯшони дилбар, садҳо қиссаҳои вафою поядагиро хонда, набзи дили саршораш бо қалби маъшуқа ҷӯр мегардад. Ишқи поку беғаш тӯшаи умри пурбаракати одамист, ки то охири умр онро бо назокату садоқат ҳифз намуда, бо худ мебарад:

Гар қатра наметапад чу дил, дарё нест,

Гар зарра назад ҷӯш ба ҳам, дунё нест.

Гӯй, ки зи сӯзи мо чӣ суд асту зиён.

Имрӯз насӯзем агар, фардо нест [19, с. 281].

Ишқи аздастрафта низ барои Алимуҳаммад Муродӣ гаронбаҳову пурарзиш аст, ёди рӯйю мӯйи дилбар, бӯсаҳову ларзиши лабон, бӯю мӯйи атромези ӯ бо бӯйи борони баҳорӣ пайваста, дар хотиру машомаш ҷовидонӣ маъво доранд. Ӯ аз чашмакзаниҳои ахтарони осмон чашми ёр ва аз лабҳои нимвои ғунчаи пажмурдаи ишқ чеҳраи шукуфони маҳбубаро ба ёд оварда, сангҳои лаълбастаи диёрро рамзи ашки ҳасрати ошиқ мешуморад. Шоир гуфтанист, ки ишқ инсони худбохтаро ба асли худ боз мегардонад ва ӯ асли зиндагиву мазмуну ҳақиқати онро танҳо аз ишқ медонад. Дар ғояти баланди шӯру эҳсос ва ғалаёни ишқ номаҳои дилбарро сӯзонда, чун сурма ба дидаҳои худ мемолад ва ба ҳамин тариқ басо шоиронаю пурмаҳорат мизроб ба сози ишқ мезанад:

Чун докаи гулбастат

Гулпӯш талу пушта,

Ҳуснат дилу ҳушам бурд,

Чашми ту маро кушта,

Сад бор ту доғам кун,

Як бор суроғам кун [19, с. 35].

Дар хусуси сабки баён дар шеърҳои ошиқона, аслият, ҳувият ва ҳақиқати ишқ эҷодиёти адибони муосири тоҷик адабиётшиноси эронӣ А. Шеърдӯст чунин таъкид намудааст: «Шеъри Тоҷикистон дар пардохтан ба мазомини ошиқона аз сӯе ба забони тағаззулии классикии форсӣ назар дорад ва аз дигар сӯ ба мероси романтизми рус муттакӣ аст ва бар ин асос ишқ дар шеъри муосири тоҷик бештар шеваи хокӣ дорад то сабғаи (ранги) афлокӣ. Агарчи дар корномаи адабии ҳар шоире шеъри ошиқона  ба далели қаробат бо фардияти халлоқи шоир – ҷойгоҳе вижа дорад. Аммо шоироне ҳастанд, ки дар ин навъ дурахшиши бештаре доранд» [134, с. 115].

Ашъори ошиқонаи Алимуҳаммад Муродӣ низ аз ин ду сарчашмаи муътамади адабӣ: адабиёти классикии форсу тоҷик ва романтизми адабиёти рус шодоб гашта, шоир ишқро дар сиришту фитрати инсон, бо озодагию маърифату айният омезиш дода, ба қалам меорад. Дар ин қабил шеърҳо ишқу муҳаббат ва садоқату меҳрубонӣ рамзи хушбахтию сарафрозӣ ва сарсабзиҳои инсон маҳсуб меёбанд.

Дарунмояи шеъри «Рухсораалови чашмлахча» бо он сиришта шудааст, ки қаҳрамони ғиноӣ ба хотири рӯзи висол ранҷу дарду андуҳ ва машаққати интизориҳои тулонии ишқро низ дӯст медорад ва ҳама ин сабру таҳаммулҳои талх меваи ширин – дидору висолро ба бор меоранд. Аз дастобадастии ошиқон Моҳу пуштаҳои сабз, дарахтону боди субҳидам ва сапедаи саҳарӣ ононро дуруд гуфта, дар базми нишоти онҳо шарик мегарданд. Дар чунин шеърҳо қаҳрамони ғиноӣ сахтпаймону матинирода ва бурдбору дурандеш мебошад ва барои ба кӯйи мурод расидан аз ҳеҷ гуна монеаю мушкилиҳо ҳарос надорад. Ба рашку изтироб, дудилагиву нобовариҳои дилбар сабурона муносибат намуда, шубҳаву ноумедиҳои варо, ҳубобсон сабукбориҳояшро бо вафою тамкин, муҳаббату садоқат ва нури зиёи қалб дур меандозад.

Як зумра шеърҳои ошиқонаи Алимуҳаммад Муродӣ дар алоқамандӣ бо зебоиҳои табиат суруда шуда, шоир бо услуби дилнишину мароқангез мушоҳидаҳояшро аз манзараҳои табиат бо ҳусни нигор омезиш медиҳад, ки аз ин рангорангии тасвир завқу эҳсосоти баланди ӯ нисбат ба табиати диёр низ

аён мегардад. Шеърҳои «Турнакатор», «Муждаи қадам», «Даъват», «Бӯи хазон» чунин ҳамбастагии мароқангези ишқу табиат ва дилдорро дар худ гунҷоиш дода, аз тасвири паҳлуи ҳам нишастани дилдодагон дар лаби рӯд оғоз меёбад. Моҳ дар кафи обҳо чун гули садбарги сафед шукуфтааст ва гардани маъшуқа ба обшор ташбеҳ дода шуда, оҳи синаи ошиқ чу абрест, ки дар қуллаи кӯҳҳо маскан гирифтааст. Рози дилҳои ошиқон ба рӯди равону пурхурӯш чун оби зулоли чашмасор рехта, онон аз дили мавҷҳои пуртуғён қадри ҷавонию дӯстдориро тавассути пайванди қалбҳои ҷӯшон шинохтан мехоҳанд. Ишқу умри одамӣ чун дарёҳо бо шитоб равонанд ва ин ҳамбастагии одаму табиатро шоир бо мушоҳидаҳои зебою дақиқи шоирона рӯйи сафҳа таҷассум намудааст. Инсону табиат бо ҳам тавъам буда, аксари воқеоту ҳодисаҳои табиат ба эҳсосу тафаккур ва аъмоли инсон робитаи махсус доранд. Чунин ҳамбастагӣ ошиқонро низ фарогир аст ва аз ҳар ашёву дарахт, гулу бутта ва набототу ҳайвонот дар андешаю амали худ асареро ё пайвандеро дарк месозанд:

Хабари омаданат муждаи борон бошад
Ба гули ташна, ки маҳкуми биёбон бошад [19, с. 183].

Гул, аз хоби зимистон хез, гулшан шав,
Ба чашми гулфурӯш, эй хор, сӯзан шав [19, с. 183].

Алимуҳаммад Муродӣ ғолибан шоири ошиқ ва ошиқи шоир мебошад, ки дар ҳар шеъри ошиқонаи хеш бар он кӯшиш намудааст, то қаҳрамони ғиноӣ ҳастию хилқати худро, маънию зебоиҳои зндагӣ ва табиатро дар ишқ дарёбад. Шоир гуфтанист, ки инсон бояд ин ганҷи худовандиро солеҳона бишносад, қадр кунад ва ҳасратҳои талху ширини ошиқона, танҳоии хеш ва мазмуни зиндагии худро бо ҷовидонагии ишқ биомезад. Ишқ мазмуни ҳастии инсон мебошад ва ҳастӣ низ аз ишқ шакл мегирад. Ишқ бояд болу пари инсон, тасхиргари инсон, равшанибахш ва тафсиргари муҳтавои ҳаёти бошарафи инсон бошад. Ҷоми нишот аз бодаи ишқ лабрез аст ва бо талотумҳои ободгару шодобсози дарёи ишқ дунё пойдор мемонад. Ин нуктаро дар ғазали «Намеғунҷад» бараъло дида метавонем:

Чу меой̄, дигар ҷон дар либоси тан намеғунҷад,

Сухан сар меравад, дар қолаби гуфтан намеғунҷад

Азони бомдодам шарфаи боли қадамҳоят,

Ҳазорон ракъат аст ин ҷо, ки дар хуфтан намеғунҷад [19, с. 182].

Ҳамин тариқ, ишқ дар шеърҳои Алимуҳаммад Муродӣ чун як тафсири пурмуъҷизаи лаззати ҳаёти инсонӣ, равшанию покӣ ва садоқатмандию зебоиҳо ҷилванамой̄ намуда, бемазмуниҳову парешониҳо, нимҷониҳову дубора эҳё шуданҳо дар кӯчабоғи нурбори он бо растохези тоза падидор мегарданд. Дар ниҳояти кор рангорангию ҷило ва накҳату нафосати беолоиши зиндагӣ зери мафҳуми ин нерӯйи бузург – Ишқ ҷамъбасти мантиқии худро дарёфт месозанд.

# БОБИ III

# ХУСУСИЯТҲОИ ЖАНРИИ АШЪОР ВА ҲУНАРИ НИГОРАНДАГИИ ШОИР

## 3.1. Ашъори дар жанрҳои суннатӣ эҷодкардаи шоир

Як қисмати муҳимми эҷодиёти Алимуҳаммад Муродиро ашъори суннатӣ ташкил медиҳад. Ҳарчанд дар нимаи дуюми қарни XX арузи наву чаҳорпора батадриҷ мавқеи асосиро касб мекарданд, шоир кӯшиш намудааст, ки дар эҷодиёташ аз жанрҳои суннатӣ, аз қабили ғазал, маснавӣ, қитъа, мусаммат ва хелҳои он, мустазод, рубоӣ ва дубайтӣ фаровон истифода кунад.

### 3.1.1. Мавқеи ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ

Дар маҷмуаи «Сунбулкон» 143 ғазал ҷой дода шудааст. Миқдори байтҳои ғазалҳо чунинанд: ғазалҳое, ки аз се байт иборатанд, 15 адад, ғазалҳое, ки аз чор байт иборатанд, 52 адад, ғазалҳое, ки аз панҷ байт иборатанд, 53 адад, ғазалҳое, ки аз шаш байт иборатанд, 18 адад, ғазалҳое, ки аз ҳафт байт иборатанд, 3 адад ва ғазалҳое, ки аз ҳашт байт иборатанд, 2 адад.

Ҳамон тавре ки мебинем, миқдори ғазалҳое, ки аз чор ва панҷбайтӣ иборатанд, зиёд ба назар мерасад.

Алимуҳаммад Муродӣ аз зумраи шоироне (ба мисли Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Фарзона ва дигар намояндагони адабиёти нимаи дуюми садаи бист) мебошад, ки ба шарёни сусту нимбисмили ғазал руҳу равони тоза дамонда, дар ривоҷи дигарбораи ин жанри классикӣ нақши муассир гузоштааст.

Таърифи ғазалро Шамс Қайси Розӣ чунин тавзеҳ медиҳад: «Ва ғазал дар асли луғат ҳадиси занон ва сифати ишқбозӣ ба эшон ва таҳолик дар дӯстии

эшон аст ва муғозала, ишқбозӣ ва мулоибат аст ба занон ва баъзе аҳли маънӣ фарқ ниҳодаанд миёни насиб ва ғазал ва гуфтаанд: маънии насиб зикри шоир аст, хулқи маъшуқаро ва тасарруфи аҳволи ишқи эшон дар вай ва ғазал дӯстии занон аст… Ва бештар шуарои муфлиқ зикри ҷамоли маъшуқ ва васфи аҳволи ишқу тасобиро ғазал хондаанд. Бояд ки бинои он бар вазни хуши матбуъ ва алфозе аҷиби салис ва маоние фоиқи мураввақ ниҳанд» [127, с. 306].

Адабиётшинос Раҳими Мусулмониён, бошад ғазалро чунин таъриф додааст: «Ғазал дар луғат изҳори ишқу муҳаббат кардан аст. Дар истилоҳ ин калима ду маънӣ дорад: якум умуман сухани ишқиро мефаҳмонад, сарфи назар аз қонунияти шаклиаш. Дуюм ғазал чунон жанри мустақили лирикие мебошад, ки аксаран дар мавзуи ишқ дар ҳаҷми 7-12 байт (ва аз он кам ва ё зиёд ҳам) навишта мешавад ва қофияи ягонааш сохти аа /ба/ ва/-ро дорад» [92, с. 169-170].

Арузшиноси тоҷик Тоиров Урватулло оид ба шинохти «ғазал» чунин ибрози андеша намудааст: «Ғазал калимаи арабист, маънои луғавиаш изҳори ишқу ошиқӣ, ишқбозӣ кардан аст. Асли ғазал аз калимаи муғозалат гирифта шудааст. Маънои муғозалат ишқбозӣ кардан бо занон ва ошиқона сухан гуфтан аст» [113, с. 375].

Қайд кардан бамаврид аст, ки ғазал таърихи тулонӣ дошта, аз асри X сар карда, шоирон ба эҷоди ин жанр даст задаанд ва ин анъана, яъне ғазалсароӣ, то имрӯз идома дорад. Дар замони имрӯза, ба камтар шоироне даст медиҳад, то дар ин роҳ ба муваффақият даст ёбанд. Хушбахтона, имрӯзҳо шоироне мисли Муродӣ ёфт мешаванд, ки бо истифода аз маҳорату истеъдоди баланди фитрӣ бо нигоҳи тоза ба дили хонанда роҳ ёфтаанд. Ба монанди Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Зиё Абдулло, Муҳаммад Ғоиб, Ҳақназар Ғоиб, Хайрандеш, Фарзона ва дигарон маҳорати баланди эҷоди ғазали онҳо ба ҷомеа шинос аст. Ғазалҳои Алимуҳаммад Муродӣ дар қолаби ғазали классикӣ эҷод гардида бошанд ҳам, дар онҳо навпардозиҳои зиёд ба мушоҳида мерасад. Барои исботи гуфтаҳои боло чанде аз ғазалиёти Муродиро, ки дар давраҳои гуногун эҷод шудаанд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ғазали «Намеғунҷад»-и адиб либоси ошиқона дар бар дорад. Ҳубби маҳбуба, шаҳомату бузургӣ ва парастиши он дар ин ғазал қатра-қатра, зарра-зарра оғоз ёфта, минбаъд тамоми дунё ва фазоро дар бар мегирад:

... Ту дарёиву ман қатра, ту дунёиву ман зарра,
Дар ин гулдони дил паҳноии гулшан намеғунҷад.
Чунон гум мешавам дар ту, ки ман худро намеёбам,
Чунон пур мешавам аз ту, ки ман дар ман намеғунҷад [18, с. 4].

Тавре адабиётшинос А. Ҳаким таъкид менамояд, «Қудрати ҳамаи шоирон дар истифодаи анвои шеър ба як дараҷа нест ва аз ҳамин рӯ, ба шоире, ки метавонад манзури худро дар қолаби ғазал зебою дилнишин бирезад, ҳоҷат нест, ки маҳз шакли тозае биҷӯяд» [119, с. 205].

Дар ғазалиёти А. Муродӣ мавзуъҳои ишқӣ, ватандорӣ, ҳасбиҳолӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва майю майгусорӣ зиёд дида мешавад, ки ҳар яке аз ин мавзуот бо рангу ҷиллои равшан ва тобишу таассуроти тоза ба қалам омадааст.

Дар як силсила ғазалҳое, ки ба мавзуъҳои ишқ бахшида шудаанд, лаззати ин эҳсосоти наҷиби одамӣ ва нокомиҳои ошиқ тараннум гардида бошад ҳам, байтҳои алоҳида ба худ тобиши иҷтимоию сиёсӣ гирифтаанд. Ғазалҳои «Хаёли ҷавонӣ», «Шохи ғусабор», «Хоҳиш», «Боз», «Шукри Худо», «Умед» ва «Бубин» аз ҳамин қабиланд. Перомуни ғазалҳои ошиқона адабиётшиноси рус Г.Н. Поспелов чунин иброз медорад: «Вақте ки адиб таасуроташро аз ҳаёти воқеии қаҳрамонон, ҳаводису ҳолат ва лаҳзаҳои махсуси ҳаракату фаъолияти предмети тасвир рӯйи коғаз нигоштан мехоҳад, пеш аз ҳама, бо дарки маъноии ҷаҳони ботинии онҳо ин корро ба ҷо меоварад. Аксаран, дар чунин ҳолатҳои нигориш адиб аз тафаккуру андеша, розу ниёз ва тахайюли шахсии хеш ба ҷаҳони ботинии қаҳрамонони лирикӣ ворид мегардад. Чун эҳсосоти баланду наҷиби хеш барои нигоранда роҳкушосту илҳомбахш, ниёзи руҳии ҳар як инсонро аз ҳамин равзанаи борикбини диди шоиронаи худ қаламкашӣ менамояд» [98, с. 105]. Дар ғазали «Бубин» садоқат, покӣ, дар аҳди худ устувор будани ошиқ ифода гардида, андешаҳои нозуконаи фалсафӣ ин шеърҳоро ҷамъбаст менамояд:

Ишқи туро чӣ пешдаро кардаам, бубин,
Дар хонаи Худош чӣ ҷо кардаам, бубин...
Дар чашми тифл кӯчаву бозист зиндагӣ,
Пиронасар чу тифл хато кардаам, бубин [18, с. 9].

Агар дар ғазали «Бубин» сидқу вафои ошиқ тараннум ёфта бошад, дар ғазали «Умед» садоқату устуворӣ, меҳру муҳаббати маъшуқа васф гардидааст:

Аз ёди ҳама рафтам, дар ёди ту мемонам,
Чун хотираи шоду ношоди ту мемонам...
Эй аз ҳама болотар, эй аз ҳама волотар,
Дар ёди ту мемонам, дар ёди ту мемонам [18, с. 9].

Шоир аз санъати бадеии тазод дар байти аввал моҳирона истифода карда, ки ин боиси ҷаззоб ва таъсирбахш гардидани порчаи шеърӣ гардидааст. Муродӣ бо истифодаи ин санъат эҳсоси ғурур ва ифтихори беандозаи худро ба қаҳрамони ғиноӣ дар ибораҳои «аз ёди ҳама рафтан» ва «дар ёди ту мондан» таҷассум менамояд. Сабаби дар ёди маъшуқа мондани худро дар тамоми хотираҳои хубу нохуби тарафайн, ки дар зиндагӣ бо ҳам дидаанд, мебинад. Эҳсоси ғурури шоир бо истифода аз такрори радифи «дар ёди ту мемонам» барҷаста намоён мегардад. Ба хусус дар мисраи охирин, ки танҳо аз радифи такрор иборат аст, дилпурона ба каҳрамони ғиноии худ, хотирмон таъкид менамояд, ки хотираҳои шоду ношоди байниҳамӣ ҳеҷ вақт аз ёд нахохад рафт. Радифи такрор дар мисраи охир ҷамъбасти қотеонаи фикри шоир аст ва тағйири он ғайриимкон мебошад.

Дар ғазали «Шукри Худо» қаҳрамони ғиноӣ бо қаноатпешагию сабурӣ ва устуворию таҳаммул назди мушкилиҳои ишқ дастболо ва музаффар гардидааст:

Бар мо зи ёр ҷавру ҷафо омаду гузашт,
Бар сар ҳазор дарду бало омаду гузашт.
Гарчи гуноҳ пеши Худо карда будаем,
Шукри Худо, ки хашми Худо омаду гузашт [18, с. 10].

Дар ҳамин ғазал мақоли халқии «дӯсткуши душманпарвар» бо тобишу таъкиди тозаи шоирона иброз гардида, аз воқеоти мудҳиши сиёсии ба сари миллат омада панду сабақ омӯхтанро ҳушдор месозад:

Моро накушт душману мо куштаи худем,
Бар мо ҳар он чи рафт, зи мо, омаду гузашт.
Баҳси низои мову шумо то кучо кашид,
Наҳси низои мову шумо омаду гузашт [18, с. 10].

Ғазали «Хоҳиш» таманнову матлаби висол доштани ошиқи покдилро бозгӯ месозад, ки хонаи дили худро бо чароғи муҳаббат фурӯзон намуда, чашм ба роҳи дидори ёр аст. Радифи «дил кардаам, биё» интизориҳои сабуронаи қаҳрамони ғиноӣ ва то охири умр дар аҳд устувор будани ӯро, дар ҳар як мисраъ таъкид месозад. Солҳо дигар мешаванд, роҳҳо дигар мешаванд, замона дигар мегардад, вале ошиқ ҳамон шахси матинест, ки бо азму дили қавӣ чашм бар роҳи ёр дар ишқи худ устувор мемонад:

Ишқи туро фасонаи дил кардаам, биё,
Номи туро таронаи дил кардаам, биё.
Дар шаҳри бечароғ зи сози хаёли ту,
Рӯшан чароғи хонаи дил кардаам, биё [18, с. 19].

Ғазалҳои «Хаёли ҷавонӣ» ва «Шохи ғуссабор» афсӯсу дареғи гузашти ишқ, ҳасрати аз даст додани баҳори ошиқиҳоро фарогир мебошанд:

Ҳавсала пир шуду ишқ ҷавон боқӣ монд,
Боғбон рафт агар, боғ аз он боқӣ монд [18, с.20]

Ё ин ки:

Чашми умед қулфи дари интизор шуд,
Н-омад баҳори рафта агарчӣ, баҳор шуд [18, с.22].

Як силсила ғазалҳои адиб гоҳо дар шакли пурра ва гоҳо дар шакли байтҳои алоҳида тараннумгари мавзуи Ватан ва ватанпарастӣ мебошанд. Ватан аз нигоҳи шоир хонаи осоишу бахт, маъвои дилнишину иқболбахш ва мулки хуррамиҳову мавзеи амалисозии мақсудҳо мебошад.

Ғазали «Деҳрай» тараннумгари зебоиҳои меҳани азизамон – Тоҷикистон буда, дар он ба тавассути тасвири манзараҳои табиат муҳаббати беканори қаҳрамони ғиноӣ ба ин диёри биҳиштосо тасвир ёфтааст:

Ташнагӣ бигзашт аз ҳад, Чашмаи ҷӯшон куҷост?
Танг шуд роҳи нафас, гулбоди Сумбулкон куҷост?
Лаззати Оби Рубот аз коми ман ҳаргиз нарафт,
Талхкому ташнаҷонам, чашмаи дармон куҷост? [18, с. 18].

Дар қисмати дигари ғазалҳо шоир хонандаро ба муҳаббати бештаре ба Ватани азиятдидаи солҳои 90-уми асри XX даъват намуда, ҳушдор месозад, ки Ватанро ба ҷуз худи мо – ватандорон дигар касе дифоъ намекунад ва обод ҳам намесозад:

Ин ватани маризро монда, куҷо гурезаӣ?
Захми тани ватан даво бе туву ман намешавад [18, с. 13].

Аз азал сарвату дороӣ ва табиати хушу дилрабои ватанамон боиси ба он чашм ало кардани аҷнабиён гардидааст. Истилои Искандар, араб ва турку муғул боиси парешонии миллат ва бе тоҷу тахт гардидани тоҷикон шудааст. Дар шароити имрӯза низ мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҳар як фарди худогоҳу миллатдӯст бедордилию ҳушёрӣ ва садоқату меҳандӯстиро тақозо месозад:

Миллати содаи бекинаи душмандорам,
Душманат дар гузари ғафлати ман пинҳон аст [18, с.13].

Як силсила ғазалҳои А. Муродӣ фарогири мавзуъҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳасбиҳолӣ буда, дар онҳо адиб то ҳадди имкон аз камбудию норасоиҳои ҷомеа сухан гуфта, роҳи ҳалли онҳоро боз менамояд. Дар чунин шеърҳо асосан ғояҳои инсондӯстию башардӯстӣ, муттаҳидию якдилӣ ва дифои бани башар аз нопокию носозиҳо тараннум шудааст. Ғазали «Шудрӯ» ифодагари чунин тазодҳои зиндагӣ буда, аз тақдири талхи миллати ҷафокашидаи тоҷик дар охири саддаи XX ҳикоят мекунад:

Дар ғубори тирабахтиҳо сафо дармондааст,
Ризқи мардум дар гулӯи осиё дармонааст.

...Сад балоро пушти сар кардаст қавми ориён,

Дар балои душманӣи ошно дармондааст [18, с. 16].

Шоири меҳанпарастро на танҳо тақдири Тоҷикистон, балки тақдири тамоми мардуми Шарқ, ки ҳифзи бузургманишинии ғарбиҳо ба онҳо таҳдид месозад, бетараф нагузоштааст. Дар ғазали «Бӯйи ғайр» ин нукта хеле бо обуранги шоирона ба қалам омадааст:

Бӯйи ғарбӣ мекунад боди сари пурбоди мо,

Лаҳҷаи бегона дорад мурғи навфарёди мо.

Сели фаҳшолуда мерезад ба рӯди поки Шарқ,

Шеваи озодагӣ гум мекунад озоди мо.

Кас намешӯяд ғубори рӯйи моро ғайри ашк,

Дасти моро меканад, он ки кунад имдоди мо [18, с. 13-14].

Аз моҳият ва ғояи ғазали боло чунин маълум мегардад, ки дар шеъри Муродӣ унсурҳои шарқгароиву нигаҳдоштаи фарҳанги шарқӣ, ки дар ашъори Иқболи Лоҳурӣ барҷаста нишон дода шудааст, таъсиргузор аст.

Дар ғазали «Бояд» А. Муродӣ ҷомеаро ба якдилӣ, ваҳдат, ободкорию бунёдгарӣ ва созандагӣ даъват менамояд ва ин ақида тавассути қонуниятҳои биологии пайванди дарахтон басо табиӣ ва хотирмон ифода гардидааст:

Рафтагон рафтанд, фикри мондагон бояд кунем,

Дар мақоми сабр худро имтиҳон бояд кунем.

Остони худ надида осмон ҷӯстем чанд,

Остони пасти худро осмон бояд кунем.

Чанд меналӣ, ки миллат пир шуд, чун боғбон,

Ин дарахти пир пайванди ҷавон бояд кунем [18, с. 11].

Ҳамон гуна ки гуфтем, ғазалиёти шоир аз ҷиҳати мавзуот танаввуъ дорад. Як қисми ашъори адибро мавзуи ҳасбиҳолӣ дар бар мегирад. Дар шеъри «Навбат» ба оҳу нолаи ҷигарсӯз аз ноамниҳое, ки як муддат ба сари аҳли илму фарҳанг омада буд, сухан меравад:

Шодӣ ба чӣ ҳол аст, ки ғам дидадаро шуд,

Ҳайфи дари умед, ки бегонасаро шуд.

Дил лонаи холиву ҳавас мурғи фирорӣ,

Мурғе, ки наво дошт дар ин боғ, куҷо шуд?

Коно чӣ кунад? Ишрату Доно чӣ? Гадоӣ,

Поҳо ҳама сар гаштаву сарҳо ҳама по шуд [18, с. 10].

Тасвири баҳор низ дар эҷодиёти адиб ҷойи махсусро касб кардааст. Вақте ки кас ғазали «Боғу баҳор»-ро мехонад, бешубҳа, худро дар оғӯши ин фасли нозанин: шукуфтани гулҳо, чаҳ-чаҳи мурғони хушилҳом ва аз ҳама дилсардиҳои рӯзгор осуда мебинад:

Ҷашни Исост гӯиё гулҳои боғро,

Кардааст ҳар дарахт авезон чароғро.

Дасти баҳор медиҳад атри бухор пош,

Хушбӯие, ки мекунад хушбӯ димоғро.

...Ҳушу хаёл, ҳарчи буд дар базми боғ буд,

Дигар набуд ҳоҷати пурсу суроғро [18, с. 11].

Мавзуи май ва майгусорӣ дар эҷодиёти адиб низ мавқеи махсусро касб кардааст. Дар ғазалҳои «Тавбаи яъс», «Шароби тасалло», «Охирин бода» ва «Ай соқӣ» адиб тавонистааст, ки бо обу ранги бадеӣ ин мавзуъро матраҳ созад. Боиси қайд аст, ки ғазали «Ай соқӣ» ба ғазали Ҳофизи Шерозӣ, ки бо матлаи «Дар ҳама дайри муғон нест чу ман шайдое» шуруъ мешавад, аз ҷиҳати мавзуъ монанд мебошад. Ҳофиз мегӯяд:

Дар ҳама дайри муғон нест чу ман шайдое,

Хирқа ҷое гарави бодаву дафтар ҷое [51, с. 76].

Шарҳи байт: монанди ман дар ягон майкада мафтуну шайдои май нест, ҷойе ҷомаамро ба гарав ба май мондааму ҷойи дигар дафтари ашъорамро.

Муродӣ мегӯяд:

Надорам дирҳаме, то пеши поят афганам, соқӣ,

Гарав бистон баҳои май зи тан пироҳанам, соқӣ [18, с. 17].

Бояд зикр кард, ки ғазалҳои адиб ҳар як номгузорӣ шудаанд ва онҳо бисёр хушоҳангу гӯшнавозанд. Тавассути номи ғазалҳо хонандаи закӣ ба хубӣ ба мавзуи онҳо сарфаҳм меравад. Агарчи муҳаққиқ Алии Муҳаммади

Хуросонӣ ба ин андеша норизост: «Дар ғазал сарлавҳа гузоштан норавост в-агарна дар тули ҳазорсолаҳо ғазалсароёни пешин низ ба он даст мезаданд» [118, с.123].

Ҳамин тариқ, А. Муродӣ дар эҷоди ғазал, ба гуфти адабиётшинос Ю. Бобоев, бо истифода аз мавзуъҳои ишқӣ ва иҷтимоӣ [60, с.244] ба худ роҳи эҷоди муносибро пайдо намудааст. Услуби баёни шоир дар ғазал бисёр зебо, шинам, гӯшнавозу дилнишинанд ва ба хонанда завқи бадеӣ ва ғизои маънавӣ мебахшанд.

Рубоӣ ва дубайтӣ низ дар эҷодиёти шоир мавқеи хоса дорад ва ин гунаи шеър аз паҳншудатарин навъҳои шеърии адабиёти хаттию даҳонии халқамон ба шумор меравад. Агарчи, дар илми адабиётшиносии тоҷик ба куллӣ фарқ кардани ин ду навъи шеърӣ исботи худро ёфта бошад ҳам, вале то кунун дар матбуот ва китобҳои дарсию маҷмуаҳои шеърӣ ва ҳатто гуфторҳои телевизионию радио фарқияти онҳоро риоя намекунанд. Аз ин рӯ, лозим донистем, ки умумият ва фарқияти ин ду жанри адабиро мухтасаран баён намоем.

Умумияти байни ин ду навъи шеърӣ пеш аз ҳама дар шакли онҳо дида мешавад, яъне ҳам рубоӣ ва ҳам дубайтӣ аз чаҳор мисраъ иборатанд, қофиябандии якхела доранд, аз ҷиҳати мавзуъ низ фарқ гузоштан байни онҳо мушкил аст, чунки ифодаи мавзуъҳо [ишқӣ, ҳасбиҳолӣ, фалсафӣ-иҷтимоӣ] дар онҳо омехта гардидааст.

Фарқ байни ин ду анвои шеърӣ асосан дар вазни онҳост. Ба ақидаи адабиётшинос Раҳими Мусулмониён «Аз нуқтаи назари вазн, рубоӣ ва дубайтӣ дар як баҳр – ҳазаҷ гуфта мешаванд. Аммо дар шохаҳои тамоман мухталифи ҳамдигар. Мисраъҳои дубайтӣ ҳамеша бо мафоӣлун оғоз меёбад, ҳеҷ гоҳ вай бо ҳиҷои дароз сар намешавад. Рубоӣ бошад, баръакс, асло бо ҳиҷои кӯтоҳ оғоз намеёбад» [92, с. 126].

Фарқияти дигаре, ки байни ин ду анвои шеърӣ дар баробари вазн ҷой дорад, бо оҳанги «Фалакӣ» ҷур шудани рубоӣ мебошад.

Ба ақидаи Алиасғари Шеърдӯст: «Баъзе шоирон аз ин вижагии қолаби рубоӣ дар сурудани мусаммат ва анвои дигари шеър истифода кардаанд, қолаби рубоӣ ҳам бар идомаи ҳаёт ба сурати як қолаби мустақил дар таҳаввули қолабҳои дигар низ муассир меафтад…» [135, с. 156-157].

Муҳаққиқ ба таври намуна ду банди нахустини мусаммати мураббаи устод Бозор Собир – «Дилам месӯзад»-ро, ки шодравон Одинаи Ҳошим ба оҳанги «Фалакӣ» месуруд, мисол овардааст:

Аз доғи ту дам ба дам дилам месӯзад,
Аз бахти пиёдаам дилам месӯзад.
Беҳ чашми маро намекушодӣ дар ишқ,
Аз чашми кушодаам дилам месӯзад.

Рӯят ба ману маро намехоҳӣ дид,
Гӯшат ба ману маро намехоҳӣ шунид.
Бар меҳру муҳаббати ту чашми кӣ расид?
Дар пеши ту аз алам дилам месӯзад» [135, с. 75].

Дар мақолаи «Чорсӯи хаёл»-и Шоири халқи Тоҷикистон Гулназар Келдӣ, ки ҳамчун сарсухан ба маҷмуаи «Чорсӯ»-и Низом Қосим бахшида шудааст, дар бораи таърихи пайдоиши рубоӣ ва дубайтӣ овардааст: «Тибқи ривоятҳо гӯё қолабу вазни рубоиро Одамушшуаро эҷод кардааст. Аммо нисбати дубайтӣ ва сарчашмаи пайдоиши он чизе гуфта нашудааст.

Ба гумони инҷониб, ҳам рубоӣ ва ҳам дубайтӣ аз шеъри шифоҳии мардум ба адабиёти хаттӣ омадаанд. Вагарна чаро дигар навъҳои адабӣ чун қитъа маснавӣ, қасида, ғазал... ин қадар дар эҷодиёти мардумӣ манзалат надоранд? Сабаб чист, ки модарони мо дар сари гаҳвораи тифлон рубоиву дубайтӣ месароянд? Чаро рубоиву дубайтӣ бо мухтасар буданашон ин қадар ғаму шодии бузурги хурду калонро дар худ ғунҷонидаанд?» [74, с. 4].

Ба ақидаи адабиётшинос Абдушукури Абдусаттор «... яке аз фарқиятҳои вазни рубоӣ аз дубайтӣ дар махсус будани вазни рубоӣ ва дар жанрҳои дигар маъмул набудани он аст. Фарқияти вазни рубоию дубайтӣ аз он шаҳодат

медиҳад, ки ҳатто умумияти миқдори мисраъҳои рубоию дубайтӣ низ зоҳир буда, ин ду шакли жанрӣ бо вуҷуди чормисраӣ будан, аз ҷиҳати ҳаҷм ва миқдори рукнҳо низ аз ҳамдигар фарқ доранд. Зеро вазни дубайтӣ ба он ишора мекунад, ки дар як байти он шаш рукн, яъне чор бор рукни мафоӣлун ва ду бор рукни фаъӯлун ё фаъулон меояд. Маҷмуи рукнҳои рубоӣ бошад, дар як байт 8-то буда, ду рукн аз дубайтӣ зиёдтар аст. Агар инро аз ҷиҳати миқдори ҳиҷоҳои дубайтӣ ва рубоӣ аз назар гузаронем, фарқи ҳаҷми онҳо боз ҳам возеҳтар мегардад. Ҳарчанд ки ҳудуди ҳиҷоҳои рубоиро 11-13 муқаррар кардаанд, вале мувофиқи мулоҳизаҳои мо ҳудуди ҳиҷоҳои рубоӣ 10-13 буда, миқдори ҳиҷоҳои дубайтӣ аз 9-11 иборат аст. Масалан, дар рубоӣ ва дубайтии халқии зерин чунин ҳудуди ҳиҷоҳо ба назар мерасад :

Рубоӣ:

Долони баланд дорию пешаш якатут 13
Ду қоши сиёҳ дорию чашмони кабуд 13
Ҳар кас, ки маро аз ту ҷудогӣ фармуд 13
Хонаш пури оташ асту гӯраш пури дуд 13

Дубайтӣ:

Нигоро, ту гули сурхию ман зард, 11
Ту аз шодӣ шукуфтию ман аз дард 11
Биё, он сурхгул бар зардгул неҳ 9
Ки дар боғ ин ду гул бо якдигар беҳ. 11 [43, с. 14-15].

Бояд гуфт, ки ақидаи сарчашмаи рубоӣ ва дубайтии адабиёти хаттӣ ба ҳисоб рафтани назми шифоҳӣ аз тарафи фолклоршиносон Р. Раҳмонӣ ва С. Қосимӣ низ баён гардидааст. Аз ҷумла, дар китоби «Адабиёти гуфтории тоҷикон» омадааст: «Пажӯҳишгарон бар он назаранд, ки дубайтӣ таърихи тулонӣ дошта, ин ҳамон «Фаҳлавиёт»-и қадимаи пешазисломи мебошад» [99, с. 197].

Дар ашъори Алимуҳаммад Муродӣ 400 рубоӣ ва 82 дубайтӣ ба мавҷуд аст, ки аз ҷиҳати мавзуъ ва мазмун гуногунпаҳлу буда, бозгӯи ҳолу аҳвол, авзои қалбу вазъи замони шоир ва умри аҷиби ӯ мебошанд.

Ба ақидаи Алиасғари Шеърдӯст, «Мутақаддимон ин қолаби шеъри форсиро бештар барои баёни мазомини ирфониву фалсафӣ ба кор бурдаанд. Аммо дар давраи муосир доираи мавзуоти рубоӣ густариш ёфтааст ва мазомини мухталифи ғиноӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, мазҳабӣ ва ғайра ҳам дар қолаби рубоӣ ба назм кашида мешавад [134, с. 154-155].

Аз ин рӯ, рубоиҳои А. Муродиро аз ҷиҳати мавзуъ чанд гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: а) ватанпарастӣ; б) ишқӣ; в) майгусорӣ; г) ҳасбиҳолӣ.

Ватан ва ватанпарстӣ аз рубоиҳои халқӣ оғоз ёфта, дар эҷодиёти шоирони муосир, аз ҷумла Алимуҳаммад Муродӣ, маъною мазмуни нав касб кардааст. Дар рубоии мардумии зерин қаҳрамони ғиноӣ, ки аз Ватан дур афтодааст, бори дигар ба дидори он расиданро чунин таманно кардааст:

Сарчашмаи боғи булбулонай ватанум,
Хушбоду ҳавои бӯстонай ватанум.
Як бор агар бод барад бар ватанум,
Дил пора кунум ёди ғарибй накунум [37, с. 64].

Дар тасвири Лоиқ ёрон ҳама ҷо, вале Ватан дар як ҷо, санги он мисоли ҳайкал зебо, олам ҳама ҷо, лекин барои шоири ватандӯст – Тоҷикистон мисли Модар яктост:

Ёрон ҳама ҷо, вале Ватан дар як ҷост,
Ҳар санги Ватан мисоли ҳайкал зебост.
Олам ҳама ҷо азиз, лекин бар ман,
Модар яктост, Тоҷикистон яктост [40, с. 12].

Дар тасвири Салими Хатлонӣ бошад, Ватан бо хоки он будан фараҳзод буданро, бе хоки Ватан будан, фигандаи бод буданро, шод будани худро як лаҳза дар ин ҷаҳон ҷуз оғӯши Ватан қаҳрамони ғиноӣ тасаввур намекунад:

Бо хоки Ватан будам, фараҳзод будам,
Бе хоки Ватан фигандаи бод будам.
Як лаҳза дар ин ҷаҳон набудам шодон,
Ҷуз он ки ба оғӯши Ватан шод будам [25, с. 152].

Дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ Ватан баробари имон, ғами он ҳузури ҷон, ҳифзу ҳимояи ин «хонаи бахт» вазифаи ҳар як ватандор дониста мешавад:

Гуфтам: Ватанам. Гуфт, ки он имон аст,
Гуфтам: Ғами ӯ. Гуфт: Ҳузури ҷон аст.
Гуфтам: Ғанабе кунам. Садое омад:
Ин хонаи бахт дар раҳи дуздон аст [18, с. 27].

Воқеаю ҳодисаҳои охири садаи XX шоири ватанпарварро бетараф нагузоштааст:

Гуфтам: Ватанам. Дилам зи ғам бирён шуд,
Гуфтам: Чаманам. Сина аловистон шуд.
Гуфтам, ки кунам ҳикояти қисмати қавм,
Гап дар даҳанам сӯхт, ҷигар бирён шуд [18, с. 50].

Дар рубоии зерин шоир аз ибораҳои маҷозии «дил зи ғам бирён шудан», «сина аловистон шудан», «гап дар даҳан сӯхтан», «ҷигар бирён шудан» хеле моҳирона ва бамавқеъ истифода кардааст.

Бояд қайд кард, ки шоир аз таърихи гузаштаву имрӯзаи халқи худ ба хубӣ огаҳ аст. Ин нуктаро мо дар рубоиҳое, ки бо матлаъҳои зерин: «Оринасабему бо худоён хешем» ва «Ҷамшеди туро муъбади нодони ту кушт» оғоз меёбанд, ба хубӣ дарк мекунем. Агар Ҷамшед аз дасти муъбади нодон кушта гардида бошаду Суҳроб аз дасти Рустам, дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ аз ғофилии мо бадхоҳонамон истифода карда, моро бо дастони худамон куштанд:

Ҷамшеди туро муъбади нодони ту кушт,
Суҳроби туро Рустами дастони ту кушт.
Бадхоҳ, ки ғофилат ба майдон дарёфт,
Зад чапғалате, туро ба дастони ту кушт [18, с. 49].

Ҳодисаю воқеаҳои охири садаи XX ба вазъи иҷтимоии мардум таъсири манфии худро расонидааст. Муродӣ, ки худ хамқадаму ҳамнафаси халқи хеш

аст, ҳамаи ин нобаробариҳои рӯзгорро бо чашми сар медид ва онҳоро ба риштаи назм кашидааст:

Кӣ ҷамъ кунад қавми парешони маро,
Обод кунад гӯшаи вайрони маро?
Кист он, ки зи хоби паҳлавонӣ як рӯз,
Бедор кунад Рустами Дастони маро? [18, с. 43].

Дар рубоии боло Муродӣ бо сӯзу гудоз аз парешон шудани мардум дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ сухан ронда, хитоб бар он дорад, ки кош аз байни онҳо касе пайдо шаваду гӯшаи вайронаеро обод кунад. Бо истифода аз санъати бадеии талмеҳ орзу дорад, ки кош Рустами Дастон аз хоб бедор ва ҳамаи ин нобаробариҳо аз сар дур шаванд.

Мавзуи ишқ низ дар рубоиҳои Муродӣ ҷойи махсусро касб намудааст:

Имшаб шаби суҳбат асту суҳбат аз ишқ,
Хуш давлати он, ки шуд бадавлат аз ишқ.
Ин хона чу гулшанест пурнакҳату бӯ,
Гул-ш аз рухи ошиқону накҳат аз ишқ [18, с. 24].

Рубоии зикршуда рубоии Умари Хайём:

Хуршеди сипеҳри безаволӣ, ишқ аст,
Мурғи чамани хуҷастафолӣ, ишқ аст.
Ишқ он набувад, ки ҳамчу булбул нолӣ,
Ҳар гаҳ ки бимириву наволӣ, ишқ аст [33, с. 13 ]-ро ба

хотир меорад.

Панду ахлоқ низ дар эҷодиёти адиб мавқеи ба худ хосро касб кардааст:

Эй бахтсияҳ, Худо ба ёдат нарасад,
Фарёд накун, ки кас ба додат нарасад.
Бо пову сарат давиданат беҳудаст,
Аз ризқи Худодода зиёдат нарасад [18, с. 43].

Дар рубоии зер шоир қаҳрамони ғиноии худро ба «бахтсияҳ» ташбеҳ дода, онро ба сабру таҳаммул даъват намудааст. Ин рубоӣ бошад писимизми мақтаи ғазали Сайидои Насафӣ:

Эй Сайидо, чӣ суд аз ин кимиёгарӣ,

Толеъ агар мадад бикунад,хок зар шавад [22, с.36]-ро ба хотир орад ҳам, шоир аз он ташбеҳи муносибтареро лоиқ надонистааст.

Май ва майгусорӣ низ дар эҷодиёти шоир ҷойи махсусро ишғол намудааст. Бо истифодаи санъати саволу ҷавоб шоир дар рубоии зер:

Хӯрдам майю гарди зиндагӣ рафт? Нарафт,
Хориву азоби бандагӣ рафт? Нарафт.
Гуфтанд: Хушиву нохушӣ мегузарад,
Хубӣ ку гузашт, гандагӣ рафт? Нарафт [18, с. 25].

мазмуни баланди фалсафиро ҷой додааст.

Боиси қайд аст, як зумра рубоиҳои шоир, ки бо мисраъҳои зер:

Киштам зард асту киштзорам зард аст [18, с. 49].
Бо даст канам наски баланди пушта [18, с. 50].
Дар қитъаи помондаи хокаш ҳама қум [18, с. 50].

оғоз меёбанд, дар ҳавои рубоиҳои халқӣ эҷод шудаанд. Таваҷҷуҳ кунед ба рубоиҳои зер:

Хирман пури пайхум аст, бодаш кӣ кунад?
Дар дил ғами мардум аст, шодаш кӣ кунад?
Дар зиндагиам касе ба қадрам нарасид,
То шаб намурад чароғ, ёдаш кӣ кунад? [18, с. 43].

Ё ин ки:

Дарё, ки калон шавад, шинояш кӣ кунад?
Ду дил, ки яке шавад, ҷудояш кӣ кунад?
Ду дил, ки яке шавад, ҷудояш мушкил,
Ҷоне, ки ба лаб расид, давояш кӣ кунад? [37, с. 285].

Аксари рубоиёти шоир қофияи аа ба доранд, вале чанд рубоӣ дорои қофияи аб вб мебошанд:

Баддидаи осмон чаро Ҷамшед аст,
Меҳраш ҳама бар Заҳҳок бошад доим.
Деҳқон, ки дарахти зиндагӣ сабз аз ӯст,

Чун реша даруни хок бошад доим [18, с. 37].

Дар китоби «Сунбулкон»-и адиб 82 дубайтӣ ҷой дода шудааст. Ба андешаи адабиётшинос Шамсов Нурмад «Дубайтӣ шеърест, ки хусусияти равшани эҳсосӣ дошта, шоир дар он ҳиссиёти худро оид ба масъалаҳои гуногуни ҳаёт, ашё ва ҳолату ҳаводиси гуногуни зиндагӣ баён месозад [126, с. 146-147].

Дубайтиҳои Муродӣ низ аз рӯйи мавзую мазмун гуногунанд. Пеш аз ҳама дар дубайтиҳои шоир мавзуи ишқ мавқеи асосӣ дорад.

Дар дубайтии:

Ҳавасбозу ҳаваспарвардаӣ, дил,
Туӣ ҳам пардадор, ҳам пардаӣ, дил.
Ба пиронсолагӣ дорӣ сари ишқ,
Дарахти дар хазон гулкардаӣ, дил [18, с. 55].

шоир дилро ба ҳавасбозу ҳаваспарварда, пардадору беларда ва дар пиронсолӣ ишқ варзиданро ба дарахти дар хазон гулкарда ташбеҳ додааст.

Мавзуи иҷтимоӣ дар дубайтиҳои Муродӣ мавқеи ба худ хосро доро мебошад:

Шаби борон таги борон бигирям,
Ба мисли нови новардон бигирям.
Ба ҳоли ман бигиряд мурғу моҳӣ,
Чу ман бар қавми саргардон бигирям [18, с. 56].

Дар дубайтии боло сарсонию саргардониҳои дар охири садаи XX ба сари мардум омада, хеле барҷаста ба қалам омадааст. Дубайтии зер бошад, ҳангоми ҷанги шаҳрвандӣ суруда шудааст. Дар он шоир «баҳори рафтаро бо ранги зард, ҷудоӣ аз ватанро бо доғу дард» ба қалам кашида, мисраъҳои минбаъдаро бо пурсиш ифода кардааст:

Баҳори рафтаниро ранг зард аст,
Ҷудоӣ аз Ватан бо доғу дард аст.
Ғуломиро ба озодон кӣ фармуд?
Ғарибиро насиби мо кӣ кардаст? [18, с. 59].

Дубайтиҳои Муродӣ аксаран бо қофиябандии ааба суруда шудаанд. Аммо навъи қофиябандии абвб низ дар миёни дубайтиҳо дида мешавад, ки миқдори онҳо 14-то мебошад:

Намедонам, ҳаво дар дил чӣ дорад,
На мегиряд, на мегардад кушода.
Чу шодихӯрдаи базми баҳорам,
Ба ёди гул бигирам ҷоми бода [18, с. 63].

Ҳамин тариқ, Алимуҳаммад Муродӣ дар эҷоди рубоӣ ва дубайтӣ аз адабиёти даҳонию хаттии халқамон бо маҳорат истифода намуда, дар рушду камоли ин жанрҳои шеъри суннатиамон саҳми муносиб гузоштааст ва мегузорад.

### 3.1.2. Навъҳои дигари шеърҳои суннатӣ дар ашъори адиб

Дар миёни ашъори суннатии Алимуҳаммад Муродӣ шакли шеърии бар қофиябандии маснавӣ асосёфта: аа бб вв гг дд низ ҷой дошта, он ҳамагӣ чанд шеърро ташкил медиҳад. Дар мавриди истеъдоду табъи баланди шоирӣ адабиётшинос Х. Шарифов чунин ишора месозад: «Албатта, қареҳа ё истеъдод маншаи аввалини пешаи шоирист ва дар ҳар асру замоне ҷавонони соҳибзавқро ба ин бозори армонҳо, пару бол кушоданҳою афтиданҳо ва ба кӯйи муроду номуродӣ расиданҳо овардааст. Аз он пас марҳилаи омӯхтану андӯхтани ҳунар пеш меояд. Агар ба адабиёти тоҷик рӯй биёварем, суоле пеш меояд, ки аз кай шоирон шеъри «дорои қареҳа» мегуфтагӣ шуданд ва масъалаи касбу ҳунар чӣ шуд? Охир, мо наметавонем, тасдиқ кунем, ки дар шеъри тоҷикӣ, ҳатто дар ҳудуди маълуме, шоирон аз ҳунар бархурдор набуданд» [128, с. 322]. Дар эҷоди ашъори суннатӣ ҳамин гуна ҷаҳони пур аз орзую ормонҳо, пару бол кушоданҳо ва шукуфтанҳои гули мақсуди шоиронаи Алимуҳаммад Муродӣ бо истеъдоди баланд ва ҳунари махсус зуҳур намудааст.

Ашъоре, ки танҳо мисраъҳои ҷуфти онҳо (дуюм, чорум, шашум, ҳаштум ва ғ.) ҳамқофия шудаанд, маъмулан «қитъа» номида мешаванд, ки онро гоҳо «ғазали сарбурида» низ гуфтаанд. Дар ин хусус адабиётшинос Р. Мусулмониён чунин менависад: «Қитъа аз нуқтаи назари қофия аксаран шакли **аб вб гб…**-ро дорад, ки аз ин рӯ, онро қасида ё ғазали сарбурида мегӯянд. Гоҳе ба ҳамин маънӣ дар адабиётшиносӣ қитъаро «матлаъ надорад» мегӯянд, ки саҳв аст, зеро шеър, умуман асар, бесар намешавад» [92, с. 167]. Чунин шакли шеърӣ дар ашъори Алимуҳаммад Муродӣ дар ду навъ – қитъаҳои муқаррарӣ 38-то ва қитъаҳои чаҳорпора 28-то буда, шеърҳои «Хайрбодӣ», «Хазонрез», «Хиҷолати баҳор», «Як хуруҷи яъс» ва ғайра аз қабили онҳо ҳастанд, ки ҳамагӣ як қолиби дилнишини қофияороии бе мисраи якумро ташкил медиҳанд. Мавзуи ин шеърҳо гуногун буда, тасвири табиати зебою нотакрор ва назокату малоҳати маъшуқа асоси онҳоро фарогир гаштаанд:

Бар омади бахт бастам умед,
Аз бахт вале хабар наёмад.
Чун шамъ тамоми шаб тапидам
Бо ёди саҳар, саҳар наёмад.
Ҳайфи дари бозмондаи дил,
Як муждаи саргузар наёмад.
Хуршед куҷо шуду шафақ ку?
Як гом қариби дар наёмад.
Ҷон дар лаби чашми дар раҳи марг,
Ин марги халосгар наёмад [19, с. 96].

Ҳунару маҳорати шоирии Алимуҳаммад Муродӣ дар эҷоди қолабҳои суннатӣ бо тахайюлу диди тоза ва тасвирҳои обнорасида сурат гирифта, андешаю тафаккур дар ин қабил шеърҳо саросар саршор аз зебоиҳо дар табиату ҷамъият мебошанд. Чунин ҳамбастагии эҷодиро дар миёни муаллиф ва амалиёти қаҳрамони ғиноӣ дар ашъори Алимуҳаммад Муродӣ баръало мушоҳида намудан мумкин мебошад.

Мустазод ҳам дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ ҷой дошта, ду шеър дар ин шакл зуҳур намудаанд, ки онҳо шеърҳои «Моро чӣ шуд?» ва «Бунгаки аробакаш» мебошанд. Мустазод дар адабиёт шакли ғиноиест, ки баъди мисраву байт ё банди шеърӣ фикраҳои мустақилмаънои аз ҷиҳати микдори ҳиҷоҳо камтар ба онҳо илова мегарданд. Дар гузашта ва имрӯз қаламкашон мустазодро ба қолибҳои фарду рубоӣ ва ғазалу маснавию қитъа баста, намунаҳои басо ҷолиберо эҷод намудаанд. Чуноне ки адабиётшинос Р. Мусулмониён ишора намудааст: «Мустазод ба мисли жанрҳои лирикии дар боло ишорашуда шакли конкрет ва ягонаи қатъӣ надорад. Аммо мустазод чизе дорад, ки барои жанри мустақил шумурдани вай имкон медиҳад: ин – ба тариқи иловагӣ омадани фикраҳои мавзуни мустақилмаъно мебошад» [92,с.188]. Фикраҳои иловагии мустақилмаъно дар осори Алимуҳаммад Муродӣ низ баъди бандҳои шеърӣ зуҳур намуда, танҳо аз як мисрагӣ иборатанд. Чунончи, дар мустазоди «Моро чӣ шуд?», ки ба воқеаҳои солҳои навадуми қарни гузаштаи кишвари мо бахшида шудааст, дар охири ҳар банд ду фикрае озод аз қофияҳои бандҳо ва аз ҷиҳати микдори ҳиҷоҳо камтар омадааст:

Мо ба ҳам ноҷӯру душман ҷӯр шуд бар қасди мо,
Мо чунин камзӯру душман зӯр шуд бар қасди мо,
Ҳамдиёри офтобему чунин зулматпараст,
Аҳриман шоҳи диёри нур шуд бар қасди мо.
Эй Худо,
Моро чӣ шуд? [19, с. 104]

Аз панҷ хусусиятҳои ҷолиби диққати мустазод, ки адабиётшинос Р. Мусулмониён [90, с.192] таъкид доштааст, ҳолати чоруми мустазод, яъне, мустазодҳое, ки бар бандҳои қитъамонанд баста шудаанд, дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ ба мушоҳида расиданд.

**Мусаммат ва наъҳои он дар эҷодиёти адиб.** Дигар аз жанрҳои суннатӣ дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ жанри мусаммат мебошад. Маънои мусаммат дар луғат чизи дар ришта кашидааст ва ҳукми қатъии

раднашавандаро низ мегӯянд. Аз ҷумла, марвориди дар ришта кашидаро низ ном мебаранд [122, с. 214].

Дар истилоҳи адабиётшиносӣ, мусаммат гуфта шеърero мегӯянд, ки бандҳои он аз се, чор, панҷ, шаш, ... мисраъ иборатанд. Дар «Луғати истилоҳоти адабётшиносӣ» мусамматро чунин таъриф додаанд: «Шеърҳои лирикӣ, мадеҳавӣ, фалсафӣ ва ғайра аст, ки аз бандҳои ҷудогона иборат буда, мисраи охири ҳар банд то охири шеър ҳамқофия мебошад» [123, с. 59].

Мусаммат дар адабиёти гузашта ва имрӯзаи халқи тоҷик ҷойгоҳи ба худ хосро касб намудааст. Он дар эҷодиёти шоирони гузашта чун Манучеҳрӣ, Соиб, Сайидо, Саъдиву Ҳофиз, дар эҷодиёти шоирони муосир Айнӣ, Лоҳутӣ, Раҳимӣ, Муъмин Қаноат, Лоиқ, Ашур Сафар ва дигарон зиёд ба чашм мерасад.

Алимуҳаммад Муродӣ низ ба ин навъи шеърӣ табъозмоӣ кардааст ва ба муваффаққиятҳои беназир ноил гардидааст. Вобаста ба миқдори мисраъҳо ба мусаммат номҳои махсус додаанд.

а) Мусаммати мусаллас. Мусалласро дар луғат ба маънии сепора ва сегӯша низ мегӯянд. Дар истилоҳи адабиётшиносӣ шеърест, ки аз бандҳои семисрагӣ иборат буда, мувофиқи қоида дар як вазн гуфта мешавад ва байти аввали ҳар банд қофияи мустақил дошта, мисраи сеюми ҳамаи бандҳо ҳамқофия меоянд [124, с. 218]. Дар эҷодиёти Муродӣ ду шеър дар ин шакл ба чашм расид. Шеъри аввал «Хиёбони Ҳулбук» ном дошта аз ҳафт банди семисрагӣ иборат аст. Он мавзуи таърихиро дар бар гирифта, хонандаро ба таърихи гузаштаи халқамон ошно месозад:

Дар ин раҳу рӯ пову пайе нест,
Як гарди ёде аз рафтае нест.
Бод асту борон дар ин хиёбон,

Ин тахти вожгун ин шаҳри вайрон,
Дарс асту ибрат бар қавми Эрон.
Аз рӯзгорон дар ин хиёбон [19, с. 47-48].

Шеъри дигаре ки дар маҷмуаи «Сунбулкон»дар ин қолаб ба чашм расид, «Номаи бесуроға» мебошад. Лекин дар он қофиябандии якхела ҷой дорад. Шеър аз панҷ банди семисрагӣ иборат буда, ҳар банд ба худ қофияи алоҳида дорад (а, а, а, б, б, б,). Мавзуи шеър ишқӣ буда, аз рӯзгори дилдодае ҳикоят мекунад:

Гаштӣ шабе кабутар,
Рафтӣ зи ман сари пар,
Кардӣ маро қаландар .

Сӯзан шудаст асоям,
Ғалбер кафши поям,
Ёди ту раҳнамоям.

Эй камнамо, куҷоӣ,
То кай наменамоӣ,
Фарёд аз ин ҷудоӣ [19, с. 113].

Ҳамон тавре ки мебинем, шеър таронаҳои халқиро ба хотир оварда, ба забони содаю оммафаҳм навишта шудааст.

б) Мусаммати мураббаъ. Мураббаъ дар луғат ба маънои чаҳоргӯша ва чаҳорпора омадааст. Дар истилоҳи адабиётшиносӣ мураббаъ як навъи мусаммат аст, ки ҳар банди он аз чаҳор мисраъ иборат аст ва аз аввал то охир дар як вазн ва қофияи ҷудогона навишта мешавад. Мисраи охири ҳамаи бандҳо ба ҳам қофияанд.

Он дар таърихи адабиётамон маъмултарин шакли шеърӣ мебошад. Дар эҷодиёти шоирони муосир Айнӣ, Пайрав, Турсунзода, Раҳимзода, Муъмин Қаноат, Ғафор Мирзо, Лоиқ ва дигарон зиёд ба чашм мерасад. Дар эҷодиёти Муродӣ ҳашт шеър дар ин қолаб ҷой дорад. Шеъри аввалини ин қолаб «Забони тоҷикӣ» ном дошта аз панҷ банд иборат аст. Мавзуи шеър қадру манзалати забонамонро дар бар мегирад. Ба андешаи шоир, забон нишон ва тавони ҳар

миллат ба ҳисоб меравад. Ҳусну таровати шеърро мисраи васила дучанд намудааст:

Лафзи тоҷик,
Лафзи ширини дарӣ,
Лафзи шеъру шеваи хунёгарӣ,
Аллаҳои шакарини модарӣ,
Зинда бошӣ,
Эй забони тоҷикӣ.

Эй забони хосу девону вазир,
Эй забони шоҳу султону амир,
Номаи шоҳону «Девони кабир»,
Зинда бошӣ,
Эй забони тоҷикӣ.

То ту ҳастӣ, зинда номи тоҷик аст,
Зиндагӣ доим ба коми тоҷик аст,
Ҳифзи ту роҳу мароми тоҷик аст,
Зинда бошӣ,
Эй забони тоҷикӣ [19, с. 8].

Шеъри дуюми мусаммати мураббаъ «Эй ҳамватан» ном дошта, аз панҷ банд иборат аст. Шеър ба мавзуи Ватану ватандорӣ бахшида шудааст. Мисраи васила ба шеър ҳусну таровати бештар илова намудааст:

Душман чӣ мекорад? Низо,
Кишташ чӣ бор орад? Бало,
Моро зи ҳам созад ҷудо,
Эй ҳамватан, ҳушёр бош.

Чун гард боло мешавад,
Бар дидаат ҷо мешавад,

Бахтат таги по мешавад,

Эй ҳамватан, ҳушёр бош [19, с. 9].

Ҳамон тавре ки мебинем, шоир аз санъати саволу ҷавоб хеле устокорона истифода кардааст.

Шеърҳои «Охир биё» ва «Дилшикор» бошанд аз панҷ банд иборат буда, ба мавзуи ишқу ошиқӣ бахшида шудаанд:

Сӯзи ғамат дар ҷони ман,
Шаб мезанад чашмони ман,
Дидори ту армони ман,
Охир биё,
Охир биё.

Хобам парида аз сарам,
Қулфи дарам чашми тарам,
Эй меҳри ту болу парам
Охир биё,
Охир биё [19, с. 33].

Шеъри зикргардида аз тарафи овозхони ҷавону хушзавқ Содиқ Холов ба оҳанг даровarda шуда, бо як лаҳни зебою дилкаш суруда шудааст.

Шеърҳои «Борону борон», «Бунгаи аробакаш» ба мавзуи иҷтимоӣ бахшида шудаанд. Дар шеъри «Борону борон» нодорию бечорагие, ки як вақтҳо ба сари марди деҳқон омада буд, тасвир ёфтааст:

Борону борон,
Бечора деҳқон,
Ҳоли ту чун аст,
Бе бурдаи нон? [19, с. 53].

Дар шеъри «Бародари ман», ки аз чор банд иборат аст, се банди аввал чаҳормисрагӣ буда, банди чорум аз панҷ мисраъ иборат аст. Ба андешаи Шоҳзамон Раҳмонов, ба таҳаввулот дучор шудани мусаммат ва навъҳои он аз

ҷиҳати миқдори мисраъҳо ва қофиябандӣ таъсири адабиёти рус ва Ғарб мебошад [101, с. 148].

в) Мусаммати мухаммас. Дар луғат мухаммас ба маънои панҷтоӣ ва панҷгӯша омадааст. Дар адабиётшиносӣ шеъреро гӯянд, ки ҳар банди он аз панҷ мисраъ иборат аст. Он дар як вазн навишта шуда, ҳар банди он қофияи мустақил дорад, ба ғайр аз мисраи панҷум, ки дар ҳамаи бандҳо қофияи якхела доранд.

Мухаммас дар таърихи адабиёти гузаштаю имрӯзаамон паҳншудатарин шакли мусаммат ба ҳисоб меравад. Дар эҷодиёти шоирони гузашта Кирмонӣ, Соиб, Сайидо, Саъдию Ҳофиз ва дигарон фаровон ҷой дорад. Дар адабиёти муосир бошад, дар эҷодиёти Айнӣ, Пайрав, Лоиқу Бозор, Гулрухсор, Ашур Сафар ва дигарон ба чашм мерасад.

Мухаммас дар ду шакл эҷод мешавад. Шакли якум мухаммасест, ки шоир дар зимни ғазали шоири дигар эҷод мекунад. Яъне се мисраи аввал аз худи шоир буда, ду мисраи охир аз они шоири дигар аст. Навъи дуюми он шеърест, ки ҳама мисраъҳо аз они як шоиранд. Дар «Сунбулкон»-и Муродӣ мо ҳашт мухаммас пайдо намудем, ки дар шакли дуюми мухаммас суруда шудаанд. Мухаммасҳои шоир ба мавзуъҳои гуногуни ҳаёти халқамон бахшида шудаанд. Мухаммаси аввалини маҷмуа «Кӯҳзод» ном дошта, аз се банд иборат аст. Банди аввали он аз чор мисраъ ва бандҳои дуюму сеюм бошад аз панҷ мисраъ иборатанд. Ин ҷо навҷӯию навоварии шоир дида мешавад:

Дар зимистон бо хаёли навбаҳорон зиндаам,
Сабзаи саҳрояму бо оби борон зиндаам.
Қатраҳо бо ҳам биёмезанд, дарё мешаванд,
Ман дар ин дунё ба меҳри дӯстдорон зиндаам.

Зиндагӣ гӯянд бе ғам нест, бовар мекунам,
Ҳаркиро ғам нест, одам нест, бовар мекунам.
Чашмро бо чашма гоҳе одамон нисбат диҳанд,
Чашму чашма ҳеҷ бе нам нест, бовар мекунам,

Лек рӯзи сахтии умрам ба армон зиндаам [19, с. 5].

Бо вуҷуди дар банди аввал кам будани як мисраъ қофиябандӣ дар ҳар се банд ҷой дорад. Дар мухаммаси «Суроғи ҷавонӣ» бошад ду банди аввал аз панҷ мисраӣ иборат аст, банди сеюм бошад, дар шакли шеъри озод суруда шудааст. Ҳамон тавре ки мебинем, қолаб шикаста шудааст:

Раҳу пайроҳаи паймударо ҷустам,
Хасу хори набуду бударо ҷустам,
Ҳама помондаҳои ёдро гаштам ,
Тагорӯйи дили фарсударо ҷустам.
Намедонам,
Ҷавониро куҷо кардам [19, с. 39].

Дар шеър шоир аз рафтани умри ҷавонӣ, ки дар байни мардум бо ҳикмати «Ҷавонӣ мисли аспи бодпо» маълум аст, сухан кардааст.

Мухаммасҳои «Ман аҳли Хуросонам», «Ғирев» ва «Бихез аз хоб» ба мавзуи Ватану ватандорӣ бахшида шудаанд. Мухаммаси «Ман аҳли Хуросонам» аз шаш банд иборат буда, бандҳои якум, дуюм, сеюм ва панҷум аз панҷмисрагӣ иборатанд. Бандҳои чорум ва шашум шашмисрагианд:

Гаҳ субҳаму хандонам,
Гаҳ абраму гирёнам,
Гаҳ ҷамъу парешонам,
Аз тухми бузургонам,
Ман аҳли Хуросонам.

Шохобаму дарёям,
Ман кӯҳаму саҳроям,
Ман зодаи ин ҷоям,
Овораи дунёям,
Ман оҳаму афғонам ,
Ман аҳли Хуросонам [19, с. 42].

Мисраи васила «Ман аҳли Хуросонам» ҳусну таровати шеърро дучанд гардонидааст.

Мухаммасҳои шоир дар мавзуъҳои гуногун эҷод шудаанд ва дар шакли он тағйиротҳои ҷузъӣ ба назар мерасад.

г) Мусаммати мусаддас. Шеърест, ки аз бандҳои шашмисрагӣ иборат аст. Он низ чун мухаммас дар ду шакл эҷод мешавад. Навъи якуми мусаддас шеърест, ки дар шакли тазминӣ эҷод мешавад. Навъи дуюм мусаддасест, ки ҳамаи бандҳо аз они як шоиранд.

Дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ ин навъи шеърӣ ҳафт ададро ташкил медиҳад. Шеъри аввал «Дареғи ҳасратдарҷигар» ном дошта, аз се банди шашмисрагӣ иборат аст. Мисраи васила тавассути қофия дар ҳар банд риоя шудааст. Чунончи:

Ин хона на он хона-ст,
Як гӯшаи вайрона-ст,
Ин дил, ки паривар гашт,
Хундарсари девона-ст.
Савдоии саҳрогард
Чун бод шудам бе ту...

Эй рафта зи ман, баргард,
Эй ҷон, ба бадан баргард.
Эй мурғи ватанбезор,
Б-оғӯши Ватан баргард.
Ту шодии ман будӣ,
Ношод шудам бе ту [19, с. 11].

Мавзуи мусаддас ишқӣ буда, қофиябандии **а а б а в в** дорад. Дар банди дуюм мавзуи ишқӣ ба мавзуи Ватан омехта гардидааст.

Дар мусаддаси «Ману хома» мавзуи иҷтимоӣ ҷой дода шудааст. Он аз ду банд иборат буда, дар банди дуюм ду мисраъ илова гардидааст.

Дуто пири баҷомонда,

Ду раҳҷӯи зи по монда,
Ду тори аз наво монда,
Ду ҷони дар бало монда,
Ду дасти дар ҳаво монда,
Ману хома.

Чу сабза дар нумуъ будем,
Баҳори орзу будем,
Гули хушрангу бӯ будем,
Равон чу оби ҷӯ будем,
Талоши ҷустуҷӯ будем,
Кунун аз дасту по монда,
Ба умеди Худо монда,
Ману хома [19, с.14-15].

Боиси қайд аст, ки шеъри «Ману хома»-и Муродӣ ба ғазали шоири зиндаёд – Лоиқ «Ману дарё» бисёр монанди дорад:

Ду раҳсозему раҳпаймо, ману дарё, ману дарё,
Ду ҳамроҳему ду танҳо, ману дарё, ману дарё.
Зи як сарчашма меоем, як сарчашмаи кӯҳӣ,
Ба поинҳо аз он боло ману дарё, ману дарё.
Ман аз вай шӯр мегирам, вай аз ман шеър мегирад,
Ду пуршурему пурғавғо, ману дарё, ману дарё [40, с.180].

### 3.1.3. Тарҷеот

Тарҷеъбанд аз анвои шеъри тоҷикӣ мебошад, ки аз ғазалҳои чандбайтӣ иборат буда, дар як вазн суруда мешавад ва барои иттисоли ин ғазалҳо ба якдигар аз як байти такрорӣ истифода мешавад. Он дар як вазн ва қофияҳои гуногун офарида мешавад: «Шеърҳое, ки дар адабиётшиносӣ «хона», «банд», мегӯянд, ғайр аз вазни ягона ба ҳамдигар ба воситаи байте пайванд мешаванд,

ки он байт гоҳе айнан такрор меёбад, гоҳе тағйир меёбад, гоҳе мазмунан дигар шуда, аз рӯйи қофия мувофиқат мекунанд [131, с. 34]. Ин гуна байтро байти восила меноманд. Тарҷеот ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

1. Тарҷеот, ки байти восила бе дигаргунӣ дар ҳамаи бандҳо такрор меёбад;

2. Тарҷеъбанде, ки байти восила аз рӯйи мазмун ва қофия ҳамеша тағйир меёбад.

Дар тарҷъебанд байти восила бори маънӣ мекашад. Шоир маънии асосии ғоявиро дар байти восила мегузорад, дар ҳар банде мазмунеро баён карда, баъди он ба байти восила мурочиат мекунад.

Дар таркиббанд шоир маънии нисбатан томро дар байте изҳор карда, ҷамъбасти ғоявии онро дар байти восила баён менамояд, яъне таркиби мундариҷавӣ дар байти васулкунанда хулоса мешавад. Байти васлкунанда дар ин навъ ҳамеша тағйир меёбад. Таркиббанд дар ашъори шоирони муосир Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ашур Сафар зиёд ба чашм мерасад.

Дар таҳқиқоти мо навъи якуми тарҷеъбанд дар эҷодиёти Алимуҳаммади Муродӣ ба чашм расид. Онҳо мавзуъҳои гуногуни ҳаёти халқамонро дар бар мегиранд.

Тарҷеъбанди «Ташнаи дидор» аз се банди шашмисрагӣ иборат буда, дар он байти васила ҷой дорад. Мавзуи шеър ишқӣ мебошад:

Саҳро ҳама гулпӯш аст,
Дунё ҳама дар ҷӯш аст,
Хору гули боғ имрӯз,
Оғӯш ба оғӯш аст.
Ман ташнаи дидорат,
Ман ошиқи гулзорат.

Дар ҳар гули бишкуфта,
Сад шавқу ҳавас хуфта,
Аз ман нагузар чун бод,

Дорам ғами ногуфта,
Ман ташнаи дидорат,
Ман ошиқи гулзорат [19, с. 35].

Бояд қайд кард, ки ин шеър аз тарафи шодравон Қурбоналӣ Абдуллоев ва Муҳаррама Шарифова дар шакли бадеҳа ба оҳанг дароварда шуда, суруда шудааст.

Тарҷеъбанди дигари шоир «Суроғам кун» ном дошта, аз се банди шашмисрагӣ иборат аст. Мавзуи шеър ишқӣ буда, байти васила ҳусну таровати шеърро дучанд гардонидааст:

Чун докаи гулбастат,
Гулпӯш талу пушта,
Ҳуснат дилу ҳушам бурд.
Чашми ту маро кушта,
Сад бор ту доғам кун,
Як бор суроғам кун.

Дар олами савдоӣ,
Бедориву руъёӣ,
Бо ҳусни худододат,
Сарчашмаи зебоӣ,
Сад бор ту доғам кун,
Як бор суроғам кун [19, с. 35-36].

Ҳамон тавре ки мебинем, қофия дар банди аввал дар шакли **а б в а г г** дар банди сеюм бошад **а а б а г г** омадааст.

Дар тарҷеъбанд «Гимни озодагон» сухани Қаҳрамони миллии Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуд «Мо барои озодӣ меравем. Барои ман зистан зери чатри бандагӣ пасттарин навъи зиндагист» чун эпиграф оварда шудааст. Он аз чор банди шашмисрагӣ иборат буда, байти восила ҳусну таровати шеърро дучанд гардонидааст. Аз номи шеър пай бурдан мумкин аст, ки мавзуяш озодии халқи азиятдидаи Афғонистон мебошад:

Хоки пурмоҷарои мо шоҳид,
Ҳасрати рафтаҳои мо шоҳид,
Қисмати пурбалои мо шоҳид,
Дар ҳақиқат Худои мо шоҳид.
Разми мо аз барои озодист,
Рӯйи мо бар Худои озодист.

Зиндагӣ, к-аз барои нон бошад,
Ҳамчу саг баҳри устухон бошад,
Зиндагӣ не, балои ҷон бошад,
То ҷаҳон буду то ҷаҳон бошад,
Разми мо аз барои озодист,
Рӯйи мо бар Худои озодист [19, с. 52-53].

Тарҷеъбанди дигари шоир «Ба ёди модарам» ном дошта, аз чаҳор банд иборат аст. Дар шеър байти васила ҷой дошта бошад ҳам, ду банди аввал шашмисрагӣ буда, бандҳои сеюму чорум бошад, ҳаштмисрагӣ шудаанд:

Ҳамчунон кирми замин мелутам,
Аз пайи рӯзии худ саргардон.
Кас напурсад, ки:
Фалон, ҳолат чист?
Кас нагӯяд, ки чӣ дорӣ армон?
Зиндагӣ бе ту набудаст осон,
Давлати рафта зи сар, модари ҷон.

Як сари қоқи ману ин ҳама дард,
Ту будӣ, дард набуд танҳоӣ.
Ту будӣ, аз алами дунёӣ,
Ин қадар ман набудам савдоӣ.
Зиндагӣ бе ту набудаст осон,
Давлати рафта зи сар, модари ҷон [19, с. 74-75].

Дар эҷодиёти А. Муродӣ шакли таркиббанд ба чашм нарасид. Чи тавре ки мебинем, мусаддасҳои шоир мавзуъҳои гуногуни ҳаёти мардумамонро фаро гирифтаанд.

### 3.1.4. Манзума ва достонҳои Алимуҳаммад Муродӣ

Оид ба ин шакли шеърӣ адабиётшинос Х. Мирзозода чунин менависад: Манзума – ҳар асаре, ки бо назм навишта шуда бошад. Асарҳои начандон калони манзумро ки дорои сужет нестанд, низ манзума меноманд. Чунончи: «Мунозира бо Худо» (Носири Хисрав), «Кремл», «Мо зафар хоҳем кард», «Заҳмат рапорт медиҳад» (Лоҳутӣ), «Манзараи марг» (Пайрав) ва ғайра [87, с.61].

Ишораи адабиётшинос ба манзумаи «Парвоз» низ дахл дорад, аммо дар он хатти сужет мавҷуд аст.

Дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ танҳо як манзума ба чашм расид, ки он ҳам бошад дар маҷмуаи аввалинаш «Дастниҳол» ҷой дода шудааст. Он «Парвоз» ном дошта аз 40 байт иборат аст. Манзума бо пешгуфтори муаллиф «Ба мардуми Шурообод – аввалин ободкунандагони райони Москва (ҳоло ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) мебахшам» оғоз меёбад. Дар эҷоди он тарзи қофиябандии мусамmати мураббаъ (аб вб) пурра риоя гардидааст:

Ба ранги мӯр мошинҳо пайи ҳам, а
Ба пешу бар қафо андар шитобанд. б
Даруни шохаи сабзи дарахтон, в
Қатори хонаҳо чун барф тобанд... б

Ба ёдам рӯзҳои рафта омад,
Замони кӯдакии талху ширин
Аз он чи бо ман аст имрӯз шодам,
Аз он чи додаам аз даст ғамгин [12, с. 28].

Манзума аз кӯчонидани мардуми кӯҳистон ба водӣ накл мекунад. Бисёре аз давраҳои кӯдакии қаҳрамони ғиноӣ дар он кушода мешавад. Чунончи:

Надонистам (Ман он гаҳ хурд будам)
Чӣ бошад мактабу дарси муаллим.
Фақат бо қиссаву афсона модар,
Маро он рӯзҳо медод таълим.
Падар мегуфт: «Андар шаҳри Кӯлоб,
Бувад аспе, ки дорад ном мошин.
Аҷоиб қуввати бисёр дорад,
Танаш аз оҳану пояш зи резин» [12, с. 29].

Кӯч бастани мардуми кӯҳистонро шоир хеле бо сӯзу гудози ҷонкоҳ ба қалам додааст. Зеро яке фарзанду дигаре бародар, яке падару дигаре модар, яке духтару дигаре ёр, яке ҷавониву дигаре кӯдакиро онҷо гузоштааст:

Чӣ донистам, ки онҷо дар дили санг
Яке фарзандро танҳо гузорад.
Яке модар, яке хоҳар, яке ёр,
Ҷавониро яке он ҷо гузорад.

Чӣ донистам, ки ҳар як санги деҳа,
Даруни синаи худ роз дорад.
Чӣ донистам, ки одам зодгоҳаш,
Ҷаҳаннам бошад ар, ҷаннат шуморад? [12, с. 32].

Ҳамон тавре ки мебинем, дар манзума хатти сужет ҷой дошта, шоир кӯч бастани мардуми кӯҳистонро хеле барҷаста тараннум намудааст.

Анъанаи достоннависӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик таърихи беш аз ҳазорсола дошта, шоироне ба монанди Абулқосими Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҳилолӣ, Ҷомӣ, Шоҳин ва дигарон ин анъанаро ба мо мерос гузоштаанд. Дар аҳди Шуравӣ ва замони Истиқлол низ достоннависӣ идома дорад. Аз устодон – Айнӣ ва Лоҳутӣ сар карда, қариб ҳамаи шоирон дар ин жанр табъозмоӣ кардаанд. Метавон гуфт, ки устод Муъмин Қаноат дар ин ҷода пешгом

мебошад. Дар асари адабиётшиносон Ҷумъа Ҳамроҳ, Сироҷиддини Эмомалӣ «Назарияи адабиёт» оид ба жанри достон чунин омадааст: «Достон дар забони форсӣ-тоҷикӣ маъниҳои гуногун дорад. Маънои асоси вай машҳур, маъмул, маълум, вирди забон будан аст. Маънии дигари достон корнамоии барҷаста ва қаҳрамонии ҳақиқӣ мебошад» [131, с.108]. Дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ ду достон яке бо номи «Давлат» дар маҷмуаи «Дастниҳол» ва дигаре ба номи «Эътиқод» дар маҷмуаи «Роҳи руҳ» ҷой гирифтаанд.

Достони «Давлат» аз пешгуфтор ва чор бобу анҷом иборат аст. Мавзуи асар ба яке аз сохтмонҳои заводи химиявӣ дар ноҳияи Ёвон бахшида шудааст. Муқаддимаро шоир ба мисраъҳои зерин оғоз мекунад:

Қад-қади кӯчаҳои норӯфта,
Медавад бод-боди гардолуд.
Мушт кӯбад ба ҳар дари хона,
Боз як рӯзи умр охир шуд [12, с. 33].

Боби якуми достон «Ҷанҷол» ном дошта, аз ҷанҷоли Давлат бо сардори сохтмон – Мирҳайдар қисса мекунад. Сабаби саршавии ҷанҷоли онҳо нарасидани масолеҳи сохтмони ва рӯзи истироҳатиро эълон кардани рӯзи корӣ мебошад. Шоир ин нуқтаро чунин ба қалам додааст:

... Гуфт Давлат: – Акаи Мирҳайдар,
Аз ту дидам муруввату ёрӣ.
Устодиву раҳнамо бар ман,
Дастгирӣ маро ба ҳар коре [12, с. 35].

Роҳбари сохтмон – Мирҳайдар Давлатро бовар мекунонад, ки таҷҳизотҳои наву ҳозиразамон ба сохтмон ворид гардидаанд ва ин бенизомӣ, албатта, бартараф мегардад.

Боби дуюми достон «Дар коргоҳ» ном дошта, аз масъулиятшиносии сардори бригада – Давлат қисса мекунад. Ӯ ҳамчун шахси масъулиятнок пеш аз ҳама ба коргоҳ омада, корҳои дирӯз баанҷомрасидаро як бори дигар аз назар гузаронида, коргарони бригадаро пешвоз гирифта, вохӯрӣ намуда, ҳар

кадомро аз ҳолу аҳволашон пурсон мешавад. Ин рафтори Давлат ба ҳамаи сохтмончиён писанд омада буд. Муродӣ ин нуқтаро чунин ба қалам додааст:

Дӯст дорам туро аз он, Давлат,
К-аз дили дӯстон хабар дорӣ.
Як-ду ҳарфи самимие гӯйӣ,
Қалби афтодаро бубардорӣ [12, с. 38].

Боби сеюми достон «Шодӣ болои шодӣ» ном дошта, аз фарзандор шудани Давлат нақл мекунад. Шодии Давлатро шоир чунин тасвир намудааст:

Гоҳ гӯяд ба Гулҷамол «Имрӯз
Дар ҷаҳон нест мисли ман хушбахт.
Дилбарам, Гулҷамоли зебоям,
Аз ту бошад маро насиб ин бахт [12, с. 39].

Шодии дуюме, ки насиби ин хонадон гаштааст, омадани падари Давлат ба хонаи писараш буд. Падар аз интихоби ҳамсари писараш норизо буд. Аз ин рӯ бо писараш қаҳрӣ буданд. Баробари шунидани хабари писардор шудани Давлат ҳама қаҳру ғазабро яктараф гузошта, ба дидори наберааш меояд. Падар Давлату Гулҷамолро муборакбод намуда, аз рухсораи наберааш мебӯсад:

Бӯса карда набераро бобо,
Менамуд Гулҷамолро табрик.
Давлати ду карат шуда хушбахт,
Ёд овард рафтаи наздик [12, с. 40].

Боби чоруми достон «Ғалабаи нахустин» ном дошта, аз иҷрои кор мужда медиҳад:

Бурд дасташ ба чакка хандида,
Кори худро гурӯҳи мо буд кард.
Дар канораш кашид Маҳмудро,
Бӯса бинмуд варо бародарвор

Рафт то коргоҳи духтарҳо
Ин хабар Гулҷамол ҳамчун тир,

Баҳри табрики ёри худ биштофт,
Гашта аз шавқу тохтан дамгир... [12, с. 44].

Хулосаи достонро шоир чунин ҷамъбаст намудааст:

Ӯ бузург асту хоксор он қадр,
Ки натобад гаҳе ба чашм аз дур.
З-ин сабаб достони Давлатро,
Ман бад-ин содагӣ баён кардам.
Лаҳзае чан аз ҳаёташро,
Шадда аз баҳри дӯстон кардам [12, с. 46].

Мундариҷаи идеави достонро образи ҳамсари Давлат – Гулҷамол боз ҳам пурратар намудааст. Ӯ яке аз аввалин духтарони маҳалист, ки ба гапҳои пасту баланди тоифаи қафомондагон эътибор надода, дар сохтмон кор мекунад ва бо меҳнати ҳалолу садоқату фаросаташ намунаи ибрат мегардад:

Гулҷамолу Сафаргулу Гулмоҳ
Кор карданду касб омӯхтан
Дар дили духтарони ёвонӣ
Гулхани тозае барафрӯхтан [12, с. 40].

Вале, афсӯс, мавзуи асосии достон – меҳнат пурра ҳал нагардидааст. Тасвири фаъолияти меҳнатии Давлату Гулҷамол хеле маҳдуд инъикос ёфтааст.

Ҳамин тариқ, дар достон мушкилоти замон ба сохтмонҳои азими ҷумҳурӣ ҷалб кардани писарону духтарон ва мактаби бузурги таълиму тарбия гардидани ин сохтмонҳо бардошта шудааст [77, с. 4].

Достони дуюми Алимуҳаммад Муродӣ «Эътиқод» ном дошта дар байни солҳои 1984-1986 эҷод шудааст. Достон аз оғозу анҷом ва 18 боб иборат аст. Дар эҷоди он шоир аз шакли қофиябандии мусаммати мураббаъ (аб вб) истифода кардааст.

Достон ба ҳаёти синфи коргар бахшида шуда, қаҳрамони асосии он Меҳрубон мебошад. Вай баъди хатми Донишкадаи политехникӣ ба корхонаи пахтатозакунӣ ба кор омада, бо дониши баланду навоварӣ ва ихтироъкориҳои худ дар рушди корхона ҳиссагузор мегардад. Аммо ин ҳама тозакориҳо ба

чашми роҳбарони куҳнапарасту ақибмонда чун хор мехалад ва аз пайи таъқибу озори Меҳрубон мешаванд. Фитнаю иғво, туҳмату буҳтон ва бадномсозиҳо оғоз ёфта, нотавонон мехоҳанд, ки ӯро аз сари роҳи худ дур созанд, вале ҳамеша нур бар тирагӣ ва субҳ бар шом ғолиб меояд. Сарварони ҳақбину ҳақталош ва бо адолат дар ҷомеа зиёданд ва маҳз пуштибониву ғамхории чунин ашхос ба Меҳрубон имкон медиҳад, ки ихтироъкориву навовариҳои худро дар корхона татбиқ созад:

Реша дар хоки ҳақиқат дорад,
Нахли ин қисса, ки пайванди ман аст.
Он агар нек в-агар бад омад,
Зодаи табъаму фарзанди ман аст [14, с. 154].

Таҳлили ашъори суннатии шоир хулосаеро ба бор меорад, ки ҳар як кашфи маъноии шоирона, тасвир, лаҳзаву ҳолат, ҳис ва таркиби баён дар ин қабил шеърҳо дар ҳавзаи андешаю тафаккури ӯ бо шева ва равишу сабки ба худ хос анҷом пазируфта, дар ҳар як шеъри он меъёри вуруду ҳузури вожаҳо, баёни тасвиру сохти онҳо бо таҷаллию қиёми бештари маъноӣ, софтару пурҷилотар рангомезӣ шудаанд. Дар чунин анвои шеърӣ масъалаю ҳодисаҳо аз назари моҳият ва ҷиҳатҳои фалсафию иҷтимоии ҳаётӣ бештар ғанию мукаммал ва рангоранг буда, онҳо риштаҳои нозуктарини ҳаётии воқеотро бо тобишу ҷилои навин дар назари хонанда ҷилвагар месозанд. Чунин шеърҳо фарогири ҳиссиёт ва идроки баланди афзалиятдори тахайюлу андешаи қаҳрамони лирикӣ гашта, заминаи ҳаётии онон ва инкишофи мантиқии муҳокимавии адиб басо пурқувват мебошад.

## 3.2. Шеъри нав

Пайдоиш ва ташаккули «шеъри нав» аз солҳои аввали асри бист ҳамчун раванди умумии рушду таҳаввули шеъри тоҷикӣ ба назар расида, таҳқиқоти он дар осори илмии донишмандоне ба монанди Ш. Ҳусейнзода, С. Табаров, М. Шукуров, Р. Мусулмониён, Х. Шарифов, А. Сатторзода, Б. Сирус, А. Ҳакимов,

Ю. Акбаров, А. Сайфуллоев, Рустами Ваҳҳоб, Маҷиди Яктоӣ, Алиасғари Шеърдӯст, Алиасғари Бувандии Шаҳриёрӣ, Сируси Шамисо ва дигарон мавқеи босазо дорад. Ба таъбири адабиётшиноси Эрон Сируси Шамисо, «шакли нимоӣ, ки бад-он шеъри озод гӯянд, шеърест бо вазни арузӣ, мунтаҳо мисраъҳои он монанди шеъри суннатӣ маҳдуд бо дуву се ва чаҳор рукн нест ва метавонад камтар аз ду рукн ва бештар аз чаҳор рукн дошта бошад. Қофия дар шеъри нимоӣ ҷои муназзам ва мушаххас надорад» [109, с. 358].

Ҷустуҷӯ ва бозёфтҳои шоиронро дар вазн ҳанӯз аз оғози садаи бист дар ашъори С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ ва П. Сулаймонӣ мушоҳида намудан мумкин аст, вале давраи нави таҳаввули аруз дар шеъри муосири тоҷик дар доираи нисбатан васеътар дар назми солҳои 60-ум шуруъ гардид. Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло ва дигар адибони ин давра бо ворид намудани тағйироти эҷодкорона дар вазн бо ривоҷ додани шакли чаҳорпора инкишоф ва таҳаввули бештари арузи навро ба вуҷуд оварданд. Ба ин маънӣ, «арузи нав як падидаи куллие буд, ки шакли манзуми дорои имконоти номаҳдудро ба майдон оварД ва худ табдил ба пойгоҳе гардид, ки бо такя бар он шоир метавонад тамоми восита ва унсурҳои тозабатозаи шеъриро ба кор бигирад ва аз сӯйи дигар, батадриҷ мазиятҳои то ба ҳол нуҳуфтаи назми суннатиро кашф намуда, ба хидмати шеъри рӯз бикашад» [125, с. 46].

Академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ аз тазкираи «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё ёдовар гардида, чанд нуктаи ҷолиберо ба муҳокимаи адабиётшиносон вогузор намудааст ва таҳаввули «шеъри нав»-ро дар адабиёти тоҷик ба се давра ҷудо намудааст: «Аз «Тазкори ашъор» маълум мешавад, ки истилоҳи «шеъри нав» дар адабиёти тоҷикӣ аз солҳои 1905-1907 вуҷуд доштааст ё ки аз таҳрири дувуми «Тазкори ашъор», яъне, аз даҳаи бисти садаи бист пайдо шудааст» [125, с.114].

Дар «Тазкори ашъор» дар оғози асар таъбири «шеъри нав» як бор дар боби якум номбар гардида, баъдан, ибораҳои «услуби тоза» ва «тарзи ҷадид» истифода шудаанд. Аммо матлаби муаллиф ҳамоно ишора ба навҷӯию

навоварии адибони ин давра дар эҷод мебошад. Давраи аввалро Садри Зиё иборат аз рӯ овардан ба сабки мардумӣ ва унсурҳои гуфтори одӣ донистa, гуфтори омиёна, маҷозҳои халқӣ ва ташбеҳу истиораҳои тозаро, ки аз забони гуфтугӯии халқ гирифта шудаанд, нахустин аломати «шеъри нав» ҳисобидааст. Аломати дувуми он дар мазмуну мавзуъҳои тоза, ки ба замони нав ва ормонҳои маорифпарварӣ вобастагӣ доранд, аз қабили ормонҳои зебоишинохтӣ (идеали эстетикӣ), ватанпарварию миллатдӯстӣ, озодипарастӣ ва ғайра таъкид ёфтааст ва «Суруди озодӣ»-и устод С. Айнӣ оғози давраи дувуми шеъри нави тоҷикӣ дониста шудааст. Баъдан, нуфузу ривоҷи тарзи шеъри Нимо Юшич дар адабиёти муосири тоҷик аз солҳои шастуми қарни бист давраи сеюми рушди шеъри нави тоҷикӣ маҳсуб гардидааст. Дар хусуси давраи нави таҳаввули аруз дар шеъри муосири тоҷик адабиётшиносон А. Ҳакимов, С. Давронов, Х. Отахонова, Ю. Акбаров, Рустами Ваҳҳоб ва дигарон ибрози назар намуда, то ба дараҷае оид ба сайри таърихии арузи нав, омилҳо ва вижагиҳои он, поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии шеъри нав маълумоти дақиқу муфассал додаанд. Рустами Ваҳҳоб аз таҳлили мақолаҳои А. Ҳакимов «Таҳаввули аруз» [120] ва Ю. Акбаров «Шеъри нав» [46] ба хулосае расидаанд, ки дар таъини мақому моҳияти шеъри нав ду назари аслӣ мушоҳида мешавад:

1. Шеъри навро шакл муайян мекунад.
2. Шеъри навро мазмун муайян мекунад [61, с.21].

Дар ин равобит ҳам ба шакл ва ҳам ба мазмуни он мутобиқат намудани нуктагӯӣ ва хитоби мустақимро дар бар гирифтани шеъри нав ба ин вокуниш роҳ кушодааст. Хулоса, шеъри нав дар эҷодиёти А. Муродӣ ҷойгоҳи ба худ хосро дошта, дар байни хонандагон онро ҳамчун адиби навҷӯйю навовар шиносонидааст.

### 3.2.1. Чаҳорпора

Ба ин таъбироти нави шеър шакли «чаҳорпора» бо хусусиятҳои барҷастаи сужетофарӣ, созгории он бо муколама ва андешаронӣ, ташаккули

мураттаби сужети лирикӣ мутобиқат намуда, дар осори бештари шоирони давраи нав ба мушоҳида мерасад. Адабиётшиносон дар «табиат»-и чаҳорпора наздикии маънoии онро бо наср кашф намуданд [92].

Чаҳорпора дар ашъори Алимуҳаммад Муродӣ мавқеи аз ҳама баландро касб намуда, миқдори он дар гулчини ашъори шоир ба 112 мерасад. Ин чаҳорпораҳо бо маъниҳои рангин, тарзҳои гуногуну фарқкунандаи қофиябандӣ ва навовариҳои ҷудогонаи шаклӣ аз ҳам дар тафовут буда, қисмати асосии эҷодиёти шоир ба шумор мераванд. Китоби шоир бо чаҳорпораи «Кӯҳзод» оғоз меёбад:

Дар зимистон бо хаёли навбаҳорон зиндаам,
Сабзаи саҳрояму бо оби борон зиндаам.
Қатраҳо бо ҳам биомезанд, дарё мешаванд,
Ман дар ин дунё ба меҳри дӯстдорон зиндаам [19, с. 5].

Ин чаҳорпора аз се банд иборат буда, қофиябандии ҳамаи бандҳои он **ааба** мебошад. Шеъри «Истиқлолият» аз шаш банд иборат буда, дорои қофиябандии **абвб** аст:

Тоҷики озоди истиқлолхоҳ
Гуфт истиқлолу сар бар дор дод.
Ҷони ширин доду озодӣ харид,
Сар ба дор аз баҳри нангу ор дод [19, с. 7].

Чаҳорпораҳои Алимуҳаммад Муродӣ дар баҳрҳои мухталифу вазнҳои гуногуни аруз эҷод гардида, дар онҳо мазмун аз банде ба банди дигар нақл мешавад, сужети шеър то андозае озодона аз банд то банди дигар инкишоф меёбад ва миқдори бандҳо низ ба мазмуни шеър ва ҳаҷми сужети он вобастагӣ дорад. Чаҳорпораҳои «Хазон», «Шоири шоирон баҳор», «Хазони хотирабор», «Гила», «Пушти рӯйи оина», «Шоми деҳа», «Худкарда», «Дигар ба боғи дилам», «Баҳори баъди ҷанг», «Бе туву бо ту», «Хадраи ёд», «Шубон», «Хаёли боронӣ», «Рози ман», «Гаҳвора ва гӯр», «Таманно», «Хокистари ишқ» ва амсоли инҳо бо хушоҳангиву самимияти эҳсосот ва содагиву қолабписандию мазмунҳои тоза биниши нави шоиронаи Алимуҳаммад Муродиро ифода

намудаанд. Тарзи қофиябандии чаҳорпораҳо шоир чунин сурат гирифтааст:

абвб, ааба, абаб

Мурғакони баҳории шавқам, а
Бо баҳори ҷавониям рафтанд. б
Ошиқони баҳору гул буданд, в
Аз канори хазониям рафтанд [17, с. 85] б

Даруни синаи ман ҳавзи зардоб, а
Даруни синаи ту ҷӯши чашма. б
Зимистонам, хазонам, сахт бетоб, а
Тӯ ҷӯши навбаҳориву карашма [17, с. 90]. б

Дар чаҳорпораи зикргардида, шоир аз санъати бадеии тазод хеле устодона кор гирифтааст.

Адабиётшинос Х. Шарифов дар асоси таҳқиқи эҷодиёти Муъмин Қаноат далели афзоиши теъдоди чоҳорпораро натиҷаи тадриҷан ба шакли шеъри русӣ майл кардани шоирони тоҷик донистааст, «зеро ин қолаби дар шеъри гузаштаи мо номустаъмал яқин аз шеъри русӣ маншаъ мегирад» [133, с. 38]. Бешак, ин гуфтаҳо ба шоири мо – Алимуҳаммад Муродӣ низ айнан тааллуқ доранд.

Чаҳорпораҳои Алимуҳаммад Муродӣ агарчи дар қофиябандӣ тафовути зиёдеро доро мебошанд, аммо ин хилофи қонунияти чаҳорпора набуда, ба дифои шаклу мазмуни шеър аз якнавохтию якрангӣ низ истифода мешавад.

Зиндагӣ афтодану нашкастан аст,
Зиндагӣ пайвастро нагсастан аст.
Зиндагӣ дом аст агар, домафкан аст,
Кабки зирак будан асту растан аст.
Зиндагӣ деҳқону мо чун дони хом,
Бар замин мон афганад хандон шавем.
Зиндагӣ бод асту мо барги хазон,
Барканад морову саргардон шавем [19, с. 113].

Дар таҷрибаи эҷодии ҳар як шоиру нависанда, лаҳзаҳое вуҷуд дорад, ки забони ҳол бар ҳама навъ барномаҳо ва ҳадафҳои эҷодӣ бартарӣ пайдо мекунад ва илҳому қалбу андешаи нависанда бо дасту қалами он пайванди мустақим меёбад ва нуҳуфтатарин баёноти замираш рӯйи саҳифаи коғаз мерезад. Ин пораҳо барҷастатарин намунаи афкор ва эҳсоси нигоранда мебошад, ки чун нуқтаҳои нуронӣ ба ҷаҳони андеша ва эҳсоси воқеӣ ва шахсияти ӯ партав меафканад ва ҷавҳари ӯро барои хонанда ошкор месозад.

Умуман, шакли чаҳорпораи шеър дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ аз сермаҳсултарин падидаи эҷод маҳсуб ёфта, бо тарзҳои мутафарриқи қофиябандӣ ва мазомини салису рангин ба ашъори шоир ғановати бадеӣ бахшидаанд. Дар чаҳорпораҳои адиб озодии андеша ва ибтикори амалиётсозии тасвир ба шоир имкон додааст, ки ин шакли шеъриро бо қофиябандиҳои тоза ва мазмунсозиҳои муносиб такмил дода, комилтару ҷолиб, рангину ҷаззоб ва пурраву равшан гардонад.

### 3.2.2. Шеъри нимоӣ ё арузи нав

Дар баробари ашъори суннатӣ дар эҷодиёти А. Муродӣ шеъри нимоӣ ё арузи нав ҷойгоҳи ба худ хосро касб намудааст. Ба ақидаи адиб Муҳаммадалии Аҷамӣ, «А. Муродӣ дар жанрҳои гуногуни суннатӣ ҳунари худро таҷриба кардааст, аммо бояд гуфт, ки ӯ дар миёни ҳаводорони шеър бештар бо шеърҳои нимоияш шинохта шудааст [58, с.13]. Ашъори нимоии Муродӣ мавзуъҳои гуногуни ҳаёти имрӯзаи халқамонро дар бар гирифтаст.

Дар бораи ашъори нимоии шоир адабиётшиноси эронӣ Алиасғари Шеърдӯст чунин хулоса кардааст: «Аз шеърҳои Муродӣ чунин бармеояд, ки ӯ бо шеъри нави Эрон ба хубӣ ошност. Метавон иддао кард, ки шеъри Муродӣ заминаи бумӣ надорад ва аз ҳамон забону фазои шеъри имрӯзаи Эрон бархурдор аст» [135, с. 255-56].

Ба ин ақидаи муҳаққиқи эронӣ розӣ шудан душвор аст. Чунки таърихи шеъри нав ба гуфти адабиётшинос Шоҳзамон Раҳмон асоси миллӣ дорад: «Ба

фикри мо, Садриддин Айнӣ дар ҳавзаи адибони форсигӯ аввалин касест, ки мазмунҳои нави замониро дар шакли тозаву шево гузаронида, сабки нави инқилобӣ ихтиёр кард. Шеърҳои инқилобии ӯ «Марши ҳуррият», «Марсия», «Инқилоб», «Ба шарафи инқилоби Бухоро» намунаҳое буданд, ки пештар аз «Афсона»-и Нимо навишта шудаанд. Хусусан «Марши ҳуррият» ба оҳанги «Мавсселеза» соли 1918 дар кӯчаҳои Самарқанд хонда шуда, баъд ба рӯйи коғаз рехтааст [100, с. 10-11]. Мо ҳам ба он андеша ҳастем, ки дар адабиёти форсизабонони муосири дунё шоире, ки аввалин маротиба дар равияи нав шеър эҷод кардааст, Садриддин Айнӣ мебошад.

Алимуҳаммад Муродӣ бошад, заминаи амиқи воқеӣ доштан ва ба ҳаёти халқи азизаш тавъам будани ашъорашро дар пешгуфтори маҷмуаи «Хайрбоди баҳор» чунин овардааст: «Шеър маро ҳангоми каландзанӣ дар саҳро, суҳбат бо мардум, андешаву мушоҳидаҳои зиндагӣ, шодиву ғам дармеёбад ва маҷбурам мекунад, ки қалам ба даст гирам» [16, с. 7].

Яке аз мавзуъҳои марказӣ чи дар ашъори суннатӣ ва чи шеърҳо нимоии шоир тараннуми Ватан ва ватандорӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки дар сурудани ашъори нимоӣ шоир бештар ба кӯтоҳбаёнӣ рӯ овардааст. Ба ақидаи профессор А. Кӯчаров: «Чунин фишурдаи тасвир, ки ба он шоир муваффақ гаштааст, аз хонанда завқи баланди бадеӣ ва қобилияти расои маънирасиро тақозо дорад, то ӯ муносибати нозуки рамзҳои бадеиро ба ҳаёти пуршӯри воқеӣ муайян карда, ба умқи маънигириҳои мусаввир расида тавонад» [80, с.10].

Ҳангоме ки кас ба ашъори Муродӣ ошноӣ пайдо мекунад, дарк менамояд, ки заминаи ашъори ӯ назми ҳазорсолаи классикию муосир ва осори шифоҳии мардумамон мебошад. Адиб дар натиҷаи мушоҳидаҳои бардавоми зиндагӣ ва меҳнати бурдборонаи эҷодӣ хома ба даст мегирад.

Дар шеъри «Суфраи сагканда» шоир Ватанро ба суфра ташбеҳ дода мегӯяд, ки аз беаҳаммиятии кадбону суфра ба дасти саг афтодааст:

Ватан гуфтам,
Фиғоне аз дилам хест,

Кучо буд,

Чашми кадбону кучо буд?

Ки ин суфра ба дасти саг фитодаст? [19, с. 80].

Дар шеъри «Даъвати иттиҳод» бошад, адиб ба Худо муроҷиат карда, таманнои якҷо шудани шохобҳоро дорад:

Худо,

Шохобҳоро боз дарё кун,

Ки дарё зеби дарёӣ надорад [19, с. 110].

Як қисмати ашъори шоирро тасвири воқеаву ҳодисаҳои охири садаи XX, ки ба сари халқамон омада буданд, ташкил медиҳад. Ба ақидаи Ю. Акбаров, «Шоири рӯзгори мо, шоире, ки худро ҳампояю ҳамсадои рӯзгорон ва ҳамдаму ҳамнафаси халқу Ватани худ медонад, ҳаргиз дар чорсӯи зиндагӣ, дар гардишҳои бузурги таърих, дар ин рӯзгори муташанниҷ ва шӯрангез дақиқае лоқайду бетафовут буда наметавонад. Ҳамовозии гарму ҷӯшон ба рӯйдодҳои зиндагӣ ва файласуфона дарку таъбир кардани сабабу оқибатҳои он аз муҳимтарин хусусиятҳои шоири рӯзгорон аст» [47, с. 7].

Муродӣ, ки ҳамқадаму ҳамзамони ин воқеаю ҳодисаҳои давр буд, албатта, аз тақдири халқу миллат худро канор гирифта наметавонист. Муноқишаҳои байнихудӣ садҳо нафар бегуноҳонро ба кӯҳи ғарибӣ кашид. Садои дили онҳо дар шеъри Муродӣ чунин инъикос ёфтааст:

Худо роҳи ғарибиҳо шавад кӯр,

Намехоҳам,

Кафи хоки Ватанро,

Ғарибикуштае бо худ кунад гӯр [19, с. 93].

Дар шеъри «Ғами миёншикан» ба ақидаи Д. Қулов «Фоҷиаи сангини рӯз, гусели фарзанд ба роҳи охират, ки шоир онро «шаҳтӯй» меномад, тасвир шудааст [82, с. 98]. Таносуби сухан, истифодаи калимаҳои ба ҳам наздик ва образҳои фоҷиавӣ дар ин пораи шеър хеле хуб истифода шудааст:

Хуршед наметофт,

Гӯйӣ, ки ҳаво чеҳраи ғамдарҷигаре буд.

Як дастаи сархам,

Бо дидаи пурнам зи раҳи намзада мерафт ғиревон,

Шаҳтуи писар бар сари китфи падаре буд [19, с.113].

Қисмати дигари ашъори нимоии шоирро мавзуи сиёсӣ-иҷтимоӣ дар бар мегирад. Шоир тавассути кӯтоҳбаёнӣ, ки пешаи асосии эҷодиёти ӯ дар солҳои охир гардидааст, мазмунҳои баланди фалсафиро пешкаши хонанда мегардонад. Дар шеъри «Оташам» шоир муноҷоти бисёр аҷибу дилкашро, ки он дар забони мардум ҳамчун мақол (Парвардигорро, ба номард муҳтоҷам макун) дар истифода қарор дорад, ба қалам додааст. Истифодаи ҳикматнок ҳусну таровати шеърро дучанд гардонидааст:

Оташам,

Оташам,

Хокистари сардам макун,

Эй Худо,

Эй Худо,

Муҳтоҷи номардам макун [19, с. 85].

Дар шеъри «Умеди танҳоӣ» бошад, аз ҳолу аҳволи якдигар огоҳ нагардиданро хеле барҷаста тасвир намудааст:

Куки чашмам канд,

Кас намеояд.

Камбағал бе хеш аст [19, с. 83].

Ё худ агар шеъри «Тоқат»-и шоирро намояндаи кадом синну сол хонад, онро ба худ қабул менамояд:

Зиндагиро ранҷ додам шаст сол,

Офарин бар тоқаташ,

Таркам накард [19, с. 71].

Мавзуи ишқ низ дар шеърҳои нимоии шоир ҷои махсусро касб менамояд. Шеъри «Илтиҷо» пурра фарогири ин матлаб мебошад:

Ҳамин як шаб,

Фақат як шаб

Чароғи рӯшани ман бош.

Ҳамин як шаб,

Фақат як шаб

Баҳори гулшани ман бош.

Ту ҷонӣ

Дар тани ман бош,

Ки метарсам «шаби дигар шаби мо нест» [19, с. 75].

Мисраи «шаби дигар шаби мо нест» аз ғазали Гулрухсор истифода шудааст.

Дар хусуси мавқеи шеъри нимоӣ дар адабиёти навини тоҷик А. Шеърдӯст мегӯяд: «Бо гузашти солҳо аз оғози шеъри нав дар Эрону Тоҷикистон дармеёбем, ки кӯтоҳу баландии мисраъҳо дар шеъри нав фақат ба иқтизои мазмун ва муҳтаво нест, балки авомили дигар чун ҷараёни табиии забон ва ҳаракати тасвирҳо ва… ҳам дар ин масъала дохиланд.

Шеъри нави тоҷик бештар аз зовияи «шикастани вазн» баррасӣ мешавад ва соири вижагиҳои шеъри нави Эрон дар шеъри нави Тоҷикистон чандон махсус нест. Забон, нигоҳ ва фазо дар шеъри нави тоҷик гоҳ аз он чи дар ғазал ва чаҳорпора мебинем, куҳнатар ба назар мерасад» [134, с. 185-186]. Ҳамин гуна ҷӯяндагию озодии назару андеша ба шоири мо имкон фароҳам овардааст, ки дар шеърҳои дар шакли «нимоӣ» ва ё «арузи нав» эҷоднамудаи хеш бо тағйир додани вазн, рукнҳо ва миқдори ҳиҷоҳо дар байту мисраъҳо тозагии диду назари шоирона ва истиқлоли андешаву тахайюли худро собит созад. Дар китоби Алимуҳаммад Муродӣ 159 шеъри дар шакли нимоӣ иншогардида ҷой дода шудаанд. Дар шеъри «Нашӯ, борон», ки бар вазни ҳазаҷи рукнҳои мусамман, мусаддаси ё мураббаъ солим ва ахраб эҷод гардида, афоилаш мафоъйлун мафоъйлун мафоъйлун фаъӯлун ё мафоъил ( v– – – / v – – – / v – – – / v– – ё v – ~) мебошад, танҳо мисраъҳо тақсим шуда, теъдоди рукнҳояш бо вазни куллии шеър ягона ва мувофиқ мебошад:

Нашӯ, борон,

Нашӯ аз роҳу рӯ хуни шаҳидонро.

Бимон, к-аз донаҳои хуни ин мардони армонӣ,

Баҳоре, ки биёрад номаву пайғоми озодӣ,
Гули умедҳои нодамида сар кашд бо синаи пурдоғ [19, с. 75].

Дар хусуси мавқеи арузи нав дар адабиёти навини тоҷик адабиётшиносон нуқтаи назари ҷолиб дошта, оид ба ин мавзуъ бо таҳқиқи дақиқ собит намудаанд, ки хусусиятҳои арузи навро низ танҳо бо таъбирҳои бисёр умумӣ муайян кардан мумкин аст. Аз ҷумла, метавон гуфт, ки арузи нав барои баёни ҳар чи табиитари эҳсосу андеша имкон медиҳад ва аз ин назар ба фазилатҳое, ки қабл аз ин хосси наср дониста мешуд, шарик мегардад. Аломати аслии он гуногунии шумораи рукнҳои аруз дар мисраъҳои як шеър ва ҳамчунин, озодии шумораи мисраъҳо дар таркиби як шеър ва як банд ва ё пораи шеърист. Ҳамин гуна мутаносибан бо имконоти густурдаи арузи нав Алимуҳаммад Муродӣ низ дар доираи фарохи фарогири меъёрҳои ин навъи эҷод дар шеъри «Танҳо шабу борон» вазни арузро риоя намудааст, аммо мавҷудияту риояи рукнҳо дар он сурате эҳсос мегардад, ки агар як қисми ҳиҷоҳои мисраи боло ба қисмате аз ҳиҷоҳои мисраи поён якҷо қироат ва талаффуз шавад:

мафъӯлу мафоъӣл,
мафъӯлу фаъӯлун мафъӯлу,
мафоъӣлу мафоъӣл фаъӯлун
Як равзана во нест,
Як кӯча чароғон,
Не шабрави масте, ки зи ғавғош бидонӣ,
Як зинда ҳанӯз аст дар ин шаҳри хамӯшон [19, с. 158].

Шеъри «Бемордорӣ» низ, ки дар баҳри рамал суруда шудааст, дар шакли арузи нав эҷод гардида, мисраи аввал аз як рукн, мисраъҳои дуюму сеюм аз ду рукн, сеюм аз чор рукн ва панҷум аз ду рукн иборат мебошанд:

Меҳанам,
Эй модари пирам,

Пири ранҷурам,

Дар сари болини ту то рӯз бедорам,

Ман каси бемордорам [19, с. 159].

Фоъилотун, фоъилотун, фаъ

Фоъилотун, фаъ

Фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фаъ

Фоъилотун, фоъилотун

Дар арузи нав барои қофия низ мавқеъ ва ҳудуди муайян муқаррар нашудааст. Дар чунин шеърҳо меъёри корбурди қофия дар мавридҳои зарурӣ сурат гирифта, ба ҳунар ва маҳорати нигоранда вобаста мебошад. Дар шеъри «Бисӯзонам»-и шоир, ки дар баҳри ҳазаҷ эҷод шудааст, мисраъҳои дуюму сеюми ҳар банд ба пораҳо тақсим шуда, вазну оҳанги шеър ба тору пуди мазмуни он ба таври мутаносиб ва мувозӣ таъсир бахшида, мақому мақсади ғоявии шоирро дар ин шеър басо равшану возеҳ таъин месозад:

Бисӯзонам,

Бисӯзонам,

Ки майли сӯхтан дорам.

Фурӯзонам,

Фурӯзонам,

Чароғи мурдаи дилро

Ҳанӯзам қудрати афрӯхтан дорам [19, с. 161].

Муҳаммадҷон Шакурии Бухорӣ солҳои шастуми қарни бистро давраи сеюми рушди «шеъри нав» номида, иброз намудааст: «Нуфузи тарзи Нимо Юшич дар шеъри тоҷикӣ аз солҳои шасти қарни бист қувват ёфт. Ба ақидаи мо, аз даҳаи шаст давраи сеюми рушди шеъри нави тоҷикӣ оғоз ёфт. Дар ин давра робитаҳои адабии байналмилалӣ андак густариш ёфт, бо Эрону Афғонистон як каме рафтуомад пайдо шуд ва баъзе вижагиҳои шеъри нави Эрону Афғонистон ба Тоҷикистон омад, истилоҳи «шеъри нав» низ аз Эрону Афғонистон бо шеъри нимоӣ ба Тоҷикистон омад ва вирди забонҳо шуд» [125, с. 129].

Алимуҳаммад Муродӣ низ намояндаи адабиёти солҳои 80-уми асри бист буда, аз таъсири мусбати ҳамин тамоюл ва ҷараёни адабӣ баҳравар шудааст ва аз ин таҷдиду навсозиҳои эҷодӣ басо моҳирона дар ашъори хеш корбурд намудааст. Яъне, дар чунин шеърҳо тақтеи суннатӣ ба як амали шартӣ мубаддал гардида, он ҳамчун кӯшише барои ба қолабҳои классикӣ мутобиқ нишон додани вазни шеър роҳандозӣ мешавад. Шеъри «Як ситора» низ дар баҳри рамал таълиф гардида, афоилаш дар мисраъҳои дарозу кӯтоҳи шеър чунин аст:

Як ситора,
Як ишора,
Як нигоҳи хираи нуре,
Сард ҳам бошад,
Фанд ҳам бошад,
Кош, ки дар осмони умр метобид...[19, с. 159].
–v– –
–v– –
–v– – /–v – – /–
–v– – /–
–v– – /–
–v– – /–v– – /–v– – /~

Бояд таъкид сохт, ки дар мавриди тозакориҳои адабӣ дар шеъри нимоӣ шоирон дар баробари вазну қофия ва аркони арузӣ мавзуи шеър ва руҳияи талаботи табиии шеърро муқаддамтар дониста, дар корбурди вожаҳои тоза ва покизагии забони эҷод низ навовариро дар мадди аввал гузоштаанд. Чуноне ки дар мавриди корбурди авзону қофия ва каломи салис дар шеъри нимоӣ адабиётшинос У. Сафаров таъкид месозад, «Бузургтарин хидмати Нимо таҳаввулест, ки шоир дар мусиқии шеър, арзу тӯли мисраъҳо, ҷои қофияҳо ба вуҷуд овардааст. Ва дар ниҳояти кор бидъати Нимо дар бахши вазни шеър аст. Ӯ дар шеър ҷонибдори вазн аст, аммо дар шеъри вай меъёри асосӣ на байт,

балки тамоми шеър аст. Ҷараёну оҳанги табиии калом дар шеъри Нимо ҳифз мешавад ва иллати дарозу кӯтоҳ будани мисраъҳо низ ҳамин аст» [106, с. 27].

Дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ корбурди авзон, тозагии маънӣ, фарохии мавзуъ ва мусиқии шеър дар ашъори нимоӣ дар қолибҳои мухталифу рангин мавриди истифода қарор гирифта, тарзи эҷоду шеваи баёнаш басо муҷаз мебошад.

Ҳамин тариқ, чунин падидаи ҷолиб ва навгонию навсозиҳо дар аруз бо эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ басо пайванд ва тавъам буда, собитгари маҳорати волои як шоири навҷӯю навпардоз гардидааст, ки дар қолиби арузи нав беҳтарин унсурҳои имконоти эҷодии хешро нишон додаст. Суханвар бо истифода аз қолибҳои гуногуни шеърӣ дар муҳтавою таносуби маъноии сухан бо бардошти эҷодкорона, тариқи ибрози мушаххас аз анвои тозаи аруз тасаввури шоиронаро дар ашъораш хеле борикбинона рӯйи саҳфа овардааст. Тавассути арузи нав шоир тавонистааст, ки афзалиятҳои бештари назми суннатиро ба кор бурда, барои баёни ҳарчи бештари табииёти эҳсосу андешаҳои хеш имкони зиёдатаре фароҳам оварад.

### 3.2.3. Шеърҳои хурди тасвирӣ

Назари адабиётшиносон оид ба ин шакли шеърӣ гуногун аст. Аз ҷумла, дар китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои хонандагони синфи 11, ки муаллифонашон Х. Асозода ва А. Кӯчаров мебошанд, онро шеъри тасвирӣ, минётураҳои манзум номидаанд [53, с. 301]. Ин андеша дар асари Қосимов Солеҳ «Рӯзгор ва осори Салими Хатлонӣ» низ дар чунин шакл ифода ёфтааст. Дар асари адабиётшинос Д. Қулов «Инъикоси воқеаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Тоҷикистон дар назми солҳои 90-уми садаи XX» чунин оварда шудааст: «Шеъри озод, ки онро ба гунаҳои ҳисомезӣ, хусравонӣ ва тасвирӣ ҷудо менамоянд, дар шеъри ин давраинаи тоҷик бештар дар эҷодиёти Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Алимуҳаммад Муродӣ, Низом Қосим, Фарзона, Сиёвуш дида мешавад...» [82, с. 97].

Дар асари тозанашри «Адабиёти тоҷик дар замони Истиқлол» перомуни шеъри мазкур чунин омадааст: «Хусравонӣ ё навхусравонӣ ном додани чунин шеърҳои хурд ба асоси миллӣ доштани онҳо ишорат мекунад» [70, с.90]. Ба андешаи мо, он шеърҳои кӯтоҳеро, ки ба қоидаҳои арузи суннатӣ ҷавобгӯянд, хусравонӣ номем, дуруст мебуд ва шеърҳое, ки дар шакли шеъри нав гуфта шудаанд, навхусравонӣ гӯем, беҳтар аст.

Ин шаклҳои шеърӣ дар адабиёти имрӯзаамон хеле ривоҷ ёфта истодааст. Ба қавли адабиётшинос Қосимов Солеҳ «Дар солҳои истиқлол дар назми тоҷик шеърҳои тасвирӣ ё миниётураҳои манзум (хусравонӣ ва навхусравонӣ) низ мавқеъ пайдо кардаанд. Ин шеърҳо басо кӯтоҳ буда, дар онҳо тасвири макone, фазое, замоне, ҳолате ё манзарае мавқеъ дорад ва мисраи ҷамъбастӣ муҳтавои шеърро басо муъҷазу марғуб хулоса мекунад. Дар ин навъи шеърӣ яке аз шоирони муваффақ Алимуҳаммад Муродӣ мебошад» [81, с. 40].

Дар ашъори шоир ин навъи шеърӣ 702 адад буда, ки мувофиқи таснифоти мо 209 ададашро шеъри хусравонӣ ва 491 ададашро шеъри навхусравонӣ ташкил медиҳад.

Боис ба қайд аст, ки шеърҳои хусравонии шоир ҳамон байтҳои гузаштаю имрӯзаи адабиётамонро ба хотир меоранд. Баъзеашон бо ҳам қофияанду базеашон не, базеашон номгузорӣ шудаанду баъзеи дигарашон не.

Байт ё фард дар китоби «Назарияи адабиёт»-и Ҷумъа Ҳамроҳ ва Сироҷидддини Эмомалӣ чунин таъриф дода шудааст: «Фард аз анвои шеъри лирикӣ буда, маънои луғавияш воҳид, ҷудо, танҳо, ягона аст. Фард жанри шеъри лирикист, ки ҳамагӣ аз як байт иборат буда, мисраъҳояш гоҳе ҳамқофияанд ва гоҳе якдармиён, яъне аз қофия озоданд» [122, с. 115].

Мавзуи ин гуна шеърҳо дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ гуногун ва иборатанд аз мавзуъҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ватану ватандорӣ ва тавсифи манзараҳои табиат ва баҳор. Чунончи: дар шеъри «Пайгаҳ», «Хавотир», «Қаноат», «Ҳикмати зиндагӣ», «Ҳарфи ҳақ», «Эй инсон», «Зиндагӣ» мо ин мавзуъро хуб мушоҳида метавонем:

Дар пайгаҳи зиндагӣ давидан дорем,

Мо аз паси зиндагиву марг аз паси мо [19, с. 332].

Яъне, инсон дар ҳаёт аз паси беҳбуди рузгор доимо дар такопӯ аст. Марг бошад, аз паси инсон.

Дар шеъри «Хавотир» низ ин мавзуъ хеле бадеӣ таҷассум ёфтааст:

Чи ҷои хобу оромист, тифли хотири моро,

Замин гаҳвораву дарду бало гаҳвораҷунбон аст [19, с. 333].

Дар шеъри «Қасд» бошад, ин мавзуъ хеле ҷолиб таҷассум гардидааст:

Он ёр ба қасди гул ба боғ омадааст,

Хуршед, ба куштани чароғ омадааст [19, с.334].

Ба қасди гул ба боғ омадани ёр, ба баромадани хуршед монанд карда шудааст. Яъне, хуршед, ки баромад, ҳоҷат ба истифода бурдани чароғ нест.

Ба ҳамагон маълум аст, ки файзи баҳор ин борон аст. Шоири хушназар боридани боронро сабаби марги зимистон дониста, одамиро ба он талқин мекунад, ки шахси оқил дар марги душманаш низ шодӣ накунад, чунки он рӯз низ насибаи ҳама махлуқот аст. Чунончи, дар шеъри «Ибрати баҳор» мо ин нуктаро ба хубӣ дида метавонем:

Чашми баҳор гирён дар мурдаи зимистон,

Оқил намешавад шод аз марги душмани ҷон [19, с. 372].

Дар шеъри «Нуқтаи охир» шоир рӯзҳои умрро ба сатри девони умр шабеҳ дониста, реҳлатро нуқтаи охирини ин девон мешуморад.

Рӯзҳо сатри равонанд ба девони ҳаёт,

Чашм пӯшидани мо нуқтаи ин девон аст [19, с. 329].

Шоир касби маърифат, илм ва донишро барои одамӣ шарти асосӣ медонад. Ба андешаи шоир, мева, ки пухт, нарму мулоим мегардад. Ин нуқта дар шеъри «Маърифат» хеле ҷолиб ба риштаи назм кашида шудааст:

Маърифат моро мулоим кардааст,

Мешавад аз пухтагӣ ҳар мева нарм [19, с. 330].

Дар байти «Баҳори мардумхӯрон» бошад, шоир тавассути санъати бадеии ташбеҳ мазмуни баланди фалсафиро кашф карда:

Арақ мерезад аз рӯйи баҳору дона мекорад,

Чу деҳқон худнахӯр, мардумхӯрон аст [19, с. 80].

Дар байти «Ҳиҷоби зоҳиру ботин» шоир ба онҳое, ки имрӯз сатрпӯширо пеша кардаанд, гуфтанист:

Нагирад сатри аврат пеши бесатр,

Ҳиҷобу сатр агар дар дил набошад [19, с. 70].

Ба андешаи адабиётшинос Ҳафиз Раҳмон, «Шоирони пандҷӯ зиёданд, аммо панде, ки муҳтавои он ҳамоҳангӣ ба табиат дорад, хеле ҳадафрас ба қалбу хотираҳост» [122, с. 8-9]:

Инсоф бубояд аз замин омӯхтан,

Як дона бигираду ҳазорат бидиҳад [19, с. 336]

Ҳамон тавре ки мебинем, шеърҳои хусравонии шоир сар то по ҳаёти мардумамонро дар худ таҷассум намудаанд. Қисмати зиёди ин шеърҳо мавзуи панду ахлоқиро дар бар мегиранд.

**Шеърҳои навхусравонӣ.** Ба шакли кӯтоҳу муъҷаз баён кардани фикру андеша, ба назари мо, дар адабиёти зиёда аз ҳазорсолаамон чизи нав нест. Мо инро дар мисоли жанрҳои хурди лирикӣ чун байт, рубоӣ ва дубайтӣ дида баромадем. Дар насри бадеӣ низ мисолҳои фаровон дар шакли латифа ҷой дорад. Чунин мисолҳо дар «Гулистон»-и Саъдӣ ва «Баҳористон»-и Ҷомӣ зиёд ба чашм мерасад.

Дар назми имрӯзаи точик як навъи шеъри озод, ки онро алҳол мутахассисон бо истилоҳои гуногун чун шеъри модерн, шеъри мансур, шеъри тасвирӣ, миниатюраҳои манзум ифода мекунанд, дар эҷодиёти Гулназар, Ворис, Фарзона, А.Муродӣ, Зиё Абдулло, Озарахш, Абдулқодири Раҳим ва чанд тани дигар мавқеи назаррас дорад. Мутахассисони эронӣ дар заминаи анъанаҳои миллӣ (дар Авасто ва сурудҳое, ки аз тарафи Борбад ва Накисо дар ҳузури шоҳ Хусрави Парвиз суруда мешуданд), ин навъи шеърро хусравонӣ ва навхусравонӣ гуфтаанд [87]. Дар ин гуна шеърҳо тасвир мавқеи марказӣ дорад. Боиси қайд аст, ки Алимуҳаммад Муродӣ дар эҷоди ин гуна шеърҳо пешгом мебошад. Дар ашъори А.Муродӣ ин навъи шеърӣ 702 адад аст ва аз

онҳо 209 ададашро шеъри ба истилоҳ хусравонӣ ва 498 ададашро навхусравонӣ ташкил медиҳад.

Дар маҷмуаи «Сумбулкон» 22 шеър ба чашм расид, ки ҳамагӣ аз як мисраъ иборатанд:

Ғам

Пешдаргирони алангаи оташ аст [19, с. 331].

Соф аст оби ҳавз, вале бадбӯст [19, с. 333].

Дилам дунёст, оромӣ надорад [19, с. 333].

Аз оташи хори хушк гул месӯзад [19, с. 414].

Гург бисёр шавад, қиммати саг афзояд [19, с. 414].

Ҳамон тавре ки А. Кучарзода қайд менамояд, «Дар ҳақиқат шоир тавонистааст, ки дар як мисраъ – «Захми реша марги сарнавда аст» маънии матлубро ҷо намояд, ба дараҷае ки ҳоҷат ба давом додани матн намондааст ва дар асоси мушоҳида аз воқеияти зиндагӣ басо содаву табиӣ корбаст шудани мисраъ онро ба ҳикматҳои адабиёти шифоҳию хаттӣ наздик кардааст» [70, с. 90]. Дар ҳақиқат, ин гуна шеърҳо ба ҳукми андарзҳои манзум даромадаанд.

Ашъори А. Муродӣ ва шоироне, ки шеърашонро дар камтарин алфоз хулоса мекунанд, ба шеърҳои шоирони навпардози Эрон, махсусан Сиёвуши Касроӣ, ҳамоҳангӣ пайдо мекунад. Ба андешаи адабиётшинос Умар Сафаров: «Бисёре аз шоирони навпардоз чунин шеърҳои кӯтоҳ гуфтаанд, вале Сиёвуши Касроӣ, ба андешаи мо, бештар дар ин роҳ қалам фарсудааст ва ашъори ӯ намунаҳои дилангезу хондание дорад» [106, с. 82].

Дар шеърҳои навхусравониҳое, ки аз ду ва зиёда мисраъҳо иборатанд, маъно васеътар ифода меёбад. Онҳо низ мавзуъҳои гуногуни ҳаётамонро фарогиранд. Дар шеъри «Марзбон» мавзуи Ватану ватандорӣ инъикос ёфтааст:

Осмон бар сари кӯҳи ту кулоҳи сабз аст,

Кӯҳи ту сарҳадбон,

Эй ватан,

Эй ҳама чиз,

Эй тану ҷон. [19, с. 344],

Аксари шеърҳое, ки ба навъи навхусравонӣ мансубанд, хусусияти иҷтимоӣ доранд, ба қавли адабиётшинос Ҳафиз Раҳмон, «Розу ниёзҳои инсонӣ, ҷунбишҳои руҳӣ ва тағйироти олами ботинии одам дар шеъри Муродӣ дар ҳамоҳангӣ бо ҳама аносири табиат гулу дарахту боду офтобу шабнаму моҳ ва ғайра гӯё қулфи дари ҳикматҳои зиндагиро боз мекунад, миёни ҳолату авзои табиат ва рӯзгори одамӣ тафовут аз миён бардошта мешавад:

Чашмам, ки об бар рухи пажмурда мезанад,
Абрест дар ҷанозаи гул гиря мекунад.

Ё:

Шасти дил кундӣ кард,
Моҳии васли ту дар дарё рафт,
Ошиқӣ хотира шуд [123, с.8].

Ҳамин тариқ, шеърҳои навхусравонии шоир мавзуъҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро дар бар гирифта, хонандаро ба паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ ба андеша водор мекунанд ва ба ин минвол дар таълиму тарбияи насли наврас ҳиссаи муносиб ҳамроҳ менамоянд.

### 3.3. Вазни ашъори Алимуҳаммад Муродӣ

Таносубу назм дар овозҳои гуфтор ё ҳиҷоҳои ҳар мисраъро вазн гӯянд. Ағлаби ҳукамо ва удабо вазнро аз лавозими шеър дониста ва шеърро сухани мухайялу мавзун медонанд. Аруз бо мурури замонҳои дуру дароз кор хӯрда, мувофиқи сохти забон ва завқи халқи форсу тоҷик номи мустақили арузи форсию тоҷикӣ, яъне арузи аҷамро соҳиб гаштааст: «Агар мо таърихи ашъори дар вазни аруз навишташудаи форсу тоҷикро шартан аз замони Сомониён ҳисоб мекарда бошем ҳам, вай ҳоло як давраи зиёдатар аз як ҳазору садсоларо дар бар мегирад, ки дар ин муддат як хазинаи бисёр бойи назми халқи форсу тоҷик ба вуҷуд омадааст ва чунин ҳодиса дар ҳаёти адабии дигар халқҳо бисёр кам дида мешавад» [105, с. 16].

Дуруст аст, ки дар замони Шуравӣ шоироне буданд, ки аз хатти арабиасос ва қонуну қоидаҳои аруз кам хабардор буданд ва бо тақозои давру замон омӯзиши ҷиддии қофияву арузи классикиро зарур ҳам намешумориданд, ки ин вазъи номатлуб боиси хароб шудани бунёди шеър мегардид. Ба гуфти профессор А. Абдусаттор, «Ба сабаби ноогоҳии теъдоди зиёди шоирони давраи муттаохири аҳди Шуравӣ аз хатти арабиасос ва қавонини арузу қофияи классикӣ нуқсонҳо дар вазну қофияи шеъри классикӣ ба ҳукми анъана даромада, дар марҳалаҳои охир ин ҳирофот ва иштибоҳот дар вазну қофия аз шеъри навқаламон сар карда, то шоирони шарқӣ роиҷ гардидааст» [42, с. 152].

Хушбахтона, дар ашъори суннатии Алимуҳаммад Муродӣ чунин беэътиноӣ нисбат ба арузи классикӣ ба мушоҳида нарасид. Хусусиятҳои хоси арузи форсию тоҷикӣ дар ашъори Алимуҳаммад Муродӣ басо возеҳу дилнишин ва равшан зоҳир гардида, бо оҳангнокию ғалаён ва хотирмон будан дар хонандагон ҳиссиёти марғубу дилкаш ва пурэҳсосро бедор месозанд.

Аз таҳқиқи вазнҳои ашъори Алимуҳаммад Муродӣ маълум гардид, ки шоир дар баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, раҷаз, хафиф, музореъ, мутадорик, шеърҳо эҷод намудааст.

а) Баҳри ҳазаҷ. Ҳазаҷ баҳри аввалини доираи якуми арузи форсу тоҷик буда, дар луғат ба маънии суруд, тарона, овоз ва тараннуми хушоянд аст [108, с. 36]. Ин баҳр аз серистеъмолтарин баҳрҳои арузӣ буда, навъҳои гуногуни авзони ин баҳр бо таъсири мусиқавии баланд ва гӯшнавози худ имтиёзи бештареро доро мебошанд.

Дар «Сумбулкон»-и Алимуҳаммад Муродӣ 47 ғазал бо ин баҳр эҷод шудааст, се мусаммат, 27 чаҳорпора, 400 рубоӣ ва 82 дубайтиро ташкил медиҳад. Ғазали аввалини маҷмуа «Нигаронам» ном дошта, дар баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур: мафъӯлу мафоъӣлу мафоъӣлу мафоъӣл (– – v/v – – v/ v – – v/ v – –) навишата шудааст:

Бар зарвараќи зарди хазон чашм давонам,

Бисёр қадимист хаташ хонда натонам.

Фарсуда ҳама сафҳаву авроқу хаташ кӯр,

Таърихи баҳор аст, натонам, ки бихонам [19, с. 164].

Ғазали дуюми маҷмуа «Эй субҳ» ном дошта дар баҳри ҳаҷази мусаммани солим суруда шудааст.

Бидам, эй субҳу ғарқам кун дар он дарёи нуронӣ,

Ки дудолудаам кардаст дуди оҳи инсонӣ.

Дар ин дунёи ларзишҳову афтишҳову хезишҳо,

Хато кардам, гунаҳ кардам бикардам сад пушаймонӣ [19, с.165].

«Пайки наврӯз» ном ғазали шоир дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф: V– – – / V – – – / V– –) эҷод шудааст:

Насими субҳ мегардад чаманро,

Ғарибе дам кашад, бӯйи ватанро.

Шавад бедор шавқи ишқбозӣ,

Диҳад афтоб чун гулзор танро [19, с. 172].

Ғазали «Аз дида занам об» дар баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф: мафъӯлу мафоъӣлу мафоъӣлу фаъӯлун навишта шудааст:

(– –V/ V–V/ V–V/ V–)

Як рӯз набошад, ки наҷӯям асаратро,

Як бод намондаст, напурсам хабаратро.

Аз ҳасрати бе ту буданам қисса кӣ гӯяд,

Кутоҳ кунад то раҳи дури сафаратро [19, с. 174].

Рубоиёти шоир ҳамагӣ дар баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб эҷод шудаанд:

Имшаб, ки ҳаво рӯйи дарам гирён аст,

Барги лаби ман барги лаби борон аст

Дар кулмаки кӯчаҳои сарбастаи шаб,

Чашми ба раҳам ҳубоби саргардон аст [19, с. 265]

Тақтеи рубоӣ ба ин шакл аст:

Мафъулу мафоъӣлу мафоъӣлу фаъул

– –V / V– –V / V – –V / V –

Ҳамаи дубайтиҳои шоир (82 адад) дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси мақсур ё маҳзуф мафоъӣлун мафоъӣлун мафоил ( V– – – / V– – – / V– – ё V- ~) навишта шудаанд:

Ҳаво сарду ҳаво сарду ҳаво сард,

Ҳама зарду ҳама зарду ҳама зард.

Ба ҳар кас ру ба ру оям, бинолад,

Фақат дарду фақат дарду фақат дард [19, с. 291]

Ҳамон тавре ки мушоҳида кардем, Алимуҳаммад Муродӣ дар вазнҳои аслӣ ва фаръии баҳри ҳазаҷ шеърҳои зиёде офарида, маҳорати баланди эҷодии худро нишон додааст.

б) Баҳри рамал. Рамал низ аз серистеъмолтарин баҳрҳои муштараки арузи арабу аҷам буда, «аз калимаи «рамалон»-и арабӣ гирифта шудааст, ки дорои чандин маънои луғавӣ мебошад. Яке аз маъноҳои калимаи рамал навъе аз давидани уштур аст» [93, с. 190].

Тавре ки Муҳаммади Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» шарҳ додааст, «рамал дар луғат ҳасир (бурё) бофтан аст. Чун аркони ин баҳрро ватаде миёни ду сабаб аст ва ду сабаб дар миёни ватад, гӯё ки автоди ӯро ба асбоб бофтаанд, чунон ки ҳасирро бо ресмон мебофанд. Ё ин ки рамал навъе аз суруд аст ва бар ин вазн бошад. Ё ин ки аз рамалон маъхуз кардаанд, навъе аз давидани шутур аст. Чун ин баҳр бо суръат ва шитоб хонда мешавад, лиҳозо рамал номидаанд» [91, с. 57].

Аз таҳқиқи ашъори А. Муродӣ аён гардид, ки шоир дар ин баҳр 46 адад ғазал, 3 мусаммат, 18 адад чаҳорпора эҷод намудааст.

Ғазали аввалини ин бахр «Чиву чанди дунё» ном дошта, бо баҳри рамали мусаммани махбуни аслам: фоъилотун/ фаъилотун/ фаъӣлотун/ фаълун (– V– – / VV– – / V – – /– – ) суруда шудааст:

Дарси шогирдии мо чуну чаро хоҳад буд,

Ки ҷавобаш ҳама дар дасти Худо хоҳад буд.

Набарад ҳеҷ касе сарвати дунё бо худ,

Одамӣ баъди сараш зори дуо хоҳад буд [19, с. 165].

Дар ғазал таркиби «хоҳад буд» радиф буда, калимаҳои чаро, Худо, кучо, раво ва дуо қофияанд.

Ғазали «Деҳқон», дар баҳри рамали мусаммани маҳзуф эҷод шудааст. Рукнҳояш чунинанд: фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/фоъилун

(–V– – / – V– – / –V – – / – V–)

Эй, ки пошад донаи рӯзии мардум мушти ту,

Эй, ки бошад шохаи пурбор даҳ ангушти ту.

Дискатики айшу ишратҳост аз ранҷат ба дӯш,

Равғанин нони касу нокас шуд, аз чархушти ту [19, с.166].

Дар ғазал калимаи «ту» радиф буда, калимаҳои «мушт», «ангушт», «пушт», «арғушт», «чархушт» қофия мебошанд.

Ғазали «Бори гуноҳ» дар баҳри рамали мусамани махбуни аслам: фоъилотун/фаъилотун/фаъилотун/фаълун (–V– – / – V– – / –V – – / – V–) навишта шудааст:

Одамӣ аз назари лутфи Худо афтодаст,

Ки чунин зор ба чанголи бало афтодаст.

Алами ҷаҳл барафрошта дар ходаи макр,

Парчами ақлу хирад дар таги по афтодаст.

Бар сари кӯҳ ниҳӣ, кӯҳ шавад хурд чу гард,

Бори андуҳ, ки бар шонаи мо афтодаст [19, с. 169].

Дар ғазали болозикр калимаи «афтодаст» радиф буда, калимаҳои «Худо», «бало», «наво», «Ҳаво», «низо», «по» ва мо қофия мебошанд.

Ғазали «Субҳ» дар баҳри рамали мусаммани маҳзуф суруда шудааст: фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/фоъилон (– V– – / – V– – / –V– –/–V– ~)

Буд чодарпӯш чодар дар алов андохт субҳ,

Дар ҷаҳони мурдахобон инқилоб андохт субҳ.

Пок кард оинаи хотир зи гарди дуди шаб,

Носавобандешагонро дар савоб андохт субҳ [19, с. 171].

Дар ғазал таркиби андохт субҳ радиф буда, калимаҳои алов, инқилоб, офтоб ва савоб ҳамқофияанд.

Ғазали «Вараќи пораи гул дар кафи бод» дар баҳри рамали мусаммани мақсур суруда шуда, арконаш чунин аст: фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилон (–V– –/–V– – /–V– –/ –V– ~)

Бод барги гул ба чангу беқарор афтодааст,

К-ин варақ аз дафтари сабзи баҳор афтодааст.

Мисраи шеъри равон буд ҷӯй дар девони боғ,

Норавон монанди сатри сактадор афтодааст [19, с. 175].

Дар ғазали боло калимаи афтодааст радиф буда, калимаҳои қарор, баҳор, сактадор, гирудор, эътибор, тори дор ва рӯзгор ҳамрадифанд.

Ғазали «Бонги хатар» дар баҳри рамали мусаддаси маҳзуф эҷод шуда, арконаш фоъилотун фоъилотун фоъилун (–V– – /– V– –/ –V–)
мебошад.

Боз баҳри фитна тӯфон мекунад,

Офиятро хонавайрон мекунад.

Медамад тафбоди офатбори ҷаҳл,

Бӯстонҳоро биёбон мекунад.

Зиндагиро медиҳад он фанди хоб,

Маргро гавҳораҷунбон мекунад (19, с. 179)

Дар ғазали фавқулзикр калимаи «мекунад» радиф буда, калимаҳои «туфон», «вайрон», «морон», «парешон», «биёбон» ва «ҷунбон» ҳамқофияанд.

Ғазали «Муждаи қадам» дар баҳри мусаммани махбуни аслам эҷод шуда, арконаш фоъилотун фаъилотун фаъилотун фаълун:

( –V – – / V V – –/ V V – – /– –)

Хабари омаданат муждаи борон бошад,

Ба гули ташна, ки маҳкуми биёбон бошад

Ба тулуи ту ғаму ғусса гурезад аз дил,

Ки чу хуршед расад, соя гурезон бошад.

Ҳама ҷо мешунавӣ ин, фалон буду намонд,

Ту биё, дӯст, биё, умр чун меҳмон бошад [19, с. 183]

Дар ғазали боло калимаи бошад радиф буда, калимаҳои борон, биёбон, гурезон, зиндон, осон, меҳмон ҳамқофияанд.

Ҳамин тариқ, дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ баҳри рамал низ чун яке аз баҳрҳои серистеъмол фаровон истифода гардида, шеърҳои дар ин вазн сурудаи шоир мақбулу дилнишин ва сабуку ба дил хушоянд мебошанд.

в) Баҳри раҷаз. Раҷаз номи баҳре аз нуздаҳ баҳрҳои шеърист, ки вазнаш бар рукни асосии мустафъилун (– –V–) бунёд ёфтааст ва маънои луғавии раҷаз суръат, изтироб буда, ҳангоми сурудан овоз ларзишдор ва музтариб мебошад [109, с. 218].

Дар ҳар байти ашъоре, ки арабҳо дар маъракаҳо ва ҷангҳо дар мақоми муфохарат аз мардонагӣ ва шарофати қавми худ мехонанд, дар як байт то ҳашт бор мустафъилунро истифода мебурданд. Олимон навиштаанд, ки раҷаз ба ҷуз аз маънии изтиробу суръат номи бемории шутур низ аст, ки шутур дар рафтан меларзад ва чун ҳаракат кунад, боз сокин шавад [109, с. 366].

Аз таҳқиқи ашъори Алимуҳаммад Муродӣ маълум гардид, ки дар маҷмуаи «Сумбулкон» 5 ғазал, 8 мусаммат, 4 чаҳорпора, 11 хусравонӣ дар ин вазн навишта шудаанд.

Ғазали нахустини дар ин баҳр эҷодшуда «Намешавад» ном дорад. Он дар баҳри раҷази мусаммани матвии махбун: (муфтаъилун/мафоъилун муфтаъилун/мафоъилун –V V– / V – V – / – V V– / V– V–) суруда шудааст:

Ҷон, ки ба ту бубахшамаш шармшикан намешавад,
Нусхаи қоғазии гул зеби чаман намешавад.
Аз кафани ватангадо бӯи Ватан намерасад,
Оҳи ғариб мурдаро хок кафан намешавад.
Ин ватани маризро монда куҷо гурезаӣ,
Захми тани Ватан даво бе туву ман намешавад [19, с. 196]

Дар ғазали боло калимаи «намешавад» радиф буда, калимаҳои «шикан», «чаман», «тан», «кафан», ман қофияанд.

Ғазали дуюми дар ин вазн сурудашуда «Эй ҳамватан» ном дошта, дар баҳри раҷази мусаммани солим навишта шудааст. Арконаш мустафъилун/ мустафъилун/мустафъилун/мустафъилун: (– – V– / – – V – / – – V– /– –V–)

Эй ҳамватан, бо ҳамватан ноошно будан бас аст,
Шохоби як дарёстем, аз ҳам ҷудо будан бас аст.
Душман рабурда нони мо, душман рабурда хони мо,
Душман ба қасди ҷони мо, ғофил чу мо будан бас аст.
Бо ҳамдигар овехтан, хуни бародар рехтан,
Хоки ватанро бехтан, дар моҷаро будан бас аст.
Гардад ҷудо ҷон аз бадан, не ҷо ба ҷон монад натан,
Қасди хиёнат бо худӣ, душманвафо будан бас аст [19, с. 213].

Дар ғазали зикршуда таркиби «будан бас аст» радиф буда, калимаҳои «ошно», «ҷудо», «чумо», «моҷаро», «вафо» ва «гадо» калимаҳои қофияанд.

Ғазали сеюми ин вазн «Шаббодаи ҳузн» ном дошта, дар баҳри раҷази мусаммани солим: (мустафълун/ мустафъълун/ мустафъилун/ мустафъилун – – V– / – –V– / – –V– / – –V–) эҷод гардидааст:

Шаббодаи шӯх ин саҳар маҳзуни маҳзун меравад,
Нокарда гулҳоро назар аз боғ берун меравад.
Дунё бубинам рӯву таг, одам ба одам гургу саг,
Ё Раб, ҷафои бандае бар бандае чун меравад [19, с. 216]

Дар байти зикргардида калимаи меравад қофия буда, калимаҳои «маҳзун», «берун», «гулгун», «ҳомун», «гардун» ва «чун» қофияанд.

г) Баҳри музореъ. Музореъ дар луғат ба маънои мушобиҳат, яъне монандӣ меояд. Ин баҳрро аз он сабаб музореъ номидаанд, ки вай бо баҳри мунсареҳ монандие доштааст. Баҳри музореъ аз баҳрҳои муштарак ва нисбатан маъмули назми халқҳои форсу тоҷик ва мардуми араб аст. Музореъ рукни махсус надорад [108, с. 76].

Ба ақидаи Халил ибни Аҳмад, ин баҳрро барои он музореъ меноманд, ки ба баҳри ҳазаҷ монанд аст. Сабаби ин монандӣ дар он аст, ки дар рукнҳои ҳарду баҳр ватад нисбат ба сабаб муқаддамтар мебошад. Шаклҳои солими музореъ аз ҷумлаи вазнҳои сақили аруз ҳисоб мешавад, зеро дар онҳо ҳиҷоҳои дароз нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳ бештаранд. Музореъ дар арузи арабӣ дар шакли мусаддас, дар арузи тоҷикӣ бошад, дар шаклҳои мусамман ва мураббаъ истифода мешавад [108, с.58].

Дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ бо ин вазн 32 ғазал, 4 мусаммат, 13 чаҳорпора, 15 нимоӣ, 71 хисравонӣ ҷой дорад.

Ғазали аввалини ин вазн «Бояд» ном дошта, дар баҳри музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур, ки арконаш мафъӯлу/ фоъилоту/ мафоъӣлу/ фоъилот (– –V / – V– V/ V– –V– V– ~) мебошад, эҷод шудааст:

Шаб моҳтоб рӯй ниҳон дар саҳоб кард,
Исматзидастдодае макри ҳиҷоб кард.
Бояд нахӯрд пош ба ҳар қатрае чу нур,
Аз зараҳои нур яке офтоб кард [19, с. 164]

Дар ин ғазал калимаи «кард» радиф буда, калимаҳои «саҳоб», «ҳиҷоб», «хароб», «ниқоб» ва «офтоб» қофиянд.

Ғазали дуюми дар ин вазн сурудашуда «Хавотир» ном дошта, дар баҳри музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (мафъӯлу фоъилоту мафоъӣлу фоъилун – – V / – V– V / V– – V / – V –) иншо шудааст:

Рӯзе ба сар чун мардуми овора мебарам,
Чун мардикоре хастаи бечора мебарам.

Чун қатра пош мехӯрам то ҷамъ мешавам,
Чун чашма роҳ аз дили сад хора мебарам.
Қоматхамида меравам, аммо на нотавон,
Бори ғами замонаро пуштора мебарам [19, с. 171].

Дар ғазал калимаи «мебарам» радиф буда, калимаҳои «овора», «бечора», «хора» ва «пуштора» калимаҳои қофияанд.

Ғазали «Нози зиндагист» дар баҳри музореи ахраб, ки арконаш мафъӯлу фоъилотун мафъӯлу фоъилотун (– –V/– V – – / – – V/– V– –) мебошад эҷод шудааст:

Дар хун тапидани дил як ҳолати равонист,
Дорои ишқ будан аз сарвати ҷавонист.
Умеди норасида чун шохи тар бурида,
Ашки чакидаи мо борони ногаҳонист.
Захми тани дили мо, осону мушкили мо,
Дар гиру дори дунё сахтии имтиҳонист.
Ҳар дам ба ҳар баҳона, бо нози дилбарона,
Озор додани мо шӯхии зиндагонист [19, с. 174].

Ғазал радиф надошта, калимаҳои «равонист», «ҷавонист», «ногаҳонист», «имтиҳонист» ва «зиндагонист» қофияи шеърро ташкил медиҳанд.

Ғазали «Барнагаштӣ» дар вазни музореи мусаммани ахраб навишта шуда, рукунҳояш мафъӯлу/фоъилотун/мафъӯлу/фоъилотун (– –V/– V – – / – – V/– V– –) мебошад, эҷод шудааст:

Чашмам чароғи раҳ шуд, рафтиву барнагаштӣ,
Рӯзам шаби сияҳ шуд, рафтиву барнагаштӣ.
Дил бо ту буд обод, дил бе ту рафт барбод,
Кори дилам табаҳ шуд, рафтиву барнагаштӣ.
Печид риштаи раҳ, чун пойтоба дар поҳ,
Роҳи умед таҳ шуд, рафтиву барнагаштӣ.
Оини ишқбози буд нангу сарфарозӣ,
Ё ошиқӣ гунаҳ шуд, рафтиву барнагаштӣ.
Гуфтам бароянд афтоб, аз дар чу шуъла ойӣ,
Афтоб ҳам панаҳ шуд, рафтиву барнагаштӣ [19,  с. 178]

Дар ғазали зикршуда таркиби «рафтиву барнагаштӣ» радиф буда, калимаҳои «раҳ», «сияҳ», «табаҳ», «таҳ», «гунаҳ» ва «панаҳ» қофияанд.

Ғазали «Турнақатор» низ дар баҳри музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур эҷод шуда, арконаш мафъӯлу/ фоъилоту/ мафоъилу/ фоъилон (– – V / –V – V/ V– – V / –V ~) эҷод шудааст.

Турна хатти шикастае дар осмон навишт,
Байти равон ба дафтари зарди хазон навишт.
Рафту чӣ гуфту рафт, надонам, чу тарҷумон,
Килки алам ба сафҳаи хотир фиғон навишт.
Ҳушам ба бонги турнаву гӯшам ба ҳарфи дил,
Гуфтам, ки чист тарки Ватан, тарки ҷон навишт [19, с. 182].

Дар ин ғазал калимаи «навишт» радиф буда, калимаҳои «осмон», «хазон», «фиғон», «ҷавон», «равон» ва «ҷон» қофияаанд.

Ин баҳр ҳам дар эҷодиёти шоир ҷойгоҳи ба худ хосро касб намудааст.

ғ) Баҳри хафиф. Хафиф аз сабуктарин баҳрҳои фаръии аруз ба шумор меравад. Ин баҳр ҳамчун дигар баҳрҳои гурӯҳи дуюм аз омехта шудани рукнҳои солиму зиҳофии баҳрҳои аслии рамалу раҷаз ба вуҷуд меояд. Хафиф бештар дар шакли мусаддас меояд ва, албатта, бо рукни рамал оғоз меёбад. Дар шакли мусаммани хафиф хеле кам шеър гуфта шудааст. Бояд гуфт, ки дар гурӯҳи дуюми баҳрҳои фаръӣ бештар рукнҳои махбуни баҳрҳои аслии мазкур истифода мешаванд [65, с. 66].

Маънии луғавии хафиф сабук аст. Ин баҳрро аз он сабаб хафиф номидаанд, ки авзонаш сабуку равон буда, аз сабуктарин баҳрҳои аруз ба ҳисоб меравад.

Чуноне ки арузшинос Баҳром Сирус қайд мекунад: «Вазни ҳар як мисраъ шеъри баҳри хафифи солим бо вазни як бор «фоъилотун мустафъилун фоъилотун» рост меояд. Лекин дар шакли солими ин баҳр шоирони мо шеър наменависанд» [108, с. 162].

Аз таҳқиқи эҷодиёти Алимуҳаммади Муродӣ аён гардид, ки бо ин вазн 3 ғазал, 4 мусаммат, 24 чаҳорпора, 4 шеъри нимоӣ ва 42 шеъри хусравонӣ эҷод кардааст.

Ғазали аввалине, ки ин вазнро фаро гирифтааст, «Буду бошад» ном дошта, дар баҳри хафифи мусаддаси махбуни аслам (фоъилотун/ мафоъилун/ фаълон –V– – / V – V– / – ~) мебошад:

Сӯхтан чун насиби мо будаст,

Ҳар нафас мешавад бурун, дуд аст.

Роҳати мурдаро Худо донад,

Зинда аз зиндагӣ наосудаст [19, с. 186].

Дар ғазал калимаи «аст» радиф буда, калимаҳои «буд», «дуд», «олуд», «буд» ва «суд» қофияи шеърро ташкил додаанд.

Ғазали дуюми ин вазн «Ниқобпӯш»ном дорад:

Дӯстрӯянд душманон ин қадр,

Заҳрдандони хушзабон ин қадр.

Чашмашон аз ниқоб мерахшад,

Ҳамчунон тӯтаи камон ин қадр.

Гови нарро ба шир меоранд,

Рӯхарошанду ҳилладон ин қадр [19, с. 186].

Дар ғазал таркиби «ин қадр» ҳамчун радиф корбуд шуда, калимаҳои «душманон», «хушзабон», «тутанкамон», «ҳилладон» ва «ҷон» чун қофия хидмат кардаанд.

д) Баҳри мутақориб. Мутақориб дар луғат ба маънии ба ҳам наздик, баробар ва наздикшавандаро дорад. Дар истилоҳи арузӣ ба баҳре гуфта мешавад, ки аз такрори рукни фаъӯлун (V – –) ҳосил мешавад. Дар маҷмуаи «Сунбулкон» ду ғазал дар ин вазн ҷой доранд. Ғазали аввал «Наомад» ном дошта, дар баҳри мутақориби мусаммани солим (фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун V – – / V – – / V – – /V –) эҷод шудааст:

Ту рафтиву дигар баҳорам наомад,

Ҳамон гулшукуфтаканорам наомад.

Қарори дили беқарори ман астӣ,

Ту, ки барнагаштӣ, қарорам наомад.

Чунонам хуморӣ, чунонам хуморӣ,

Ки майхора гаштам, хуморам наомад.

Гузаштааст дардам зи дармонпизишкӣ,

Ки доруву дармон ба корам наомад [19, с. 224]

Дар ғазал калимаи «наомад» чун радиф ва калимаҳои «баҳорам», «канорам», «қарорам», «хуморам» ва «корам» ҳамчун қофия истифода шудаанд.

Дар зер ҷадвали истифодаи баҳрҳои шеъриро дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ аз рӯйи басомад меорем:

Ҷадвали №2

| Номи баҳрҳо | ҳазаҷ | рамал | музореъ | муҷтас | раҷаз | хафиф | мутақориб |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шеъри суннатӣ | 642 | 129 | 46 | 6 | 13 | 18 | 2 |
| Чаҳорпора | 27 | 18 | 13 | 2 | 4 | 23 | – |
| Арузи нав | 153 | 206 | 76 | 2 | 11 | 39 | – |
| Ҷамъ: | 822 | 353 | 153 | 10 | 28 | 80 | 2 |

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Аз таҳқиқи вазни ашъори Алимуҳаммад Муродӣ маълум гардид, ки шоир дар эҷодиёти худ асосан аз вазнҳои шеърии баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, раҷаз, музореъ, муҷтас, хафиф ва мутақориб истифода кардааст.

## 3.4. Ҳунари нигорандагии шоир

Ҳунари нигорандагии шоир, пеш аз ҳама, дар маҳорати тасвир, баёни ҷозиб, суханороии тоза ва истифодаи ҷолиби санъатҳои бадеӣ аён мегардад. Аксари адибон бо шарофати амиқ баҳравар будан аз фасоҳату балоғати сухан, истифодаи рангину бомавқеи воситаҳои тасвир ва санъатҳои бадеӣ ба эҷоди

шеърҳои дилрасу бо перояҳои бадеӣ ороишёфта муваффақ гардидаанд. Чуноне ки адабиётшинос Т. Зеҳнӣ таъкид месозад, «Шеър аз илму дониш обуранг мегирад. Дониш як масъалаи илмиро ба ақлу идрок арз мекунад ва шеър онро зевари латифи сухан қарор дода, манзараҳои дилкаши табиат ва ҷамъиятро бо эҳсосоти ишқ нишон медиҳад. Ҳар чизе, ки дар дил тааҷҷубу ҳайрат ё ҷӯшу хурӯш ба вуҷуд меоварад, асоси шеър аст» [108, с. 29].

Вақте ки шоир лаҳзаҳои хотирнишини зиндагӣ, табиат ва ҷамъиятро ба риштаи назм кашида дар сурати шефтагии амиқу дақиқ диққати хонандаро ҷалб сохта, ӯро мафтун месозад, ин падида аз ҳунари баланди нигорандагии адиб башорат медиҳад.

Маҳорати тасвирпардозию нигорандагии Алимуҳаммад Муродӣ дар ашъораш, хусусан, тавассути истифодаи бомаҳорати санъатҳои бадеӣ, ки он дар қатори маонӣ ва баён яке аз ҷузъҳои сегонаи илми балоғат ба шумор меравад, зуҳур намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот аён гардид, ки Алимуҳаммад Муродӣ аз санъатҳои бадеӣ мувофиқи тавони эҷодӣ ва маҳорату истеъдоди хеш моҳирона истифода намуда, шеърҳояшро дар ғояти баланди истеъдод ва назокати лафзу маънӣ эҷод кардааст. Дар ашъори ӯ нисбат ба санъатҳои лафзӣ санъатҳои маънавӣ фаровону бамавқеъ ва писандида истифода шуда, аз миёни он ҳама санъатҳои маънавӣ беш аз ҳама ташбеҳу тавсиф, ташхису талмеҳ, тазод, муболиға, истиора ва саволу ҷавоб ба кор бурда шудаанд.

Санъати бадеие, ки дар эҷодиёти Алимуҳаммади Муродӣ мавқеи бештар дорад, истиора мебошад. Вожаи истиора дар китобҳои луғат дар ду маънӣ: аслӣ ва маҷозӣ шарҳ ёфтааст. Аз ҷумла, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар маънои аслӣ: ба орият гирифтан ё ба амонат хостани чизе ва дар маънои маҷозияш навъе аз маҷоз шарҳ ёфтааст [34, с. 502].

Маънои дувуми он ба истилоҳи адабиётшиносӣ нигаронида шуда, ишорат бар санъати махсуси бадеӣ мекунад.

Истиора ба ҳайси муҳимтарин василаи тасвири бадеии мафҳумҳо ва ашё аввалин бор дар рисолаи ба баён бахшидаи Арасту – «Поэтика» мавриди таъриф қарор гирифтааст. Ҳакими мазкур ҳусни балоғат ва камоли суханро

дар истиора дида, нақши онро ҷиҳати музайян намудани афкори шоирон басо бузург арзёбӣ намудааст. Аз донишмандони классикии форсу тоҷик Шамс Қайси Розӣ ба истиора ҳамчун санъати бадеӣ таърифи ҷомеътар дода, онро навъе аз маҷоз маънидод мекунад ва қайд менамояд, ки истиора «он аст, ки итлоқи исме кунанд бар чизе, ки мушобеҳи ҳақиқати он исм бошад дар сифате муштарак» [127, с. 292].

Дар такя бар таърифоти ҳакимону донишмандони қадим муҳаққиқони муосир ҳам истораро навъе аз маҷоз қаламдод карда, вазифаи онро дар монанд кардани як лафз ба муносибати монандии он дар яке аз сифатҳо бар лафзи дигар зикр намудаанд [108, с. 196].

Сируси Шамисо истиораро масдари боби истифъол қайд намуда, маънои луғавии онро бо маънои истилоҳияш рабт дода, истиораро **ория** хостани луғатеро ба ҷойи луғати дигаре қайд менамояд [109, с. 57].

Алимуҳаммад Муродӣ аз зумраи он шоироне аст, ки дар эҷодиёти ӯ васоити гуногуни тасвири бадеӣ, махсусан, истиора мақоми назаррас доранд. Ашъори Алимуҳаммад Муродӣ аз ҳайси мазмуну мундариҷа пурғановат буда, мавзуоти лирикӣ-ғиноӣ, аз ҷумла, ватандӯстиву меҳанпарастӣ ва ишқӣ дар он ҷилваи бештар доранд. Таваҷҷуҳи вижа ба чунин мавзуот ашъори шоирро басо пурсӯзу гудоз намуда, ҷанбаи дарунии онро дар иртибот бар вазъи ботинӣ нерумандтар гардонидааст. Бояд қайд намуд, ки ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ҳам тавассути вижагии дарунии худ, ки бастагӣ ба ҳаяҷон ва эҳсосоти шоиронаи ӯ дорад, миёни мардум шуҳрат ёфта, ихлосмандони зиёдеро пайдо намудаанд.

Шеъри Алимуҳаммад Муродӣ инъикоскунандаи ормонҳои дарунӣ ва сӯзу ғами инфиродии ӯст, ки ин хусусият дар саропойи эҷодиёти вай ба таври возеҳ ба чашм мерасад. Дар шиносоӣ бо ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ва фурӯравӣ ба умқи андешаҳои ғарибі вай то кадом ҳад дар ҷӯшу хурӯши ботинӣ ғӯтавар шудани ӯро метавон пай бурд ва метавон муайян кард, ки шеъри ӯ шеъри ҷӯшиш аст. Муҳаммадалии Аҷамӣ дар мавриди чунин ашъор гуфтааст, ки шеъри ҷӯшиш худ ба суроғи шоир меояд [58, с. 48].

То чӣ дарача ба ҳақиқат мувофиқ будани суханони муҳаққиқи мазкурро метавон аз муҳтавои ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ташхис дод, чун ҳар сатри ашъори ӯ моломол аз ҷӯшу хурӯши дарунӣ аст.

Истиора ба ҳайси муассиртарин анвои маҷоз ва яке аз васоити асосии тазйину орои сухани мавзун дар эҷодиёти шоири ҳунарманд Алимуҳаммад Муродӣ мавқеи хос дорад. Дар аксари ашъори Алимуҳаммад Муродӣ яке аз анвои истиора ба чашм мерасад, ки нишондиҳандаи ҳусни таваҷҷуҳи вай ба ин воситаи тасвири бадеӣ мебошад. Ба василаи корбурди ҳунармандона ва ба худ хосси санъати истиора шеъри Алимуҳаммад Муродӣ як навъ вижагии қобили таваҷҷуҳро касб карда, шахсияти ӯро ба ҳайси як шоири хушқареҳаи тасвиргар нишон додааст. Ин вижагӣ, чунонки қаблан зикр гардид, дар мавриди ашъори ғиноии шоир ҷилваи бештар дорад. Дар ашъори ғиноии Алимуҳаммад Муродӣ ҷанбаи тасвирӣ, бахусус, ҷанбаи истиорӣ ва киноии тахайюлоти шоир намои бештар дорад. Мунаққид ва шоир Аскар Ҳакимов ҳам дар робита бар ашъори ғиноӣ яке аз муваффақиятҳои шоирро дар шахсият пайдо кардан ва дар мадди аввал қарор доштани шахси шоир қайд намудааст, ки сазовори дастгирӣ аст [120, с. 150].

Дар истиорасозии Алимуҳаммади Муродӣ ғановати забони миллӣ ба хубӣ эҳсос мешавад ва дар ҳар намунае аз ибораҳои мустаори вай руҳи тозагии забони тоҷикӣ инъикос мегардад. Чунонки устод Худоӣ Шарифов дар мавриди шоири лирик қайд менамояд, калима барои шоир танҳо воситаи тасвир набуда, ҳамчунин, олами предмети ӯро гувоҳӣ медиҳад [131, с. 104].

Ҳамин нишондоди муҳаққиқи мазкурро метавон дар мавриди маҳорати шоирии Алимуҳаммади Муродӣ ҳам собит намуд, махсусан, дар хусуси истиорасозиҳои вай. Зеро дар аксари намунаҳои санъати бадеии истиора, ки дар саропойи ашъори шоир, вомехӯранд, танаввуъ ва гуногунрангии маъноиву шаклии вожаҳоро метавон пайдо намуд, ки гувоҳӣ аз ҷаҳду талоши собитқадамона ва ҳунармандонаи муаллифи онҳо медиҳанд.

Пайгирии мо аз истиораҳои ба кор бурдаи Алимуҳаммад Муродӣ дар асоси маҷмуаи «Чароғи рӯзадор» анҷом пазируфтааст. Дар ҳисоботи оморие,

ки мо дар иртибот бар анвои гуногуни васоити тасвири бадеӣ дар эҷодиёти, шоир амсоли ташбеҳ, истиора, маҷоз, ташхис, киноя, талмеҳ, тазод, ва монанди инҳо дар такя ба маҷмуаи «Чароғи рӯзадор» анҷом додем, чунин натиҷа гирифтем, ки миёни ҳама санъатҳои бадеӣ истиора мақоми аввалро касб менамояд. Бинобар ин, истиора дар тасвирҳои шоиронаи Алимуҳаммади Муродӣ ба ҳайси санъати бадеии меҳварӣ мавқеи хосса дошта, шоир бештари афкори хешро ба воситаи ин санъати бадеӣ мавриди тасвиру тавсиф қарор медиҳад.

Дар эҷодиёти Алимуҳаммади Муродӣ дар нигоҳ бар анвои дарунӣ ё мавзуии истиора навъи киноядори он мавриди истифода қарор гирифтааст. Сируси Шамисо навъи мазкурро «истиораи макния» ё «билкиноя» унвон гузоштааст [109, с. 62].

Ин навъи истиора бар хилофи истиораҳои аслӣ, ки иборат аз як вожаи маҷозӣ мебошанд, тавассути ибораи изофӣ сохта шудааст ва ҷузъи асосии истиора – мустаорун минҳу ё мушаббаҳун биҳи дар он истифода намешавад. Дар истиораи макния ё билкиноя аз ҷузъҳои асосӣ ҷузъи мустаорун лаҳу ё мушаббаҳ иштирок менамояд ва ҷиҳати эҷоди шабоҳат яке аз васоити ташбеҳкунанда ё ҷузъи сифаткунандаи мустаорун минҳу, ки ҷузъи дувумдараҷа ба ҳисоб меравад, ба кор бурда мешавад.

Дар истиораҳои киноядор ҷузъи мустаорун минҳу зимнан ё хаёлан дар тахайюли шоир гирифта шуда, ба василаи ваҷҳи шабаҳ ё мулоимоти он матраҳ мегардад. Сухани маҷозӣ дар қисмати мулоимот ё ваҷҳи шабаҳ ҷой гирифта, қисмати мавсуфро, ки орӣ аз маҷоз аст, маҷозӣ менамояд. Чунончи, намунаҳое аз ин қоидаро дар иртибот бо истиораи макния метавон дар намунаҳои истиороти ашъори Алимуҳаммади Муродӣ [Ҷадвали №3] тавассути ҷадвал матраҳ намуд:

Ҷадвали №3

| Истиора | Мушаббаҳ ё мустаорун лаҳуҳ | Мушаббаҳун биҳи ё мустаорун минҳу | Қисмати маҷози истиора | Қисмати орӣ аз маҷози истиора |
|---|---|---|---|---|
| гулбоғи ҳавасҳо | ҳавас | гулбоғ | гулбоғ | ҳавас |
| дафи тилоии хуршед | хуршед | дафи тилоӣ | дафи тилоӣ | хуршед |
| домони навбаҳор | навбаҳор | домон | домон | навбаҳор |
| диёри шаб | шаб | диёр | диёр | шаб |
| қавоқи ҳавои боронӣ | ҳавои боронӣ | қавоқ | қавоқ | ҳавои боронӣ |
| қалъаи шаб | шаб | қалъа | қалъа | шаб |
| тухми ғам | ғам | тухм | тухм | ғам |

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Чуноне ки дида мешавад, дар ибораҳои мустаори мазкур қисматҳои сифаткунанда ба ваҷҳи шабаҳ ё мулоимот ва қисматҳои мавсуф ё сифатшаванда ба мустаорун лаҳу ё мушаббаҳ тааллуқ доранд ва худи қисмати асосии истиора, ки иборат аз мустаорун минҳу ё мушаббаҳун биҳи мебошад, дар шабеҳсозии мафҳумҳову ашё иштирок наменамоянд. Ҳол он ки дар истиораи равшан, ки дар илми баён бештар ба исми истиораи мусарраҳ ё тасреҳия ном гирифта мешавад, ҷузъи асосӣ мушаббаҳун биҳи мебошад ва тибқи қоида он бояд ҳатман дар маҷозӣ кардани мафҳумҳо иштирок дошта бошад.

Аз нигоҳи шаклу сохтор истиораҳои бакорбурдаи Алимуҳаммад Муродӣ ҳамагӣ тавассути иборасозии изофӣ сохта шуда, ба ду гунаи ибораи мазкур тааллуқ дорад: сода ва мураккаб. Дар истиораҳои макнияи сода танҳо ду вожа иштирок менамояд. Намунаҳои зерин ба ин навъи истиора мутааллиқ мебошанд: аждари шаб [15, с. 29], бӯстони дида [15, с. 5], гардани уммед [15, с. 38], гулбоғи ҳавасҳо[15, с. 34], ғамхонаи айём [15, с. 50], даричаҳои хаёл [15,

с. 37], деви бало [15, с. 29], деви тақдир [15, с. 10], диёри ғарибӣ [15, с. 39], диёри шаб [15, с. 30], дили селоб [15, с. 84], домани навбаҳор [15, с. 41], занги ҷудоӣ [15, с. 7], китоби қисмат [15, с. 37], кошонаи умед [15, с. 45], кӯҳи ғарибӣ [15, с. 37], қадами субҳ [15, с. 23, с. 39], қалъаи шаб [15, с. 35], лолазори канор [15, с. 39], мурғи дил [15, с. 13], мӯи шаб [15, с. 38], осмони ёд [15, с. 74], пои хазон [15, с. 82], сели баҳор [15, с. 85], селоби ғазаб [15, с. 84], субҳи хилват [15, с. 81], тундбоди марг [15, с. 86], тухми ғам [15, с. 83], тӯри абрҳо [15, с. 5], урдуи хазон [15, с. 25], устухони рӯз [15, с. 9], харобистони таърих [15, с. 43], ҳавзаи чашмон [15, с. 30], чароғи умед [15, с. 45], чашми бахт [15, с. 53], чеҳраи гулҳо [15, с. 13], ҷомаи шом [15, с. 46], шаҳри ғам [15, с. 36].

Дар истиораҳои фавқуззикр ҳамаи қисматҳои дувум ба ҷузъи мушаббаҳ тааллуқ доранд ва онҳо танҳо тавассути ҷузъи қабл аз худ омада, яъне ваҷҳи шабаҳ ё мулоимот бар худ пардаи маҷозро касб менамоянд. Миёни истиораҳои мазкур танҳо истиораи «қадами субҳ» дар маҷмуаи «Чароғи рӯзадор» ду бор истифода шудаасту бас, боқӣ ҳама якборӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Аммо теъдоде аз аҷзои истиороти мазкур ё мустаорун лаҳу ё ҷузъи ёирасони мустаорун минҳу гоҳе дар ашъори шоир сайри мукаррар намуда, дар истиорасозӣ ва маҷозсозии мафҳумҳову ашё иштироки нисбатан фаъолтар менамоянд. Масалан, ба василаи ҷузъҳои мулоимоти дев, диёр, сел/селоб ва ҷузъҳои мушаббаҳ амсоли: ғам, ғарибӣ, у(м)мед, шаб, чунонки аз намунаҳои боло дида мешавад, чанд истиора сохта шудааст.

Дар истиораҳои макнияи мураккаб зиёда аз ду вожа иштирок менамоянд. Агарчи дар аксари маворид вожаҳои ин навъи истиора се ададро ташкил медиҳанд, аммо баъзан теъдоди онҳо ба чаҳору афзунтар аз он имтидод меёбанд. Намунаҳои зерини истиороти ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ба истиораҳои макнияи мураккаб тааллуқ доранд: ашки нуролудаи шом [15, с. 74], боди сарди дареғ [15, с. 36], бодраҳи шавқу ҳавас [15, с.81], булӯри ашки модарҳо [15, с. 43], ғунчаи обистани ҳавасҳо [15, с. 13], ғӯзаки андуҳи беҷавоб [15, с. 35], дами бели ғуссаи ҷонкоҳ [15, с.77], дасти бозихунуки шаб [15, с. 40], дафи тилоии хуршед [15, с. 40], домони кӯҳу ҷар [15, с. 29], кӯдаки бемори

уммеди ман [15, с. 88], қавоқи ҳавои боронӣ [15, с. 23], қар-қари ҷонхароши оҳани кор [15, с. 77], лабони ҷумбидаи гул [15, с. 79], мурғи тилоии моҳтоб [15, с. 5], наъраи деви марг [15, с. 77], нӯги мижжаҳои шом [15, с. 74], остони рӯзи раҳой [15, с. 38], сабзаи хушки биёбони ҳавасҳо [15, с. 33], сари баланди кӯҳистон [15, с. 32], синаи мавҷи тапандаи моҳтоб [15, с. 42], шаби дарози яъс [15, с. 81], шабнами барги орзу [15, с. 86].

Истиораҳои боло агар аз як тараф бо теъдоди зиёдтари вожаҳо аз истиораҳои сода фарқ намоянд, аз сӯйи дигар миёни худ ҳам аз ҳайси иштироки воҳидҳо фарқ мекунанд. Аз ҷониби дигар, иртиботи вожаҳо бо аҷзоъ дар истиораҳои мураккаб гуногун сурат мегирад, гоҳе агар ду вожаи қаблӣ марбут бо ҷузъи мустаорун минҳу бошанд, дар мавриди дигар ду вожа бо ҷузъи мустаорун лаҳу ё мушаббаҳ иртиботи мантиқӣ пайдо менамоянд.

Ҳамчунин, гоҳе мешавад, ки ду вожа ба ҷузъи мустаорун минҳу ва ду вожаи баъдӣ ба мустаорун лаҳу тааллуқ дошта бошанд. Аммо ин хусусият дар ашъори шоир дар қиёс бо нишондоди боло камтар ба назар мерасад ва танҳо дар сурате метавон онро пайдо намуд, ки истиора аз чаҳор вожа иборат бошад. Вобаста ба чигунагии иртиботи вожаҳо ба ҷузъҳои мустаорун минҳу ва мустаорун лаҳу мо нақшаи зерин [Ҷадвали №4]-ро мураттаб сохтаем:

Ҷадвали №4.

| | | |
|---|---|---|
| Истиороте, ки ҷузъи мушаббаҳун биҳии онҳо аз ду вожа ва ҷузъи мустаорун лаҳу ё мушаббаҳ аз як вожа сохта шудаанд. | Истиороте, ки ҷузъи мустаорун лаҳу ё мушаббаҳи онҳо аз ду вожа ва ҷузъи мушаббаҳун биҳи аз як вожа сохта шудаанд. | Истиороте, ки дар онҳо ҳам ҷузъи мустаорун лаҳу ё мушаббаҳ ва ҳам ҷузъи мушаббаҳун биҳи аз ду вожа сохта шудаанд. |
| Истиораҳо: мурғи тилоии моҳтоб, сари баланди кӯҳистон, боди сарди дареғ, ашки нуролудаи шом, нӯги мижжаҳои шом | Истиораҳо: ғунчаи обистани ҳавасҳо, қавоқи ҳавои боронӣ, домони кӯҳу ҷар, ғӯзаки андуҳи беҷавоб, остони рӯзи раҳой | Истиораҳо: сабзаи хушки биёбони ҳавасҳо, дами бели ғуссаҳои ҷонкоҳ, қар-қари ҷонхароши оҳани кор |

Идомаи ҷадвали №4

| Ҷузъҳои мушабба-ҳун биҳи | Ҷузъҳои мушаббаҳ | Ҷузъҳои мушаббаҳ | Ҷузъҳои мушаббаҳун-биҳи | Ҷузъҳои мушабба-ҳун биҳи | Ҷузъҳои мушаб-баҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| мурғи тилоӣ, сари баланд, боди сард, ашки нуролуда, нӯги мижжаҳо | моҳтоб, кӯҳистон, дареғ, шом, шом | ғунча, қавоқ, домон, ғӯзак, остон | обистани ҳавасҳо, ҳавои боронӣ, кӯҳу ҷар, андуҳи беҷавоб, рӯзи раҳоӣ | сабзаи хушк, дами бел, қар-қари ҷонхарош | биёбони ҳавасҳо, ғуссаҳои ҷонкоҳ, оҳани кор |

[Сарчашма: натиҷаи таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ].

Ҷуз аз он чи дар боло нишон дода шуд, дар ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ҳамчунин истиораҳое ба назар мерасанд, ки се вожаи қаблӣ ба ҷузъи мустаорун минҳу тааллуқ мегиранд, аз ҷумла: дасти бози хунуки шаб. Дар ин истиора дасти бози хунук мустаорун минҳу ва вожаи шаб мушаббаҳ ё мустаорун лаҳу ба ҳисоб меравад. Аммо чунин навъи истиора дар ашъори шоир теъдодан дар қиёс бо анвои фавқ басо кам истифода шудааст.

Истиораҳои бакорбурдаи Алимуҳаммад Муродӣ, новобаста ба чигунагии шаклу сохтори онҳо, ҳар яке дар ҷанбаи муассири тасвирӣ гирифтани ашъори ӯ нақши қобили мулоҳизаро бар ҷой мегузоранд. Агар шумори маъдуди онҳо такрориву обшуста ва ё қаблан дар ашъори қудамо ва шоирони дигари муосир мавриди истифода қарор гирифта бошанд, теъдоди чашмраси онҳо бӯйи нав доранд ва нишон аз истиқлоли тахайюли муаллифи онҳо медиҳанд. Ин қабил истиораҳои Муродӣ басо шоирона ҷилва медиҳанд ва сатри ашъори ӯро гулпӯш менамоянд. Чунончи,ибораҳои мустаори навъи «шаҳри ғам», «гулбоғи ҳавасҳо», «даричаҳои хаёл», «субҳи хилват», «дили селоб», «сели баҳор», «мурғи тилоии моҳтоб», «гули нилуфарии ишқ», «ғунчаи обистани ҳавасҳо», «дафи тилоии хуршед», «бодраҳи шавқу ҳавас» ва монанди инҳо нишондиҳандаи навҷӯйиҳову тозапардозиҳои муаллифи онҳо дар ҷодаи сохтани мазомини бикр ва маонии тоза мебошанд. Ин навъ

истиораҳо баъзан бар ашъори шоир ғалаён намуда, бар дигар анвои васоити тасвири бадеӣ ғалаба мекунанд ва мисраоту абёти ӯро ҷилои тоза медиҳанд. Чи дар жанрҳои суннатӣ ва чи дар ашъори дар қолабҳои нав сурудашудаи шоир, иштироки истиораҳои макния сахт махсус аст. Аммо чун таваҷҷуҳи Алимуҳаммад Муродӣ бештар бар қолибҳои нави шеърӣ равона гаштааст, истиора ба ҳайси намоёнтарин аркони маҷоз дар ин навъи шеърҳои шоир гиротар ва ба таври муҷалло ҷилванамоӣ мекунад, то ҷое ки баъзан саропойи сатрҳои ашъори ӯро фаро мегирад. Мисоли ин гуфтаҳоро метавон дар шеъри «Аз Худо металабам» собит намуд, чун дар ин шеър навъҳо ва шаклҳои гуногуни истиора корбурд шуда, муҷиби ҷанбаи тасвирӣ касб кардани матни шеър гаштаанд:

Дили ман ҳавзи гулобест
Зимистону баҳор.
Гули нилуфари ишқи ту дар он мерӯяд.
Дар диёри Хатлон
Ман, ки бегонатар аз марди ғарибам имрӯз,
Аз Худо металабам,
Боди сарде накунад сӯйи баҳори ту гузар.
Ки ҳавасҳои диламро куштам,
Дар канори ту, ки гулбоғи ҳавасҳои ман аст [15, с. 34].

Чунон ки дида мешавад, дар шеъри боло ибораҳои «ҳавзи гулоб», «гули нилуфари ишқ» ва «гулбоғи ҳавасҳо» ба истиораҳои мураккаби навъи макния ё билкиноя тааллуқ доранд. Дар истиораҳои мазкур гулоб ба ҳавз, ишқ ба гули нилуфар ва ҳавасҳо ба гулбоғ шабеҳ шудаанд. Ҳар се истиораҳои зикршуда аз ҷиҳати мавзуъ ба навъи макнияи билкинояи истиора тааллуқ доранд ва аз онҳо ду истиораи каноравӣ – «ҳавзи гулоб» ва «гулбоғи ҳавасҳо» аз ҳайси сохт истиораи сода ва яке байнӣ – «гули нилуфари ишқ» мураккаб ба ҳисоб мераванд.

Ҳамчунин, дар шеъри мазкур як истиораи дигар низ истифода шудааст, ки ҳам аз ҷиҳати тааллуқоти мавзуӣ ва ҳам аз ҳайси сохт муғоири истиороти

фавқуззикр мебошад. Ин истиора вожаи «баҳор» аст, ки дар мисраи ҳафтуми матни шеър корбурд шудааст. Истиораи мазкур аслӣ аст ва аз анвои асосии санъати бадеии мазкур маҳсуб мешавад. Адибони пешин аслан ҳамин навъи ташбеҳи киноиро ба ҳайси истиора шинохтаанд ва муҷиби пайдоиши санъати истиора асосан ҳамин навъ ба ҳисоб меравад. Тибқи қоидаи матраҳнамудаи қудамо ва донишмандони илми баён, дар истиора аслан ҷузъи мушаббаҳун биҳи ё мустаорун минҳу бояд иштирок дошта бошад, на мушаббаҳ ё мустаорун лаҳу. Иштироки мустаорун минҳу ва набудани мустаорун лаҳу муҷиби киноитару мармузтар гардидани вожа ва мазмун мегардад. Мақсуди шоир аз вожаи баҳор баҳори ҳусни маъшуқ аст, на худи баҳор. Бинобар ин, ҷанбаи мармузияту киноӣ дар истиораи навъи аслӣ нисбат бар истиораи макнияи тахайилия бештар аст.

Яке аз хусусиятҳои истиораҳои ашъори Алимуҳаммад Муродӣ, чи истиораҳои аслӣ ва чи навъи билкиноя дар он инъикос мегардад, ки дар онҳо омезиш бо дигар анвои васоити тасвир бисёр ба назар мерасад. Чунончи, дар шеъри фавқуззикр истиораи аслии баҳор имтизоҷ бо киноя дорад ва шоир ҳусну зебоии маъшуқро ба таври киноявӣ баҳор номидааст. Ва ё дар мисраи аввали ҳамин шеър шоир дили худро ба «ҳавзи гулоб» монанд кардааст, ки ваҷҳи шабеҳ ин ҷо истиораи мазкур аст. Дар мисраи охири шеъри мазкур бошад, тавассути истиораи гулбоғи ҳавас ташбеҳи зимнӣ ё пӯшида ба вуҷуд оварда шудааст, чун шоир канори маъшуқи худро хаёлан гулбоғи ҳавасҳо гуморидааст ва дар он на ин ки адоти ташбеҳ истифода нашудаанд, зиёда аз ин, дарки мушобиҳати мафҳумҳо дар он ба тариқи басо маҷҳул сурат гирифтааст.

Имтизоҷи истиора бо санъати ташбеҳ дар ашъори Алимуҳаммад Муродӣ нисбат бар дигар васоити тасвир бештар мушоҳида мешавад. Намунаи ин омезиш дар мисраи нахустини ин байт аз шеъри «Ғамбода» эҳсос мешавад:

Ситора ашки нуролудаи шом аст,
Ки нӯги мижжаҳои шом ларзон аст [15, с. 74].

Дар байти мазбур «ашки нуролудаи шом» истиораи навъи макния ва аз ҳайси сохт мураккаб аст, шоир шоми нурониро ба ашк монанд кардааст, ки бар асари рӯшноиҳо ҷило медиҳад. Аммо омезиши истиора бо ташбеҳ дар ин мушобиҳати мафҳумҳо нест. Ин имтизоҷ миёни вожаи «ситора» ва ибораи мустаори баъдии он – «ашки нуролудаи шом» сурат мепазирад, зеро шоир ситораро ба ашк шабеҳ кардааст. Вожаи «нуролуда» ин ҷо қарина миёни вожаҳои «ситора» ва «ашк» ба ҳисоб меравад. Шабоҳати ситора бар ашк дар мисраи мазкур ба таври зимниву пӯшида сурат пазируфтааст.

Баъзан дар ташбеҳсозиҳои шоир истиора вазифаи басо фаъолу калидиро иҷро менамояд, он ҳам ба сифати мушаббаҳ ва ҳам ба вазифаи мушаббаҳун биҳи омада, ҷанбаи тасвирӣ ва таъсирбахшии шеърро ба маротиб меафзояд. Аз ҷумла, дар шеъри «Мурғи ҳова» Алимуҳаммад Муродӣ истиораро ҳам ба вазифаи ҷузъи мушаббаҳ ва ҳам мушаббаҳун биҳии ташбеҳ истифода намудааст:

Қар-қари ҷонхароши оҳани кор
Наъраи деви маргро монад.
Сари шохи ниҳоли афтода
Мурғаке байти мотамӣ хонад [15, с. 77].

Дар шеъри мазкур ибораҳои «қар-қари ҷонхароши оҳани кор» ва «наъраи деви марг» – ҳар ду истиораҳои макнияи шаклан мураккаб ба ҳисоб меравнд, чун дар ибораи нахуст олати оҳанини корӣ ба қар-қари зоғ ва воҳимаи марг бар наъраи дев монанд шудаанд. Аммо, бо ин ки ибораи нахустин истиораи навъи макния аст ва дар он чун дар истиораи равшан ҷузъи мустаорун минҳу зикр нагаштааст, ба ҷиҳати истифода нашудани вожаи «зоғ» (ки қар-қар ба зоғ хос аст), ки вазифаи мушаббаҳун биҳии зимниро иҷро менамояд, дар ин истиора як навъ маҷҳулӣ ва мармузии ҳамсони истиораи равшан дида мешавад. Дар иртибот бар ташбеҳсозӣ истиораи мисраи аввали байти фавқ ҷузъи мушаббаҳ ва истиораи мисраи дувум ҷузъи мушаббаҳун биҳиро ташкил додаанд, яъне шоир «қар-қари»-и ҷонхароши оҳани корро ба «наъраи деви марг» монанд кардааст. Адоти ташбеҳ ин ҷо феъли «мондан»

маҳсуб мешавад, ки дар забони тоҷикӣ ҳанӯз аз даврони қадим дар баробари муродифи дигари худ – «монистан» дар маънои мушобиҳат истифода мешуд.

Баъзан истиораҳои ашъори шоир ба ҳайси ҷомеъ ё ваҷҳи шабеҳ истифода мешаванд. Масалан, дар ин байт аз ҳамон шеъри зикршуда истиораи мураккаби макнияи «дами бели ғуссаи ҷонкоҳ» вазифаи ҷомеъро иҷро менамояд ҷиҳати шабеҳ кардани «синаи вай» бар «деҳи вайрон»:

Дар дами бели ғуссаи ҷонкоҳ,
Синаам гӯӣ деҳи вайрон аст [15, с. 77].

Омезиши истиораҳои ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ҷуз аз ташбеҳ бо дигар анвои васоити тасвир низ ба чашм мерасад. Аз ҷумла, дар шеъри «Кундаи тарохушк» шоир ба василаи истиораҳои «тундбоди марг» ва «шабнами барги орзу» санъати ташхисро ба вуҷуд овардааст:

Рехт бар хок тундбоди марг
Шабнами барги орзуямро [15, с. 86].

Дар тахайюли шоиронаи Муродӣ марг ба сони тундбодест ва орзу ба сони барг ва ҳамчу шабнам аст. Тундбоди марг ба сони инсон шабнами барги орзуи шоирро бар хок мерезад ва ӯро аз умедҳои ширинаш маҳрум мегардонад.

Алимуҳаммад Муродӣ истиораҳоро баъзан чун инсон ва мафҳумҳои ҷондор истифода мебарад, аз онҳо шабеҳи инсонро месозад. Дар матни ашъори ӯ истиораҳо тимсоли кӯдакро месозанд ва ба беморӣ гирифтор мешаванд. Аз ҷумла, дар шеъри «Ай қалам» «кӯдаки бемори умед» истиораи зебои шоирона аст, ки ҷанбаи тасвирии шеър бар он вобаста аст:

Орзу бемор шуд дар батни ман
Мисли кӯдак дар қади деҳқонзанон.
Кӯдаки бемори уммеди маро
Ай қалам, ай дӯст, аз мурдан раҳон [15, с. 88].

Истиораҳои ашъори Алимуҳаммад Муродӣ миёни васоити тасвири бадеӣ дар зинаткориҳои афкори вай ва ҷанбаи тасвирии бештар бахшидан бар онҳо мақоми аввалдараҷа доранд. Дар ашъори шоир агарчи намунаҳое аз

истиораи равшан гоҳ-гоҳ мавриди истифода қарор гирифтаанд, аммо истиораҳои макния ё билкиноя нисбатан афзалият доранд. Қисмати зиёди истиораҳои ашъори шоир ҳам дар шакли содаи он ва ҳам дар шакли мураккабаш марбут бар навъи макния аст. Тавассути бакоргирии ҳамин навъи истиора аст, ки шоир дигар васоити тасвири бадеиро низ дар имтизоҷ бо он истифода менамояд ва матни ашъори худро бо омезиши анвои санъатҳо гуногунранг менамояд. Бад-ин ҷиҳат метавон гуфт, ки шеъри Алимуҳаммади Муродӣ шеъри истиора аст ва ҷанбаи тасвирӣ касб кардани он, пеш аз ҳама, марбут бар ҳамин санъати бадеӣ аст.

Дар шеърҳои Алимуҳаммад Муродӣ нисбат ба дигар санъатҳои бадеӣ ташбеҳ истифода зиёд дорад. Ташбеҳ монанд кардан мебошад. Нигоранда барои равшантар тасвир кардани чизе ё шахсе ягон хусусияти онро ба ягон хусусияти мафҳум ё мавҷуди дигар монанд мекунад. Бояд дар миёни монандшаванда ва монандкунанда аз рӯйи сифат ё хусусият ва ё кирдору атвор – аз ягон ҷиҳат як навъ монандие мавҷуд бошад. Ташбеҳ дар роҳи барҷаста, равшан ва зебо ифода намудани ягон лавҳаи бадеӣ хизмат мекунад [66, с. 42]. Маънои луғавию истилоҳии ташбеҳ дар «Ғиёс-ул-луғот» [93, с. 61], «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [35, с. 63], «Фарҳанги истилоҳоти адабиётишиносӣ» [123, с. 118], инчунин дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» [54, с. 181-182], «Энсиклопедияи советии тоҷик» [72, с. 280] ва ҳамчунин монанд кардан буда, монанд кардани ашё ва ҳолатҳо дар асари бадеӣ шарҳ ёфтааст.

Ташбеҳ навъҳои гуногун дорад: равшан, пӯшида, таркибӣ, мураккаб, баргашта, шартӣ, акс, баробар ва измор. Алимуҳаммад Муродӣ дар шеърҳои худ аксаран ташбеҳи равшан ва пӯшидаро истифода кардааст. Ҷиҳати фарққунандаи ташбеҳи равшан дар мавҷудияти ёридиҳандаи монандӣ мебошад.

Дар забони тоҷикӣ ёридиҳандаҳои монандӣ, ки монандшавандаро ба монандкунанда мепайванданд, инҳо мебошанд: чун, ҳамчун, мисли, монанди, монанди он ки, чунонки, гӯё, гӯиё, гӯӣ, пиндорӣ, феълҳои мондан, шабоҳат доштан, гуфтӣ, моно, пасвандҳои -осо, -сон, -ворӣ, -ваш, барин ва ғайра.

Дар байтҳои зерини шоир «чашми духтар» ба «чароғ» ва шаб ба «марди дамдузд» ташбеҳ дода шудаанд. Дар ин ташбеҳҳо калимаҳои «чашми духтар» ва «шаб» монандшаванда буда, калимаҳои «чароғ» ва «марди дамдузд» монандкунанда ҳастанд ва калимаи ҳамчун ёридиҳандаи монандӣ мебошад:

Чароғе ҳамчу чашми духтари рӯпӯш
Миёни чодари рангаш сиёҳи чут.
Шабе буд,
Як шаби дамдузд [19, с. 13].

Дар порчаи зерин шоир бо маҳорати том аз ду навъи ташбеҳ: равшан ва пӯшида истифода намуда, «ману хома» монандшаванда ва «пири барҷомонда», «раҳҷӯи зипомонда», «ҷони дарбаломонда» ва «дасти дарҳавомонда» монандкунанда мебошанд. Агар дар ташбеҳи аввал, ки ташбеҳи равшан аст, ёридиҳандаи монандӣ бошад, дар ташбеҳи дуюми байт, ки ташбеҳи пӯшида мебошад, ёридиҳандаи монандӣ мавҷуд нест:

Дуто пири баҷомонда,
Ду раҳҷӯи зи по монда,
Ду тори аз наво монда,
Ду ҷони дар бало монда,
Ду дасти дар ҳаво монда,
Ману хома [19, с. 14].

Дар ашъори Алимуҳаммад Муродӣ ҳангоми истифодаи санъати бадеии ташбеҳ бештар аз ҳама ёридиҳандаҳои монандӣ – чун, ҳамчун ва мисли истифода гардида, қувваи ифоданокии ташбеҳи равшанро афзудаанд. Чунончи:

Агар сад лайлаин душман бихонад,
Ба рӯйи чашму мижгонат нишонат.
Туро охир газад чун даст ёбад,
Ягон саг аз сагии худ намонад [19, с. 319].

Ё худ:

Ҳар ҷо дили пур зи доғ месӯзаду бас,

Бесоҳиби камсуроғ месузаду бас.

Дар маҳфили гарми беғамон чун ғамдор,

То рӯз фақат чароғ месӯзаду бас [19, с. 316].

Нигоранда барои тасвир кардани ягон воқеа, касе ё чизе гоҳо сифатҳоеро истифода мебарад, ки яке аз хусусиятҳои муҳимтарини он воқеа, кас ё чизеро басо барҷаста ба тасвир меоранд.

Тавсиф як шакли калимаи васф буда, маънои таъриф карданро дорад. Нависанда барои тасвири барҷастаи образи муайяни одамон, воқеа ва манзараҳои табиат, сифатҳои хоси онҳоро меорад. Ин тарзи тасвир тавсиф номида мешавад [35, с. 147].

Адабиётшиноси рус Б.В. Томашевский оид ба санъати тавсиф таъкид месозад: «Тавсиф ба сухан оҳанги муассирӣ мебахшад ва вазифаи он таъкид ва ба дараҷаи аввал баровардани аломати муайяни мавсуф мебошад. Ба ибораи дигар, сифати умдатарини онро, ки бе он ҳам доро мебошад, дар мадди назари хонанда ҷилва медиҳад» [116, с. 201].

Таҳқиқ нишон дод, ки маҳорати нигорандагии Алимуҳаммад Муродӣ дар истифодаи санъати тавсиф низ басо рӯшан аён гардида, аз завқу ҷаҳонбинии баланди шоир гувоҳӣ медиҳад. Тавсифҳои «чархи фитнакор», «наққоши сеҳргар», «чӯби хушки безабон», «боғи шукуфта», «рози нуҳуфта», «тӯфони ҳаводис», «асрори замин», «дили оташмисол», «олами андеша», «сӯзи қалби тобнок», «оташи ҳасрат», «сарпанҷаи оҳанин», «фитрати тоза», «дилбарони дилнавози дилфиреб», «риштаи нимтоб», «синаи амвоҷи дарё», «ҳошияи мурод», «дили бешазор», «анкабути орзуҳо», «гули шеър», «ашки санг», «хотирпосдориҳои санг», «чанори сабзпӯши бовиқор», «обшори офтоб», «кафшери дард», «мавҷи лабханд», «кокулони обшорон», «шаби ошуфта», «тирезаҳои осмон», «қорчи кулаҳрафида», «чашмони бодомӣ», «абрувони ханҷарӣ», «мӯи анбарӣ», «дилбари болоназар», «рӯйи кулчаќанд», «дарахти шукуҳманд» ва ғайра тавсифҳои ашёву воқеа ва одамонро дар бар гирифта, маҳсули мушоҳидаҳои борикбинона ва ҳассоси адиб мебошанд. Чунончи:

Савдои бесиёсат,

Дунёи беразолат,

Ёрони босадоқат,

Паймони бехиёнат,

Диндори бодиёнат,

Як ёри боамонат,

Инсони бечаҳолат,

Бодарку бофаросат,

Як илтифоти қисмат,

Мехоҳаму наёбам [19, с. 14].

Дар байтҳои боло, ки аз шеъри «Меҷӯяму наёбам» намуна оварда шудаанд, тавсифҳои зиёде истифода шудаанд, ки онҳо сифатҳои инсони ин замонаро нишон медиҳанд.

Дар шеъри зерин, ки шоир тавассути эҷоди тавсифи нав диққати хонандагонро бештар ба ашъори худ ҷалб намудааст, оид ба зебоиҳои табиати дилбар сухан меравад:

Рухсори ту оташи ҳавасҷӯш,

Чашмони ту лахчаи алаврез,

Рухсораалови чашмлахча,

Дорӣ чӣ нигоҳи барқмаҳмез [19, с. 43].

Шоир дар чаҳорпораи боло тавассути бо ҳам якҷо намудани калимаҳои «ҳавас-ҷӯш», «алав-рез», «чашм-лахча» ва «барқ-маҳмез» тавсифоти мураккаби хотирнишине офаридааст, ки воқеан, ба андешаи мо, эҷоди худи Алимуҳаммад Муродӣ мебошанд. Ҳамчунон, дар китоби «Сунбулкон»-и адиб як силсила тавсифҳои тоза ва калимотеро мушоҳида намудем, ки бевосита эҷоди худи муаллиф буда, дар ашъори дигар адибон истифода нашудаанд. Чунончи, калимаҳои «кинафаромӯш», «нурасрор», «фарҳодмардум», «биҳиштоғӯш», «абрсӯз», «сабзмаҳ», обсӯз, «саҳарбонг», «тавсандил», «кулаҳрафида», «танозурда», «довҷӯӣ», «нақшипонадида», «изтироболуда», «лимуқабо», «дунбулоб», «дидорталаб», «парешонризқ» ва монанди инҳоро

дар ҳолатҳои зарурӣ баҳри нишон додани сифату аломат, хислат ва ҳолати ашёву ҳаводис ва қаҳрамонони ғиной чун тавсифҳои ҷолиб эҷод намудааст.

Дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ санъати шеърии ташхис низ фаровон истифода шуда, тавассути корбурди моҳиронаи он адиб ба ашёи беҷон «ҷон даровардааст» ва набототу ҳайвонотро ба «сухан гуфтан водор намудааст»:

Базм буд,
Базми шукуфоии боғ,
Шохаҳо таблаки гул дар сари даст,
Сози мурғон ба фалак мепечид,
Бод буд гулгардон,
Хайр мекард ҳама дороиш,
Ҳама дар оромӣ,
Ҳама дар осоиш [19, с. 15].

Ба ҳайвонҳо, паррандагон, набогот, ҷирмҳои осмонӣ ва ғайра эҳсосоту хислатҳои инсонӣ нисбат дода, онҳоро дар миёни худ ва ё бо инсон дар гуфтугӯ омадан ташхис номида мешавад. Дар насри классикӣ намунаи ин гуна осор бисёр аст, ки асарҳои «Калила ва Димна», «Тӯтинома», «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридуддини Аттор, «Чангу чанголӣ»-и Абуисҳоқи Атъима, «Ҳайвонотнома»-и Сайидо намунаи барҷастаи ин гуна асарҳо мебошанд.

Вобаста ба ин донишманди рус М. Л. Рейснер чунин гуфтааст: «Инсон бо табиат зиндааст. Ин маънои онро дорад, ки табиат як қисми уст ва инсон бояд дар ҷараёни мубодилаи ҳамешагӣ бо он бошвд, то маҳв нагардад. Инсон ҷисман ва руҳан бо табиат пайванд аст» [101, с. 14]. Алимуҳаммад Муродӣ дар шеърҳои худ ба дарахтону набогот – чанор, ғунча, бед, майса, ашёву ҳодисаҳои табиат – рангинкамон, пул, бод, оби ҷӯй, офтоб, чашма, дарё, арча, кӯҳ, фаввора, ҳайкал, моҳӣ, паррандагон – кабк, тазарв, қуланг ва ғайра ҳаракату амал ва гуфтор бахшида, ҷаззобияти тасвир ва муассирии ашъорашро таъмин намудааст:

Раҳ ба раҳ хоре
Мекашид аз доманам:
Баргард.
Бо забони тез
Санги сангов огаҳам мекард:
Аз раҳат баргард,
Лек раҳ дар пои ман чун мор печон буд,
Зери дандони каҷи ӯ заҳр пинҳон буд,
Заҳри ҳиҷрон буд [19, с. 66].

Шоир дар чандин шеърҳои худ тавассути санъати бадеии ташхис ба паррандаву дарранда ва ашёи табиат хусусиятҳои инсонӣ бахшида, унсурҳои табиатро низ рафтору гуфтор дода, бо ситоиши зебоиҳои як гӯшаи хушманзари диёр воқеияти тасвирро таъмин намудааст.

Навъи дигари санъати бадеии маънавӣ, ки Алимуҳаммад Муродӣ аз он ба таври фаровон истифода кардааст, талмеҳ мебошад. Донишмандони илми адабиётшиносӣ Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ, Шамси Қайси Розӣ, Туроқул Зеҳнӣ, Худоӣ Шарифов, Урбатулло Тоиров, Абдушукур Абдусатторов ва дигарон доир ба санъати бадеии талмеҳ андешаҳои худро иброз намудаанд. Санъати бадеии талмеҳ он аст, ки адиб ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаю ривоятҳо, афсонаҳои машҳур ва ба ягон шеъри маъруфи саромадони сухан ишора намуда, ба ин восита фикри худро дар шеър вусъату тақвият мебахшад [55, с. 123].

Агар ба ашъори Алимуҳаммад Муродӣ оид ба истифодаи санъати бадеии талмеҳ таваҷҷуҳ намоем, дар эҷодиёти адиб талмеҳоте чун воқеаҳои фарҳангӣ, зикри аҳли илму адаб, ба монанди Фирдавсӣ, Ҳофизу Мусалло, Беҳзоду Мониву Озар, рассоми Чин, Восеи қаҳрамон, Мавлавӣ, Рӯдакӣ, Саъдӣ, Авесто, Арасту, Файлақус, Фарҳод, қиссаву ривоятҳои асотирӣ ва афсонаҳои динӣ, ба мисли Масеҳо, Аҳриману Заҳҳок, Колумб, Каҳкашон, кӯҳи Қоф, Самаку Шаҳрзод, Маздак, Луқмони Ҳаким, макони ҷуғрофӣ, чун Тӯфони Нуҳ, Бохтару Тохар, Сикандару Чингиз, қалъаи Деваштич, Ҳулбуку Сайёд,

қаҳрамонҳои асарҳои адабӣ, монанди Рухшона, Фарҳод, Рустаму Ҷамшед, Қайсу Ромин, Шаҳрзода ва амсоли инҳо истифода гардидаанд:

Нахле хамида, чун гардани хам,
Хаспӯш ҳавзе, чун чоҳи Рустам,
Гирди биёбон дар ин хиёбон.
Хокаш ҳама сурх, чун реги хунпӯш,
Ин ҷо чакида хуни Сиёвуш,
Сад қисса пинҳон, дар ин биёбон [19, с. 47].

Адиб дар ҷойи дигар аз афсонаву ривоятҳои динӣ ёдовар гардида, ба воситаи нишон додани воқеаҳою ҳаводиси таърихӣ, тағйирпазирии дунё ва дигаргун гаштани табиату иқлимро вобаста ба гузашти солҳо таъкид месозад. Дар ин байтҳо шоир ияброз медорад, ки забони таърих чун тарҷумоне аз гузашту табодуллоти ҳазорсолаҳо нақл намуда, дар ин маврид санъати бадеии талмеҳ ба тасвир обуранги тоза мебахшад:

Ман Соми Наримонам,
Ман Рустами дастонам,
Суҳроби пурармонам,
Таҳминаи бирёнам,
Ман аҳли Хуросонам [19, с. 42].

Шоир дар як зумра шеърҳои худ аз қиссаву ривоятҳо ва шахсони асотирӣ истифода намуда, зиндагиро ба афсонае шабеҳ медонад, ки ҳар як инсон дар он бо тавоноии хештан қаҳрамонӣ мекунад. Ёдовар шудани адиб аз қиссаҳо ва қаҳрамони он ишора бар он аст, ки зиндагӣ худ мактабест, ки саропо аз панду насиҳат иборат мебошад. Ғолибу сарфароз он шахс аст, ки аз ин мактаби ҳаёт сабақи дуруст омӯхта, дарҳои мушкилкушои орзуҳоро ба рӯйи худ боз месозад:

Ин ман,
Ҳамон манам,
К-аз хишти ҷаҳли хеш
Кардам бино ба гирди ту девори мазҳабӣ,

Тираравон манам,

К-овехтам чу Маздакат бар дори мазҳабӣ [19, с. 60].

Бо истифодаи талмеҳоти мухталиф адиб тавонистааст, ки ҳам дар ифодаи мазмунҳои ишқӣ, ҳам дар боби мавзуъҳои таърихию фарҳангӣ ва асотирию ҷуғрофӣ, рӯйдодҳо, қиссаю ривоятҳо масъалаҳои гуногуну пурихтилофи зиндагиро саҳеҳан тасвир намуда, хоҳишу дархост ва мақсуди эҷодии худро ба хонанда возеҳу муассир пешниҳод намояд.

Аз санъатҳои бадеие, ки корбурди нисбатан зиёд дорад, санъати бадеии тазоду муқобала мебошад. Тазод дар луғат бо ҳамдигар зид будан ва бо якдигар душманӣ кардан мебошад [108, с. 197]. Дар истилоҳ санъати бадеиро гӯянд, ки шоир барои ифода намудани хислати ду кас ё ду чизи бо ҳам зид, барои тасвир намудани ягон воқеа ба тарзи муқоисавӣ ва ё муқобилгузорӣ истифода менамояд. Донишмандон Туракул Зеҳнӣ, Расул Ҳодизода, Муҳаммадҷони Шакурӣ, Раҳим Мусулмониён, Худоӣ Шарипов, Урбатулло Тоиров тазодро баъзан мутобиқа, баъзан муқобила гуфтаанд.

Дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ санъати тазод баҳри ифода гардидани хислату рафтор, ҳодисаву ашёе, ки зид ва акси ҳамдигар ҳастанд, истифода шуда, онҳо ба мақсади тасвири зебоиҳои диёру ёр, фаслҳои сол ва монанди инҳо ба кор бурда шудаанд. Бо истифода аз калимаҳои муқобилмаънои сиёҳу сафед, бино ва кӯр, нодон (коно) ва доно, баландӣ ва пастӣ, шикасту фатҳ, дарду бедардӣ, шодию ғам, гаҳвораву тобут, висолу доғ, шабу рӯз, субҳу шом, гиряву ханда, пиру ҷавон, пинҳону пайдо, базму мотам, суду зиён, бурду бохт, шиносу ношинос, нафъу зиён, нӯшу заҳр, талху ширин, ободу нообод, ҳаҷру васл, болою поён, маргу зиндагӣ, кӯҳнаву нав, баду нек, мотаму сур, сарҷамъу парешон, душману дӯст, пирӯзу бебарор, гуруснаю сер, осону мушкил, доду бедодӣ, ғуссаю бахт, пайдою нопайдо, оғозу анҷом, дарозу кӯтоҳ, хомию пухтагӣ, ҷамъу танҳо, ҷафою меҳрубонӣ ва амсоли инҳо шоир фикру ақида, ашёву чиз ва воқеаю ҳодисаҳоро ба ҳам муқобил гузошта

гоҳо қиёс месозад ва ҳолатҳои мухталифи инсону табиатро дар зиндагӣ ва олами ҳастӣ таъкид менамояд:

Аз табассум, ки дар лабе нашкуфт,
Аз нигоҳе, ки сарду сармоист.
Аз дурӯғе, ки ростиро кушт,
Ҳамчу аъроб оташи Зардушт.
Аз умеде, ки дар дили кас нест,
Ман чӣ гӯям?
Нагуфтанам беҳтар [19, с. 79].

Аз баррасии истифодаи санъати бадеии тазодду муқобала дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ бармеояд, ки шоир ба воситаи корбурди ин санъати ҷолиби бадеӣ мазмуну мундариҷа ва мақсади ғоявии худро дар шеърҳояш тавассути муқобилгузорию муқоисаи калимаю ибораҳо баён сохта, бадеияти баланду ҷаззобият ва муассирии ашъорашро тақвият бахшидааст.

Санъати бадеии дигаре, ки дар адабиётамон таърихи дуру дароз дорад, ин санъати саволу ҷавоб мебошад. Он ҳам мисли дигар санъатҳои маънавӣ дар назм барои равшану возеҳ ва муҷаз ифода сохтани матлаб хизмат намуда, шаклҳои гуногун дорад: шоир гоҳ ба худ суол дода, худ ҷавоб мегӯяд, гоҳ қаҳрамонон бо ҳам суолу ҷавоб мекунанд; баъзан, чанд суолу ҷавоб дар як мисраъ, гоҳ суол дар як мисраъ ва ҷавоб дар мисраи дигар меоянд [108, с. 169].

Ҳамин тавр, шоирони классик ва муосири тоҷик гоҳ дар шакли муколамаи байни ду шахс дар як лаҳзаи зарурӣ ё дар шакле, ки шоир худ савол дода ба худ ҷавоб мегардонад, фикр баён менамоянд. Ин навъи санъат дар асарҳои намояндагони адабиёти тоҷик фаровон истифода мешавад. Дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ санъати саволу ҷавоб кам истифода гардида бошад ҳам, ин намунаҳо вазъу ҳолати руҳии қаҳрамонони ғиноиро возеҳтар кушода, эҳсосоту андешаи онҳо, аъмолу изтиробашон пеши назари хонанда равшан ҷилвагар мешавад:

Гуфтам ба зиндагӣ:
Ширинӣ ин қадар.

Гуфто, ки талх низ.

Гуфтам:

Ҳаёт медиҳӣ,

Гуфто, ки марг низ [19, с. 72].

Шоир аз ибораҳои рехта ҳам бо маҳорат истифода намудааст. Ибораҳои рехтаи «дар сари як мӯй ҷон бохтан», «аз рашк сӯхтан», «давр рондан», «дил рақсидан», «дар дида нишастан», «рахти сафар бардоштан», «дар кафан зинда шудан», «ба коми дил расидан», «чашм дӯхтан», «сол сипарӣ шудан», «дидаҳо чор будан», «армон шикастан», «оташ ба дил афрӯхтан», «хумори дил шикастан», «даҳан талхов будан» ва ғайра ифоданокӣ ва ҷозибанокии забони шеърҳоро афзуда, боиси табиӣ офаридани онҳо гардидаанд:

Даҳанам талхов аст,

Нафасам дар даҳанам месӯзад,

Баданам,

Пираҳанам месӯзад,

Бистарамро таги борон монед,

Бистарам месӯзад [19, с. 158].

Ҳамин тариқ, дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ санъатҳои бадеии маънавӣ, аз қабили ташбеҳ, тавсиф, ташхис, талмеҳ, тазод, санъати саволу ҷавоб, таҷнис, ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақолҳо ва суханҳои ҳикматноки халқӣ мавқеи калон дошта, дар тасвир ҳусну малоҳат бахшидаанд ва аз ҳунару маҳорати баланди нигорандагии шоир башорат медиҳанд.

# ХУЛОСА

Алимуҳаммад Муродӣ бо ашъори бою рангини худ, ки аз руҳи замон маншаъ мегиранд, дар рушду такомули шеъри тоҷикии охири садаи XX ва замони Истиқлол саҳми назаррас дошта, таълифоти ӯ аҳаммияти зиёди адабию ҳунарӣ, эстетикӣ ва тарбиявӣ доранд. Таҳқиқи мавзуъ ва масоили матраҳшуда оид ба рӯзгору осори шоир моро ба чунин натиҷаҳо овард:

1. Ҳарчанд Алимуҳаммад Муродӣ ашъори гуногунрангу пурмуҳтаво эҷод намудааст, ашъори ӯ то ҳол ба таври ҷиддӣ аз ҷониби мунаққидону муҳаққиқон мавриди таҳқиқи бевосита қарор нагирифтааст. Фикру мулоҳизоте, ки аз ҷониби донишмандон, ба монанди С. Табаров, М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, М. Қаноат, М. Имомзода, А. Кӯчарзода, Ю. Акбаров, Ш. Раҳмонов, А. Ҳакимов, К. Гулназар, Л. Шералӣ, Ҳ. Раҳмон, Н. Шамсов, С. Қосимов, Д. Қулов ва адабиётшиноси эронӣ А. Шеърдӯст ироа шудаанд, мухтасар ва пароканда мебошад [2-М; 6-М].

2. Замони кӯдакию наврасии Алимуҳаммад Муродӣ ба солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ва баъд аз он рост омад ва шоир аз ин дармондагиву ятимиҳо дарси ҳаёт омӯхтааст. Адиб дар давоми умр ҳам бевосита ва ҳам бо қалами неруманди худ баҳри адолат, инсоф, сулҳу дӯстӣ, ватанхоҳӣ, ваҳдат ва ишқу муҳаббати пок талош меварзад. Хислату табиати пок, зиндадилию талошҳо ва матонати шоир намунаи олии зиндагии оқилонаю огоҳона ва ибратбахш ба шумор меравад [1-М].

3. Ашъори гуногунмавзуъ ва мухталифжанри Алимуҳаммад Муродӣ, метавон гуфт, ки пурра дастраси хонанда шудаанд. Жанрҳои суннатӣ: ғазал, мусаммат, маснавӣ, дубайтӣ, рубоӣ, тарҷеот ҳамчун анвои тозаи шеърӣ дар шакли чаҳорпора ва шеъри нимоӣ дар осори шоир мавқеи муҳимро касб менамоянд. Комёбии адиб, махсусан, дар шеърҳои хурди тасвирӣ равшан мушоҳида мешавад. Сарчашмаи жанрии осори Алимуҳаммад Муродӣ назми классикии форсу тоҷик, адабиёти русу ғарб ва эҷодиёти шифоҳии мардуми тоҷик мебошад. Тавассути арузи нав шоир ба он муваффақ гардидааст, ки аз

анвои тозаи аруз бардошти нозуки тасаввури шоиронаро дар ашъораш басо борикбинона ва нозукона рӯйи саҳфа орад [1-М; 2-М; 7-М].

4. Дар ашъори А. Муродӣ бо фарқият аз ғазалҳои шоирони гузашта ва муосир ҳар як ғазал унвон дорад, ки хонанда ба зудӣ аз мазмуну муҳтавои онҳо огоҳ мегардад [1-М].

5. Мавзуъ ва мундариҷаи ашъори А. Муродӣ дорои ҷанбаҳои воқеӣ ва адабӣ буда, эҷодиёти ӯ аз меҳру муҳаббати поку самимӣ ва беканори шоир нисбат ба ин сарзамини муқаддас, одамону табиати биҳиштосои он маншаъ гирифтааст. Шоир дар ташаккули хушбахтию некномӣ ва худшиносию ватанхоҳии халқи азизаш пайваста талош варзида, бо диди баланди эстетикию чашмандози фарогири шоирона суханпардозӣ менамояд. Покӣ ва беолоишӣ ва рангорангии ҷаҳони шоирона дар мазмуни шеърҳои баландмазмуни ӯ акси худро ёфтаанд [2-М; 6-М].

6. Забони ашъори Алимуҳаммад Муродӣ қобили таваҷҷуҳу мулоҳиза буда, ӯ аз луғат, ибора ва таркибҳои забони зиндаи халқ ба таври фаровон истифода намудааст. Шоир дар ашъори худ тобишҳои гуногуни калимаю таркибҳоро дар мадди назар дошта, як силсила тавсифҳои тоза ва вожаҳоеро мавриди корбурд қарор додааст, ки бозгӯйи завқи баланди ӯ ва ҷустуҷӯҳои эҷоди ӯ мебошанд. Масалан, калимаю ибораҳои «кинафаромӯш», «нурасрор», «фарҳодмардум», «биҳиштоғӯш», «абрсӯз», «сабзмаҳ», «обсӯз», «саҳарбонг», «тавсандил», «кулаҳрафида», «танозурда», «нақшипонадида», «исматнодида», «лимуқабо», «дунбулоб», «пайхум», «дидорталаб», «парешонризқ», «чароғи рӯзадор», «офтобзамин, «барфзамин» ва монанди инҳо дар мавқеи муносиб ва зимни тавсифу тасвир мавриди истифода қарор гирифтаанд [2-М; 4-М].

7. Алимуҳаммад Муродӣ соҳиби сабки хосси эҷодӣ буда, ин хусусиятро ҳам дар чаҳорпораҳою шеърҳои нимоӣ, ҳам дар ашъори суннатии ӯ баръало мушоҳида намудан мумкин аст. Адиб бо табъу завқи баланд суханро дар коргоҳи эҷодии хеш ба риштаи назм мекашад, то андозае ки хонандаи бориксанҷ вижагиҳои ашъори ӯро басо возеҳ эҳсос мекунад [3-М; 4-М].

8. Калому ашъори Алимуҳаммад Муродӣ бо дарназардошти таносуби лафзу маънӣ баён меёбад ва ба хонанда манзур мешавад. Агар ба ҷанбаи бадеии ашъори ӯ мутаваҷҷеҳ шавем, мебинем, ки санъатҳои ташбеҳу тавсиф, маҷозу истиора, тазодду муқобала, талмеҳ ва суолу ҷавоб аз ҳама бештар истифода шудаанд. Аз санъатҳои бадеии лафзӣ дар ашъори шоир танҳо таҷниси лафзӣ ба мушоҳида расид [4-М; 6-М].

9. Дар осори Алимуҳаммад Муродӣ мақолу зарбулмасал ва ибораҳои рехта низ вобаста ба тарзи баён ва ифодаи муассири матлаб ба таври фаровон истифода гардида, онҳо боигарию ифоданокии забони ашъори шоирро таъмин намудаанд. Адиб барои тасдиқи фикру мақсади хеш мақолу зарбулмасал ва ифодаҳои рехтаро гоҳо айнан ва гоҳо бо тағироти андаке ба кор бурда, тахайюли худро дар шеърҳояш боз ҳам ҷолибтар ифода месозад [4-М; 5-М].

10. Алимуҳаммад Муродӣ дар ашъораш аз баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, музореъ, муҷтас, раҷаз, хафиф ва мутақориб кор гирифтааст. Баҳрҳои мазкур аз хушоҳангтарин баҳрҳои шеъри тоҷикӣ мебошанд.

Дар умум, омӯзишу пажӯҳиши осори шоир аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шоир дар адабиёти нимаи дуюми садаи XX ва замони Истиқлол нақшу ҷойгоҳи назаррас дошта, ашъори ӯ ғоя ва ҷанбаҳои қавию наҷиби ватандӯстию пандуахлоқӣ ва эстетикию тарбиявӣ доранд. Аз рӯ, омӯхтану мавриди таҳқиқи вижа қарор додани ашъори ин шоири нуктасанҷу рангинхаёл муҳим ва саривақтӣ буда, барои таҷдиди назар ва таҳлилу таҳқиқи таърихи адабиёти дараи нави тоҷик, хусусан, шеъри замони Истиқлол мусоидат мекунад [1-М; 2-М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз таҳқиқи мавзуъ ва баррасии масъалаҳои мавриди назари диссертатсия бармеояд, ки ҳаёт ва эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ то ҳанӯз ба таври ҷиддиву зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ, натиҷа ва дастовардҳои илмӣ ва дурнамои мавзуи таҳқиқро ба таври зайл тавсиф додан мумкин аст:

– диссертатсия мо дар баррасиву омӯзиши ҳаёту фаъолияти Алимуҳаммад Муродӣ мусоидат намуда, дар таҳқиқи назми замони шуравӣ ва даврони соҳибистиқлолии тоҷик мусоидат хоҳад кард.
– натиҷаҳои илмии бадастовардашуда ва маводи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳамчун хулосаи таҳлил ва таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ, метавонад барои омӯзиш ва таҳқиқи рӯзгори шоирони дигари ҳамзамони адиб хизмат намояд.
– таҳқиқ нишон дод, ки «Гулчини ашъор»-и Алимуҳаммад Муродӣ таҷдиди назари дигари танқидиро талаб мекунад. Бояд жанрҳои шеърӣ дар маҷмуаҳо алоҳида ҷо ба ҷо гузошта шаванд, то оммаи хонандагон дар муайян кардани жанрҳо душворӣ накашанд. Бояд ҳар як шакли шеърӣ дар тартиби алоҳида омӯхтаву ҷобаҷо гузошта шаванд.
– натиҷаҳои таҳқиқ ва маводи бадастовардашуда метавонад дар омузиши таърихи адабиёти давраи нави адабиёти нави тоҷик ва гузаронидани курсҳои махсус дар факултетҳои филологи ва рӯзноманигории муассисаҳои олии таълимии ҷумҳури кӯмак намояд.
– дар маҷмуъ, Алимуҳаммад Муродӣ дар рушди адабиёти нимаи дуюми асри XX ва замони Истиқлоли давлатӣ саҳми муносиб гузошта, таълифи ин диссертатсия ҳанӯз қадамҳои аввал дар таҳқиқ ва шинохти рӯзгору осори адиб аст. Аз ин рӯ, таҳқиқи густарда ва фарогири самтҳои дигари фаъолияти эҷодии Алимуҳаммад Муродиро метавон масоили муҳимми адабиётшиносии тоҷик маҳсуб донист.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### I. Сарчашмаҳо:


1. Бобобекова, М. Меҳроби розам, модарам [Матн] / М. Бобобекова. – Душанбе: Адиб, 2019. – 134 с.
2. Горкий, А. М. Модар [Матн] / А. М. Горкий / Мутарҷим Раҳим Ҳошим. – Душанбе: Маориф, 1989. – 400 с.
3. Қаноат, М. Меҳри сипеҳр [Матн] / М. Қаноат. – Душанбе: Адиб, 2007. – 376 с.
4. Лоҳутӣ, А. Шуъла ва шамшер [Матн] / Абулқосими Лоҳутӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 344 с.
5. Мирализода, С. Модарнома .Ҷ 1. [Матн] / С. Мирализода. – Душанбе: Адиб, 2020. – 117 с.
6. Мирзо, Эраҷ. Осори мунтахаб [Матн] / Эраҷ Мирзо. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 357 с.
7. Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ (Ба чоп ҳозиркунанда ва муаллифи тавзеҳот: Х. Отахонова) [Матн] / Айнӣ Садриддин, Лоҳутӣ Абулқосим. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 143 с.
8. Муродӣ, А. Суруди вафодорӣ [Матн] / А. Муродӣ // Маориф ва маданият. – 1975. – № 107 (8722). – 6 сентябр. – С. 6.
9. Муродӣ, А. Қафас бишкан, Оянда дар пеш [Матн] / А. Муродӣ // Маориф ва маданият. – 1976. – № 120 (8891). – 14 октябр. – С. 4.
10. Муродӣ, А. Шаби Ёвон / Комсомоли Тоҷикистон [Матн] / А. Муродӣ. – 1976. – №35 (6043). – 22 март. – С. 4.
11. Муродӣ, А. Ману зиндагӣ, Деҳқондухтар [Матн] / А. Муродӣ // Комсомоли Тоҷикистон. – 1978. – №24 (6343). – 10 феврал. – С. 4-5.
12. Муродӣ, А. Дастниҳол [Матн] / А. Муродӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 46 с.

13. Муродӣ, А. Нози Наврӯз [Матн] / А. Муродӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – 205 с.
14. Муродӣ, А. Роҳи руҳ [Матн] / А. Муродӣ. – Душанбе: Адиб, 1993. – 230 с.
15. Муродӣ, А. Чароғи рӯзадор [Матн] / А. Муродӣ. – Душанбе: Адиб, 1998. – 180 с.
16. Муродӣ, А. Хайрбоди баҳор [Матн] / А. Муродӣ. – Душанбе: Адиб, 2004. – 169 с.
17. Муродӣ, А. Моҳи хасрав [Матн] / А. Муродӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 176 с.
18. Муродӣ, А. Боғи мурод [Матн] / А. Муродӣ. – Душанбе: Адиб, 2015. – 220 с.
19. Муродӣ, А. Сунбулкон [Матн] / А. Муродӣ. – Душанбе: Адиб, 2018. – 239 с.
20. Муродӣ, А. Хотираҳо [Матн] / А. Муродӣ // Маводи бойгонии адиб.
21. Муродӣ, А. Шафақи шом. [Матн] / А. Муродӣ. – Душанбе: Абдураҳмон-Р, 2020.– 432 с.
22. Насафӣ, Сайидо. Асарҳои мунтахаб [Матн] / Сайидои Насафӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 704 с.
23. Озар – барандаи "Килки заррин" // Адабиёт ва санъат [Матн]. – 2019. – 9 май. – С.10.
24. Рӯдакӣ Абуабдулло // Ахтарони адаб [Матн] / Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Душанбе: Адиб, 2014. – 314 с.
25. Хатлонӣ Салим. Мунтахаби ашъор [Матн] / Салими Хатлонӣ. – Ҷ.3. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 675 с.
26. Сафар, Г. Гули гандум [Матн] / Г. Сафар // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2 октябри соли 2016. – №42. – С. 7.
27. Сафиева, Г. Оташи Суғд [Матн] / Г. Сафиева. – Душанбе: Ирфон 1981. – 160 с.
28. Собир, Б. Гули хор [Матн] / Б. Собир. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 206 с.

29. Собир, Б. Бо чамидан, бо чашидан [Матн] / Б. Собир. – Душанбе: Адиб, 1987. – 128 с.
30. Собир, Б. Аз Ватан вақте ки мерафтам [Матн] / Б. Собир. – Душанбе: Садои Шарқ, 1999. – №5. – С. 32 с.
31. Собир, Б. Аз «Гули хор» то «Симхор» [Матн] / Б. Собир. – Москва: Интрансдорнаука, 2003. – 256 с.
32. Турсунзода, М. Куллиёт [Матн] / М. Турсунзода. Ҷ. 1. – Душанбе: Ирфон 1971. – 328 с.
33. Умари Хайём. Рубоиёт [Матн] / Хайём Умар. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 243 с.
34. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – М.: «Советская энциклопедия», 1969. – 951 с.
35. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – М.: «Советская энциклопедия», 1969. – 947 с.
36. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Ҷ.3. – Душанбе: Адиб. – 528 с.
37. Фолклори тоҷик [Матн]. Мураттибон: Амонов Р.,ва дигарон – Душанбе: Маориф, 1986. – 486 с.
38. Шералӣ, Л. Офтобборон. Шеърҳо ва тарҷумаҳо [Матн] / Л. Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – 528 с.
39. Шералӣ, Л. Девони дил [Матн] / Л. Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 492 с.
40. Шералӣ, Л. Марди роҳ [Матн] / Л. Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 232 с.
41. Шералӣ, Л. Хонаи дил [Матн] / Л. Шералӣ. – Душанбе: Ирфон 1986. – 464 с.

## II. Адабиёти илмӣ:

42. Абдусаттор, А. Аруз, кофия ва ихтиёроти шоирӣ [Матн] А. Абдусаттор // Садои Шарқ. – Душанбе, 2008. – №10. – С. 151-154.

43. Абдушукури Абдусаттор. Асрори шеъри марғуб [Матн] / Абдусаттор Абдушукур. – Душанбе: Адиб 2004. – 110 с.
44. Адибони Тоҷикистон / Таҳия ва танзими А. Сомонӣ ва М. Салим [Матн]. – Душанбе: Адиб 2014. – 310 с.
45. Айнӣ, К. Бадриддин Ҳилолӣ [Матн] / К. Айнӣ. – Сталинобод, 1957.– 208 с.
46. Акбаров, Ю. Руҳи граждании шеър [Матн] / Ю. Акбаров // Шеъри эҳсос ва тафаккур. – Душанбе: Ирфон 1985. – С. 7- 40.
47. Акбаров, Ю. Шеъри нав [Матн] / Ю. Акбаров // Қисмати инсон ва қисмати шеър. – Душанбе: Дониш, 1980. – С. 140-187.
48. Акбарзода, Ю. Кардааст парвозҳое дар ҷаҳони розҳо [Матн] / Ю. Акбарзода // Тадқиқи шеър аз дидгоҳи нав. – Душанбе: Адиб, 2004. – С. 90-104.
49. Акбарзода, Ю. Давраи тозаи инкишофи шеъри тоҷикӣ [Матн] / Ю. Акбарзода // Садои Шарқ. – 2012. – №12. – С. 110-130.
50. Алимардонов, А. Муносибати Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба манша ва ҷойи таваллудаш [Матн] / А. Алимардонов // Офтоби маърифат (Маҷмуаи мақолот бахшида ба 800-умин зодрӯзи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ). – Душанбе: Пайванд. – 2007. – С. 191-202.
51. Ансор, М. Шарҳи 42 ғазали Ҳофиз [Матн] / М. Ансорӣ. – Душанбе, 1994. – 128 с.
52. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
53. Асозода, Х. Кӯчаров, А. Адабиёти тоҷик [Матн] / Х. Асозода, А. Кӯчаров. Китоби дарсӣ барои синфи 11. – Душанбе: Тайфон – Менеҷмент, 2007. – 400 с.
54. Афсаҳов, А. Ташбеҳ [Матн] / А. Афсаҳов // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.3. – Душанбе, 2004. – С. 181-182.
55. Афсаҳов, А. Талмеҳ. [Матн] / А. Афсаҳов // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.3. – Душанбе, 2004. – С. 166-167.

56. Аҷамӣ, М. Ватан оҳангаре дорад / М. Аҷамӣ // Адабиёт ва санъат. – 2016. – № 50 . – 15 декабр. – С. 10-11.
57. Аҷамӣ, М. Эътиқод ва бовар дар шеър [Матн] / М. Аҷамӣ // Тафаккур ва ҳис дар шеър. – Душанбе: Адиб, 2008. – С. 132-142.
58. Аҷамӣ, М. Фурӯғи ишқ дар сукути шеър [Матн] / М. Аҷамӣ // Тафаккур ва ҳис дар шеър. – Душанбе: Адиб, 2008. – С. 175-188.
59. Бароҳанӣ Ризо. Тило дар мис (Дар шеър ва шоирӣ) [Матн] / Ризо Бароҳанӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1376. – 114 с.
60. Бобоев, Ю. Муқаддимаи адабиётшиносӣ [Матн] / Ю. Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 169 с.
61. Ваҳҳоб, Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик [Матн] / Ваҳҳоб Рустами. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 200 с.
62. Ваҳҳоб, Р. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ [Матн] / Р.Ваҳҳоб . – Душанбе: Адиб, 2011. – 224 с.
63. Давронов, А. Пайвандҳои адабии халқи тоҷик [Матн] / А. Давронов // Адабиёт ва маърифати инсон. – Душанбе: Статус, 2006. – С. 7-75.
64. Давронов, А. Шеър ва ашё дар шеър [Матн] / А. Давронов // Адабиёт ва маърифати инсон. – Душанбе: Статус, 2006. – С. 220 -239
65. Давронов, С. Сохти шеъри тоҷикӣ [Матн] / С. Давронов. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 25 с.
66. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Шеъри бедурӯғ – шеъри бениқоб [Матн] / Абдулҳусайн Зарринкӯб. Баҳс дар фунуни шоирӣ... – Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1372 ҳ. – 351 с.
67. Зеҳнӣ, Т. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. – 310 с.
68. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 328 с.
69. Имомов, М., Раҳмонов Ш. Бо азми парвоз [Матн] / М. Имомов, Ш. Раҳмонов // Хирмани андеша. – Душанбе: Адиб, 2009. – С. 123-126.

70. Имомзода, М.С., Кӯчарзода А., Абдуллозода М.А., Табарӣ М. Адабиёти тоҷик дар замони Истиқлол [Матн] / М.С. Имомзода, А. Кӯчарзода, М.А. Абдуллозода. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – 345 с.
71. Иқболӣ, Муаззама Аъзам. Шеър ва шоирон дар Эрони исломӣ [Матн] / Муаззама Аъзам Иқболӣ. – Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1363 ҳ. – 253 с.
72. Имронов, С. Энсиклопедияи советии точик [Матн] / С. Имронов. Ҷ.8. – Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 1988. – С. 78.
73. Кабиров, Ш. Мақоми забон аз дидгоҳи Мавлавӣ [Матн] / Ш. Кабиров // Офтоби маърифат (Маҷмуаи мақолот бахшида ба 800-умин зодрӯзи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ). – Душанбе: Пайванд. – 207. – С. 203-210.
74. Келдӣ, Г. Дар "Чорсӯ"-и хаёл [Матн] / Г. Келдӣ // Пешгуфтор ба маҷмуаи "Чорсӯ"-и Низом Қосим. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – С. 3-8.
75. Кӯчаров, А. Модарномаҳои устод Турсунзода ва Лоиқ Шералӣ [Матн] / А. Кӯчаров // Турсунзода: маҳорат ва садоқат. – Душанбе, 2011. – С. 46-56.
76. Кӯчаров, А. Нахли умед [Матн] / А. Кӯчаров // Роҳи ленинӣ. –1984. – №45. – 20 май. – С. 4.
77. Кӯчаров, А. Сӯзу сози қалби дардошно [Матн] / А. Кӯчаров // Садои коргар. – Кӯлоб: 1996. – С. 4.
78. Кӯчаров, А., Сироҷӣ, Н. Самари умри шоир [Матн] / А. Кӯчаров, Н. Сироҷӣ // Адабиёт ва санъат. – 2016. – №15. – 20 май. – С. 4.
79. Кӯчаров, А. Фаввораи ҳунари шоир [Матн] / А. Кӯчаров, Н. Сироҷӣ // Адабиёт ва санъат. – 2016. – № 31 (1794). – 30 июл. – С. 5.
80. Кӯчаров, А., Сирочӣ, Н. Алимуҳаммад Муродӣ – шоири ватансаро [Матн] / А. Кӯчаров, Н. Сироҷӣ // Адабиёт ва санъат. –2020. – №30 (2053). – 23 июл. – С. 12-13.
81. Қосимов, С. Рӯзгор ва осори Салими Хатлонӣ [Матн] / С. Қосимов. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 200 с.

82. Қулов, Д. Ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси бадеии он [Матн] / Д. Қулов. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 140 с.
83. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1997. – 212 с.
84. Маҷид, Салим. Шоире дар оғӯши табиат / Салим Маҷид // Адабиёт ва санъат. – 2020. – № 32 (2055). – 6 август. – С. 12-14.
85. Меликиён, Ф. Алимуҳаммад Муродӣ ва вижагиҳои ашъори ӯ [Матн] / Ф. Меликиён // Садои Шарқ. – 2020. – №8. – С. 142-144.
86. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Аз давраи қадим то асри XIII) [Матн] /Х. Мирзода. Китоби 1.– Душанбе: Маориф 1989.– 424 с.
87. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Х. Мирзода. – Душанбе: Маориф , 1992. – 240 с.
88. Мирзоюнус, М. Ҳамзоди тӯфон [Матн] / М. Мирзоюнус. – Душанбе: Адиб, 2007. – 256 с.
89. Мирзоюнус, М. Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо. Маҷмуаи мақолаҳо [Матн] / М. Мирзоюнус. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 516 с.
90. Мусулмонқуллов, Р. Асрори сухан [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон 1980. – 152 с.
91. Мусулмониён, Р. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Ирфон, 1984, – 224 с.
92. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.
93. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот [Матн] / Ғиёсиддин М. Иборат аз се ҷилд. – Ҷ.2 (Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи А. Нуров). – Душанбе: Адиб 1988. – 416 с.
94. Нарзиқул, М. Муқаддимаи шеършиносӣ (Вазни шеър) [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2004. – 76 с.
95. Нарзиқул, М. Вазни шеъри тоҷикӣ [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: МТБТ-и ДМТ. – 142 с.

96. Нуриддинов, О. Алимуҳаммад Муродӣ [Матн] / О. Нуриддинов // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи тоҷик, 1988. – 558 с.
97. Паёми бародарӣ. Маҷмуаи мақолаҳои оид ба робитаҳои адабии халқи тоҷик [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1972. – 244 с.
98. Поспелов, Г. Н. Теория литературы [Текст] / Г. Н. Поспелов. – М.: Высшая школа, 1978. – 351 с.
99. Раҳмонӣ, Р. Қосимӣ С. Адабиёти гуфтории тоҷикон [Матн] / Р. Раҳмонӣ, С. Қосимӣ. – Душанбе, 2020. – 352 с.
100. Раҳмонов, Ш. Нимо ва пайравони шеъри озод [Матн] / Ш. Раҳмонов // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2016. – № 15 (1830) 14-уми апрел. – С. 8-9.
101. Раҳмонов, Ш. Мусаммат: ташаккул ва тахаввули он [Матн] / Ш. Раҳмонов. – Душанбе:1987. – 148 с.
102. Раҷаб, У. Пешгуфтор [Матн] / У. Раҷаб // Дастниҳол. – Душанбе, 1983. – С. 3.
103. Рейснер, М.Р. Птицы в мистико-символических касыдах Санаи и Хакани (XII в) [Текст] / М Р. Рейнсер // Исследования по иранской филологии. – Вып. первый. – М., 1977. – 184 с.
104. **С**айфуллоев, А. Ҷанбаҳои ҳунарии шеъри Мирзо Турсунзода [Матн] / А. Сайфуллоев // Ифтихори миллат. – Душанбе, 2002. – С. 78-97.
105. Саторзода, А. Адабиёти тоҷик [Матн] / А. Саторзода. Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: Маориф, 2018. – 330 с.
106. Сафаров, У. Сиёвуши Касроӣ ва “шеъри нав”-и нави форсӣ [Матн] / У. Сафаров. – Душанбе, 1996. – 144 с.
107. Сирус, Б. Қофия дар назми тоҷик [Матн] / Б. Сирус. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1955. – 183 с.
108. Сирус, Б. Арузи тоҷикӣ. [Матн] / Б. Сирус. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 286 с.

109. Сируси, Ш. Анвои адабӣ [Матн] / Ш. Сирус. – Теҳрон, 1370. – 203 с.
110. Табаров, С. Пешгуфтор [Матн] / С. Табаров // Комсомоли Тоҷикистон. – 1978. – №24 (6343) . – 23 март. – С. 4-5.
111. Теория литературы [Текст]. В двух томах. Том 1. Под редакции Тамарченко Н. Д. – М.: Издательский центр «Академия», 2004. – 512 с.
112. Теория литературы [Текст]. В 2-х томах. Том 2. Под редакции Тамарченко Н. Д. – М.: Издательский центр «Академия», 2004. – 512 с.
113. Тоир, У. Таҳқиқ ва таълими аруз [Матн] / У. Тоир. – Душанбе: Дониш, 1995. – 193 с.
114. Тоиров, У. Фарҳанги истилоҳоти қофия [Матн] / У. Тоиров. – Душанбе: Маориф, 1997. – 196 с.
115. Тоиров, У. Фарҳанги истилоҳоти арузи Аҷам [Матн] / У. Тоиров. – Душанбе: Маориф, 1991. – 559 с.
116. Томашевский, Б. В. Теория литературы [Матн] Б. В. Томашевский. Поэтика. – Москва: Аспект-Пресс, 1999. – 334 с.
117. Халифазода, М. Ҷойгоҳи Алимуҳаммад Муродӣ дар адабиёти муосири форсу тоҷик [Матн] / М. Халифазода // Муродӣ, А. Шафақи шом. – Душанбе: Абдураҳмон-Р, 2020. – С. 399-422.
118. Хуросонӣ Алӣ Муҳаммад. Ғазал дар эҷодиёти Аттори Нишопурӣ [Матн] / Алӣ Муҳаммад Хуросонӣ // Меҳру муштарӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – 123 с.
119. Ҳакимов, А. Шеър ва замон [Матн] / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 252 с.
120. Ҳакимов, А. Масъалаҳои таҳқиқи шеъри ғиноӣ [Матн] / А. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, 2015. №4 – С. 143-151.
121. Ҳакимов, А. Дар каламрави сухан [Матн] / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – С. 142-191.
122. Ҳамроҳ, Ҷ, Эмомалӣ, С. Назарияи адабиёт [Матн] / Ҳамроҳ Ҷумъа, Эмомалӣ Сироҷиддин. – Матбааи ДМТ. – Душанбе, 2020. – 240 с.

123. Ҳафиз, Раҳмон. Пироҳани сабзи шеър [Матн] / Раҳмон Ҳафиз // Адабиёт ва санъат. – 2018. – № 35 (1954) . – 30 август. – С. 6-7.
124. Ҳодизода, Р., Шукуров, М., Абдуҷабборов, Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Р. Ҳодизода, М. Шукуров,. Т. Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 179 с.
125. Шакурӣ, М. Садри Бухоро [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 330 с.
126. Шамсов, Н. С., Ҳабибулло Файзулло ва мақоми ӯ дар назми солҳои 60-70-уми садаи 20 [Матн] / Н. С. Шамсов. – Душанбе: Матбааи Вазорати маориф ва илми ҶТ, 2015. – 201 с.
127. Шамс Қайси Розӣ. Ал-муъҷам [Матн] / Қайси Розӣ Шамс (муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп Урватулло Тоиров). – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
128. Шарифов, Х. Ташаккули услуб ва камолот [Матн] / Х. Шарифов // Садои Шарқ, 1982. – №6. – С.104-115
129. Шарифзода, Х. Сездаҳ мақола [Матн] / Х. Шарифзода. – Душанбе: Офсет-Империя, 2013. – 272 с.
130. Шарифов, Х. Сухан аз адабиёти миллӣ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с.
131. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 276 с.
132. Шарифов, Х. Инсон дар марзҳои шеъру шоирӣ [Матн] / Х. Шарифов // Сухан аз адабиёти миллӣ. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 276 с.
133. Шарифов, Х. Савти Аҷам [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Хазинаи адабиёти Тоҷикистон, 2002. – 208 с.
134. Шеърдӯст, А. Дарунмояи шеър [Матн] / А. Шеърдӯст // Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик. – Душанбе: Адиб, 1997. – С. 71-125.
135. Шеърдӯст, А. Мусиқӣ ва амовили оҳангзо дар шеър [Матн] / А. Шеърдӯст // Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик. – Душанбе: Адиб, 1997. – С. 189-230.

**III. Манобеи интернетӣ:**

136. www.litcarta.ru.
137. www.allenq.ru/d/lit/lit56.htm.
138. www.allenq.ru/d/lit/lit255.htm.
139. http://bestdomen.com/mirzo-tursunzoda.html
140. http://www.cit.tg/habib/
141. www.vorukh.ru/nazm/loik-sherali/page-2

## Б) РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Кӯчаров, А., Ҳасанов, И. (Саъдуллозода, И.С.) Мавқеи ғазал дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ [Матн] / А. Кӯчаров, И. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – № 4/9 (185). – С. 272-275.

[2-М]. Ҳасанов, И. Ҷойгоҳи рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ [Матн] / И. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе, 2017. – № 4/4. – С. 207-210.

[3-М]. Ҳасанов, И. Шеъри нав ва ҷойгоҳи он дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ [Матн] / И. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 1. – С. 214-217.

[4-М]. Ҳасанов, И. Истиора ва вижагиҳои он дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ [Матн] / И. Ҳасанов // Ахбори АМИТ. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2023. – С. 234-238.

## II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашриёҳои дигари илмӣ:

[5-М]. Ҳасанов, И. (Саъдуллозода, И.С.) Мавқеи рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ [Матн] / И. Ҳасанов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии адабиёти аҳди ҷадидия ва даврони шуравии тоҷик». – Душанбе: Сино, 2017. – С. 54-60.

[6-М]. Ҳасанов, И. Ҳунари шоирии Алимуҳаммад Муродӣ [Матн] / И. Ҳасанов // Масъалаҳои мундариҷа дар адабиёти тоҷики даврони Истиқлол. Мақолаҳо аз конференсияи ҷумҳуриявии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Душанбе, 02.12.2017). – Душанбе: Сино, 2018. – С. 80-85.

[7-М]. Ҳасанов, И. Ҷойгоҳи шеъри нав дар эҷодиёти А. Муродӣ [Матн] / И. Ҳасанов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодоноу кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди усутувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардуми», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон С. Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2018. – С. 519-520.